№ 1 Силсилаи хурд

*Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ*

14 рӯз

Нашри таълимӣ

# Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ

*Аъмоли зиёдро аз Худо интизор бош ва корҳои зиёдро барои Худо анҷом бидеҳ;*

*Уилям Гарей*

ГЕЛМУТ ХАЙБАЙЛ

Аъмоли зиёдро аз Худо интизор бош ва корҳои зиёдро барои Худо анҷом бидеҳ.

**Улиям Гарей**

# Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ

*Аз Рӯҳулқудс пур шудан*

**Гелмут Хаубайл**

**Гелмут Хаубайл**

Муаллиф ба ваъдаҳои Китоби Муқаддас рӯй оварда, маслиҳатҳои зиндагии рӯҳонии худро чӣ тавр ғанитару мавъизаи Инҷилро чӣ тавр самараноктар намуданро пешниҳод мекунад. Ӯ дигаргуниҳои аҷиберо, ки ҳам дар бисёр калисоҳо ва ҳам дар зиндагии одамони зиёд рух додаанд, вақте онҳо аз Худо мадад талаб намудаанд, нишон медиҳад. Ин китоб ҳамчунин таҷрибаҳои таҷдиди рӯҳониеро, ки одамон дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон аз сар гузаронидаанд, ба таваҷҷуҳи хонандагон пешкаш менамояд.

# М У Н Д А Р И Ҷ А


**САРСУХАН**

**ҚАДАМҲО ДАР МАСИРИ ТАҶДИДИ ШАХСӢ**

Чӣ чиз ба чунин таҳқиқи амиқи мавзӯи
«Ҳаёт дар Рӯҳулқудс» водор намуд?

**6**

СУХАНЕ ЧАНД БАРОИ РОҲБАРОНИ
ИМРӮЗА ВА ОЯНДА

**НАТИҶАҲОИ БЕҲТАРИНРО КОМЁБ ГАРДИДАН**

**8**

ФАСЛИ 1

**ҲАДИЯИ АРЗИШМАНДТАРИНИ НАҶОТДИҲАНДА**

Оё шумо бо даъвати махсуси Масеҳ ошно ҳастед?

**13**

ФАСЛИ 2

**МОҲИЯТИ МУШКИЛИҲОИ МО ДАР ЧИСТ?**

Оё сабаби рӯҳонии мушкилиҳои мо вуҷуд дорад?
Оё он дар беэътиноӣ ба Рӯҳулқудс нест?

**24**

ФАСЛИ 3

**МУШКИЛИҲОИ МОРО ЧӢ ТАВР ҲАЛ
КАРДАН МУМКИН АСТ?**

Чӣ тавр мо метавонем масеҳиёни хушбахту матин шавем?
Чӣ тавр Рӯҳулқудс метавонад ҳаёти моро пур кунад?

**52**

ФАСЛИ 4
**КАДОМ ДИГАРГУНИҲОРО МО МЕТАВОНЕМ ИНТИЗОР ШАВЕМ?**
Кадом афзалиятҳоро мо соҳиб мешавем, вақте ки ҳаёти мо аз Рӯҳулқудс пур аст?
Мо чиро аз даст медиҳем, агар дар ин бора дуо нагӯем?
**71**

ФАСЛИ 5
**КАЛИДИ ТАҶРИБАИ АМАЛӢ**
Чӣ тавр ман метавонам нақшаи Худоро нисбати худ амалӣ созам ва аз ин баракат ҳосил намоям? Чӣ тарз дуо гуфтан лозим аст, то ба пур шудан аз Рӯҳулқудс мутмаин бошам?
**96**

ФАСЛИ 6
**МОРО ДАР ПЕШ КАДОМ ТАҶРИБАҲО ИНТИЗОРАНД?**
Таҷрибаҳои шахсӣ, таҷрибаҳои калисоҳо, конференсияҳо ва унионҳо
**115**

**ФАСЛИ 7**
**ШАВҚ ВА ШАҲОДАТ**
Чӣ тавр ман метавонам ба шахси дигар дар пайдо кардани «ҳаёти бою фаровон» мадад расонам?
**129**

ЗАМИМА
**ДАСТУРАМАЛ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ БАРНОМАИ «40 РӮЗ»**
**142**

*Худованд Худ ба мо амр мекунад:*

# «АЗ РӮҲУЛҚУДС ПУР ШАВЕД» (ЭФСУСИЁН, 5:18)[1].

# БА РӮҲУЛҚУДС ИҶОЗАТ ДИҲЕД ШУМОРО БОЗ ВА БОЗ, ПАЙВАСТА ВА БА ТАВРИ ФАРОВОН ПУР КУНАД![2]

[1] Э. Уайт. Мавъизаи Масеҳ бар фарози кӯҳ, с. 20 (аслӣ)..

[2] J. Mager, Auf den Spuren des Heiligen Geistes (Lüneburg, 1999), S. 101.

М У Қ А Д Д И М А

# ҚАДАМҲО ДАР МАСИРИ ТАҶДИДИ ШАХСӢ

*Аз Рӯҳулқудс пур шудан*

### *Чӣ чиз ба чунин таҳқиқи амиқи мавзӯи "Ҳаёт дар Рӯҳулқудс" водор намуд?*

14 августи соли 2011, вақте ки ман дар коммунаи Кандергрунди Швейтсария дар баландиҳои кантонаи[3] Берн будам, баногоҳ ҳақиқати муҳимме – сабаби рӯҳоние, ки аз боиси он ҷавонони мо аз калисо мераванд, ба ман ошкор гашт. Ин ба ман сахт таъсир кард, вақте фарзандон ва набераҳои худамро ба хотир овардам. Ва шурӯъ аз ҳамон замон ман ин мавзӯи ҷиддиро таҳқиқ мекунам.

Имрӯз ман мутмаинам, ки ин сабаб ҳам дар сатҳи калисоҳои маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи калисои умумиҷаҳонӣ боиси мушкилиҳои дигар, ба вижа мушкилиҳои шахсӣ низ мегардад. Ин–норасоии Рӯҳулқудс аст.

Ва ин агар дар ҳақиқат ҳамин тавр бошад, пас мо бояд ба ин масъала бо тамоми ҷиддият муносибат кунем. Ҳангоме ки мо ин ниёзро қонеъ мегардонем ё ҳеҷ набошад хеле кам мекунем, бисёр мушкилиҳои дигар дарҳол камаҳаммият мегарданд ё умуман нест мешаванд.

[3] Кантонҳо – воҳидҳои бузургтарини давлатӣ-ҳудудии Конфедератсияи Швейтсария

- **Муҳаққиқони дигар дар бораи ин мушкили чӣ мегӯянд?**
- **Эмил Бруннер,** фақеҳи протестант, навишта буд, ки *«дар миёни масъалаҳои фиқҳ Рӯҳулқудс ҳамеша мақоми писарандарро ишғол мекард»*[4].
- **Д. Мартин Ллойд-Ҷонс,** фақеҳ ва воиз: *«Бо иҷозати шумо ман фикри худамро баён мекунам: ҳеҷ кадом дигар таълимоти Китоби Муқаддас дар чунин ҳолати беэътиноӣ қарор надорад, магар таълимот дар бораи Рӯҳулқудс... Ман мутмаинам, ки маҳз ба ҳамин сабаб имони протестантӣ ин қадар заиф гардидааст»*[5].
- **Ле Рой Фрум,** муаррихи калисо: *«Ман мутмаинам, ҳузур надоштани Рӯҳулқудс – ин аст мушкилии бузургтарини мо»*[6].
- **Дуайт Нелсон,** воиз: *«Калисои мо то дами беҳолӣ сари офаридани шаклҳои бобарор, нақшаҳо ва барномаҳо заҳмат мекашад, вале агар мо муфлисии рӯҳонии худро (норасоии Рӯҳулқудсро), ки ба сари хизматгузорон ва роҳбарон омадааст, дарк накунем, пас ҳаргиз аз чорчӯбаи "масеҳияти зоҳирӣ" берун баромада наметавонем»*[7].

Мо таҳқиқи худро аз чанд сухани Худи Худованд дар бораи Рӯҳулқудс оғоз мекунем. Вале қаблан...

---

[4] J. Mager, Auf den Spuren des Heiligen Geistes, (Lüneburg, 1999), Cover.

[5] D. Martin Lloyd-Jones, Vollmacht,Telos-Taschenbuch Nr. 385, Marburg 1984, p. 72.

[6] L. Froom, The Coming of the Comforter (Hagerstown, 1949), p. 94.

[7] Editor Helmut Haubeil, Missionsbrief Nr. 34 (Bad Aibling, 2011), Seite 3.

СУХАНЕ ЧАНД БАРОИ
РОҲБАРОНИ ҲОЗИРА ВА ОЯНДА

# НАТИҶАҲОИ БЕҲТАРИНРО БА ДАСТ ОВАРДАН

Роҳбари азиз!

Оё шумо мехоҳед, ки калисоятон ҳам рӯҳан ва ҳам миқдоран рушд кунад? Аммо… Оё ин имрӯз имконпазир аст? Бале, ин яқинан имконпазир аст. Чӣ хел? *«На бо неруи ҳарбӣ ва на бо қудрати инсонӣ, балки бо Рӯҳи Ман»* (Закариё, 4:6). Ин дар амал чӣ тавр сурат мегирад? Барои ба ин суол посух ёфтан ҳамаи мо бояд таълим бигирем ва аксаран – аз якдигар.

Шаҳодатҳои дар китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» ҷойдодашуда нишон медиҳанд, ки он метавонад барои шумо низ басо арзишманд бошад. Вале барои рушди рӯҳонӣ ва миқдорӣ танҳо хондану паҳн кардани китобе кофӣ нест. Ба ин раванд аз самими қалб бояд ҷалб шуд. Бигзор Худованд ин масирро бо Рӯҳи Худ ба мо нишон диҳад. Ин масир аз чанд қадам иборат аст. Қадами нахустин ва одитарин – ин хондани китоб аст. Таҳқиқотҳои педагогӣ нишон доданд, ки барои дарк намудани чунин мавзӯи ҳаётан муҳим онро аз шаш то даҳ маротиба хондан лозим аст. Инро дар худ санҷида бинед. Натиҷаҳо шуморо дар ҳайрат хоҳанд гузошт.

Ду шаҳодат аз воиз ва роҳбари шуъбае дар яке аз унионҳои ИМА ба мо ёрӣ мерасонанд дарк намоем, ки чи чиз метавонад рух диҳад.

**Шаҳодати 1:** Ман китоби шумо «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ»-ро се маротиба мутолиа намудам. Ҳеҷ гоҳ фикр намекардам, ки метавонам чунин ҳақиқатҳои навро дар бораи дуо ошкор бисозам, ҳақиқатҳоеро, ки бар ваъдаҳои Худо асос ёфтаанд, чунонки шумо менависед. Шурӯъ аз он замон **Худо дар ҳаёти ман ба чунин ғалабаҳое даст ёфт, ки ман ба худ тасаввур карда наметавонистам.** Баъдтар маро барои дар ҷамъомади лагерӣ мавъиза гуфтан даъват намуданд.

Ва ман мавъизаи худро бар асоси мавзӯи китоби шумо баён кардам. 26 июни соли 2017. – Ф. С.

**Шаҳодати 2:** Вақте ки ман мутолиаи китоби шуморо оғоз намудам (ман онро, чунонки шумо тавсия медиҳед, шаш маротиба хондам), ман аз рӯйи ваъдаҳо дуо гуфтанро ёд гирифтам ва зиндагии ман комилан дигар шуд… Худованд маро талқин намуд, то мавъизаро барои ҷамъомади лагерӣ дар бобати ниёзи бузургтарини мо, дар бобати борони рӯҳбахши Рӯҳи Худо омода созам. **Дар тӯли тамоми солҳое, ки ман ба хизмати Худо бахшидам, ҳаргиз инчунин неруи Рӯҳулқудсро, ки дар миёни қавми Худо амал мекунад, эҳсос накардам, чунонки ин дар он ҷамъомад бо се ҳазор ҳозирин рӯй дод.** Ҳамсари ман дар худи ман дигаргуниҳои амиқро мушоҳида кард. Ман худам низ аз ин дигаргуниҳо дар ҳайрат мондаам. 25 июли соли 2017. – Ф. С.

**Таманнои ман:** Иҷозат диҳед ба шумо ҳамчун бародари калонӣ як маслиҳат диҳам: дуо гӯед ва ин китоби хурдро бо яке аз наздикони худ чанд маротиба бихонед. Ин ба афзоиши гурӯҳ, калисо ё конференсияи шумо таъсири назаррас хоҳад расонд.

**Қадами дигар – он чиро ки ошкор намудед ва таҷрибаеро, ки аз худ кардед ба воиз, роҳбарон ва аъзои калисо баён кунед.** Ба қалбу дарки онҳо расонидани ин ҳақиқат хеле муҳим аст. Бо чунин қадамҳо кор аллакай дар Эфиопия (Ҳабашистон) шурӯъ гардидааст. Моҳи июли соли 2017 дар анҷоми «Ҳафтаи таҷдидёбӣ» панҷсад нафар воиз ин китобро бо забони амхарӣ ба даст оварданд. Униони шимолии Филиппин ба якуним ҳазор усқуфоне, ки дар конфронси дуогӯйӣ моҳи июли соли 2017 ҷамъ омада буданд, яккитобӣ ба забони филиппинӣ туҳфа кард.

## Баланд бардоштани майлу рағбат

Шаҳодатҳои худро ба дӯстон ва ба мо баён кунед. Онҳо илҳоми зиёд мебахшанд. Аз рӯйи зарурат шумо низ метавонед аз таҷрибаҳо дар сомонаи www.steps-to-personal-revival.info — Testimonies истифода баред.

**«Чӣ тавр шавқманд созем?»** Дар ин қисм баъзе тавсияҳои арзишманд номбар шудаанд. Яке аз онҳо хеле одӣ аст – мутолиаи якҷоя. Семинари махсус низ таъсири пурзӯр мерасонад. Шумо метавонед онро худатон гузаронед, меҳмони махсусро даъват намоед ё наворро истифода баред. Мутолиаи якҷояи ин китоб қабл ё баъд аз семинар самараи боз ҳам бештар меорад.

**Ғояи (консепсияи) «40 рӯз»: аз 17 то 65 имондор**

Калисои хурдакаке дар минтақаи Кёлн-Калк аз 17 нафар иборат буд, ки дар миёни онҳо олмониҳо, испаниҳо ва португалиҳо буданд. Воиз Д. Лотс ба онҳо дар барномаи «40 рӯз» иштирок карданро пешниҳод намуд. Онҳо китоби «40 рӯз»-ро ду нафарӣ омӯхта, ҳар кадоме барои панҷ нафар аз дӯстони беимони худ дуо мегуфт ва бо онҳо робита дошт. Дар рӯзи чилум онҳо барои меҳмонон ибодати рӯзи шанберо барпо намуданд ва барномаи дуҳафтаинаи мавъизаи Инҷилро оғоз карданд. Дар муддати кӯтоҳ дар калисои онҳо 13 нафар таъмид гирифт. Дар тӯли чор соли баъд онҳо ин барномаро боз чанд маротибаи дигар такроран гузаронданд ва аъзои калисои онҳо то 65 нафар зиёд шуд. (Барои дар хусуси ғояи барнома маълумоти бештар пайдо кардан, китоби «40 рӯз»-ро бихонед, дар фасли «Таҷрибаҳо» шумо шаҳодатро аз Кёлн пайдо мекунед, он зери рақами 19 навишта шудааст).

**Лугано – вилояти италиёзабони Швейтсария, минтақаест, ки аҳолии он бағоят худобехабаранд.**

Воиз Матиас Мааг баъди хондани китоби Деннис Смит бо номи «40 рӯз» таҷрибаҳои ғайриодиро ҳангоми иҷрои кори мубаширии худ дар Африқои Ҷанубӣ аз сар гузаронд. Баъди ба Швейтсария баргаштан ӯ фавран ба кор аз рӯйи ин ғоя (консепсия) шурӯъ кард. Дар соли аввал дар калисои ӯ 15 нафар таъмид гирифтанд, ки ин барои ин минтақа хеле аҷиб аст.

Дар миёни таъмидгирифтагон зане буд, ки то ин дам аллакай муддати 15 сол ба калисо меомад, вале барои бо Худованд аҳд бастан ҳеҷ ҷуръат намекард. Баъди 40 рӯзи дуогӯйиҳо ӯ ин қарорро қабул кард.

**Шаҳодати ҷавонон.** Алина ван Ренсбург нақл мекунад: «Ман роҳбарии шӯъбаи ҷавонони конференсияи Квинсленди Ҷанубиро (Австралия), ки 12 200 имондор аъзои он мебошанд, ба уҳда дорам. Дар оғози ин сол ҷавондухтаре китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ»-ро ба ман тухфа кард. Китоб то умқи дил маро тасхир кард. Дар он ҳамон мавзӯе таҳқиқ карда мешавад, ки кайҳо боз қалби ҳамсари ман ва худи манро безобита кардааст: бедоршавӣ ба воситаи Рӯҳулқудс! Ман метавонам таҷрибаҳои зиёди ба ҳақиқатҳои ин китоби хурд марбутро ба шумо нақл намоям. Кӯтоҳи гап, ин китоб ба мо баракати бузург овард. Грег Прат, роҳбари Шуъбаи шогирдӣ ва рушди рӯҳонӣ дар конференсияи мо, ба ман боз 300 нусхаи ин китобро овард, ки ман онҳоро ба роҳбарони ҷавонон дар яке аз вохӯриҳо ҳамин сол тақсим кардам. Ҳозир ман мехоҳам боз 150 нусхаи дигар пайдо кунам, то дар миёни ҷавонон дар ҷамъомади лагерӣ пахн намоям ва онро якҷоя бо онҳо дар гурӯҳҳо бихонам».

### 366 таъмид + 35 нафаре, ки дар машғулиятҳои омодагӣ ба таъмидгирӣ иштирок карданд

Котиби униони Бурунди Паул Иракоза мегӯяд, ки ба шарофати таъсире, ки ин китоб расонд, наздики 320 аъзои собиқи калисо баргаштанд. Моҳи марти соли 2017 онҳо тавассути таъмиди такрорӣ аъзои оилаи калисо гардиданд. Дар ин унион 130 ҳазор адвентист ҳаст ва дар он 100 ҳазор нусхаи китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ», дар тарҷумаи забонҳои маҳаллӣ, тақсим карда шуд.

**Ношунавоён ва одамони шунавоияшон суст** дар яке аз унионҳо ин китобро се маротиба мутолиа намуданд ва баъд таҷрибаи худро ба дигарон баён карданд. Натиҷа – 25 нафар танҳо аз миёни ҳамин гурӯҳ дар моҳи марти соли 2017 таъмид гирифтанд.

**Маҳбусон.** Мо ин китобро ба имондороне, ки дар маҳбаси Мпимби буданд, туҳфа кардем. Онҳо аз Рӯҳулқудс таҳрик ёфта, аз имони худ шаҳодат доданд. Чанде пеш 21 маҳбус таъмид гирифт ва боз 25 нафари дигар омодагӣ мебинанд. Китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» чунин самар медиҳад.

**Донишҷӯён.** Хизматгузори калисо Дуайт Нилсон, яке аз воизони асосӣ дар Донишгоҳи Андрюс, иқрор шуд, ки ба шарофати ин китоб зиндагии ӯ тағйир ёфт. 2 сентябри соли 2017 ӯ силсилаи мавъизаҳои «Дар маркази таркиш ва Ислоҳоти нав: чӣ тавр аз Рӯҳулқудс таъмид бигирем?»-ро оғоз намуд. Ӯ ин китобро дар рӯнамоии барномаи худ истифода мебарад ва аз он иқтибос меорад, инчунин онро ба шунавандагони барномаҳои худ тавсия медиҳад. Баъди се лексияи аввал дар сомона беш аз чор ҳазор нусхабардории ин мавъизаҳо ба қайд гирифта шуд. Истинод ба мавъиза: https://www.pmchurch.tv/sermons

Роҳбари муҳтарам! Биё дар Рӯҳулқудс рушд кунем. «Худованд Худ ба мо амр медиҳад: *“Аз Рӯҳ пур шавед”»* (Мавъизаи Масеҳ бар фарози кӯҳ). Масеҳ ва Рӯҳулқудс, ки дар қалби мо сокинанд, моро *«мубашшири Сион»* (Ишаъё, 40:9) мегардонанд. Суханони Масеҳро дар хотир дор: *«Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват (қобилият, захираҳо, қудрат) хоҳед ёфт ва... шоҳидони Ман хоҳед буд»* (Аъмол, 1:8). *«На бо неруи ҳарбӣ ва на бо қудрати инсонӣ, балки бо Рӯҳи Ман»* (Закариё, 4:6).

*Бародари ту дар Исои Масеҳ,*
*Гелмут Хаубайл.*

ФАСЛИ 1

# ҲАДИЯИ АРЗИШМАНДТАРИНИ НАҶОТДИҲАНДА

## ИСОИ МАСЕҲ ДАР БОРАИ РӮҲУЛҚУДС ЧӢ ГУФТААСТ?

*Оё шумо бо даъвати махсуси Исои Масеҳ ошно ҳастед?*

**Чанд таҷрибаи шахсӣ:**

**Ба қафо ҷониби «муҳаббати аввалин».** Хоҳаре ба ман нома навишт: «Мо бо дугонаам китоби "40 рӯз"-ро аллакай маротибаи сеюм бо навбат бо китоби "Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ" омӯхта истодаем. Агар аз рӯйи виҷдон иқрор шавам, имони мо ва дуо дар зиндагии мо кайҳо боз неруи пешинаи худро гум кардаанд. **Мо бисёр сахт мехостем "муҳаббати аввалин"**-и худро баргардонем. Баъди бо ин китобҳо шинос шудан, ин ба мо муяссар гашт. Мо Худоро аз самими қалб шукр мегӯем. Аҷиб аст, ки Падари меҳрубони мо ба дуоҳо посух мегӯяд ва нишон медиҳад, ки Рӯҳи Ӯ дар қалби мо ва қалби он касоне, ки мо барои онҳо дуо мегуфтем, чӣ тавр амал мекунад». – М. С.

**Исои Масеҳ ба ҳаёти мо ворид шуд.** Боз як нафари дигар дар бораи ин китобҳо ба ман мактуб навишт: «Ин китобҳо дар ҳаёти ман баракатҳои бузургу хости дил гардиданд. Дар ҳаёти рӯҳонии бародарону хоҳарони ман, ба мисли зиндагии ман, ҳамеша чӣ чизе намерасид. Вале акнун мо дар ҳақиқат эҳсос намудем, ки чӣ тавр Исои Масеҳ ба ҳаёти мо ворид шуд. Ӯ кори Худро дар қалби мо идома медиҳад ва мо қадам ба қадам ба Ӯ наздик мешавем». – С. К.

**Оё шогирдони Масеҳ чунин суол дода буданд: барои чӣ Исои Масеҳ чунин қудрат ва нуфузи бузургро соҳиб аст?**

Шояд, гап дар бисёр дуо гуфтани Ӯ бошад? Бинобар ин онҳо хоҳиш карданд: *«Худовандо! Дуо гуфтанро ба мо ёд деҳ»*. Ва Масеҳ хоҳиши онҳоро қонеъ гардонд.

Сабақи дуои Ӯ, ки дар Луқо, 11:1–13 навишта шудааст, аз се қисм иборат аст: дуои Худованд, масал дар бораи дӯсте, ки шаб ба меҳмонӣ меояд ва дар анҷом – авҷи сабақ – хоҳиш дар бораи Рӯҳулқудс.

Масал (оятҳои 5–8) дар бораи шахсе сухан мегӯяд, ки шом дер дӯсташ ба меҳмонӣ омад, вале ӯ ҳеҷ чиз надошт, то вайро меҳмондорӣ кунад. Ин шахс, ки ниёзро эҳсос мекунад, ба ҳамсояи худ муроҷиат карда, мефаҳмонад: «Ман **чизе надорам,** ки пеши дӯстам гузорам» ва нон мепурсад. Ӯ то дами иҷро гардидани хоҳишаш илтимос мекунад. Ва инак ӯ нон пайдо мекунад – нони ҳаёт – барои худ ва дӯсташ. Ва акнун ӯ метавонад ин нонро ба дӯсташ пешниҳод намояд.

Акнун Исои Масеҳ робитаи ин масал ва мушкилиҳои онро (чизе надорам, ки гузорам) бо хоҳиш дар бораи Рӯҳулқудс муайян мекунад: *«Ман ба шумо мегӯям: биталабед ва ба шумо дода хоҳад шуд»* (Луқо, 11:9). Баъди ин

**Даъвати махсуси Масеҳ меояд: инак, Рӯҳулқудсро биталабед.**

Ин порча аз Китоби Муқаддас аст, ки Исои Масеҳ дар он дар бораи Рӯҳулқудс талаб карданро бо қатъият амр медиҳад. Ман ягон ҷойи дигарро дар Китоби Муқаддас намедонам, ки Исои Масеҳ моро ба чизе бо чунин муҳаббат бовар кунонад. Ин оятҳо дар сабақи дуои Ӯ дар Луқо боби 11 навишта шудаанд. Дар ин ҷо Ӯ даҳ маротиба такрор мекунад, ки мо бояд дар бораи Рӯҳулқудс хоҳиш кунем.

*«Ва Ман ба шумо мегӯям:* ***биталабед*** *ва ба шумо дода хоҳад шуд;* ***биҷӯед,*** *хоҳед ёфт; дарро* ***бикӯбед,*** *он ба рӯятон кушода хоҳад шуд. Зеро ҳар кӣ* ***биталабад,*** *мегирад ва ҳар кӣ* ***биҷӯяд,*** *меёбад ва ҳар кӣ дарро бикӯбад, он ба рӯяш кушода мешавад. Ва кист аз шумо, ки падар бошад ва писараш аз ӯ нон* ***биталабад*** *ва санге ба вай бидиҳад? Ё моҳӣ* ***биталабад,*** *ва ӯ ба ҷойи моҳӣ, море ба вай бидиҳад? Ё, агар тухме* ***биталабад,*** *каждуме ба вай*

*бидиҳад? Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое, ки аз Ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод»* (Луқо, 9–13).

Исои Масеҳ дар ин оятҳо шаш маротиба калимаи «биталабед»-ро истифода мебарад. Ӯ инчунин онро иваз мекунад ё бо феъли «ҷустан» (ду маротиба) ва «кӯфтан» (ду маротиба) тақвият мебахшад. Аҷиб аст, ки ин ду феъл амали фаъолро ифода мекунанд.

Наход Исои Масеҳ мехоҳад нишон диҳад, ки барои аз Рӯҳулқудс пур шудан иқдомҳои фаъолонаро ба роҳ мондан лозим аст? Дар ҷумлаи охирин мо ибораи «ҳар кӣ биталабад»-ро пайдо мекунем, ки дар нусхаи аслии юнонии ин матн он дар замони давомдор омадааст. Ин маънои онро дорад, ки як маротиба пурсидан кофӣ нест, ин корро давом додан лозим аст. Ба ин тариқ, Исои Масеҳ на танҳо муҳим будани ин хоҳишро қайд мекунад, Ӯ интизор аст, ки мо дар ин кор боғайрат хоҳем буд. Наҷотдиҳанда бо даъвати самимонаи Худ мехоҳад дар вуҷуди мо иштиёқро ба Рӯҳулқудс бедор созад. Ин мароҷиати боисрор эътимоди Масеҳро ба он нишон медиҳад, ки мо як чизи муҳимро аз даст медиҳем, агар дар бораи нузули Рӯҳулқудс пайваста дуо негӯем. Ӯ бо тамоми неру кӯшиш мекунад, то таваҷҷуҳи моро ба ниёз ба Рӯҳулқудс ҷалб намояд. Худованд хоҳони он аст, то мо баракатҳои фаровонро аз зиндагӣ дар Рӯҳулқудс дарёфт намоем.

Дар китоби «Сабақҳои аёнии Масеҳ» чунин навишта шудааст: «Худо намегӯяд: “Як маротиба биталабед ва ба шумо дода хоҳад шуд”. Ӯ моро ба пайваста хоҳиш кардан ҳавасманд мекунад. Дар дуоҳои худ боисрор бошед. Хоҳишҳои пайваста сабаби самимонатару амиқтар гардидани муносибатҳои шахси хоҳишкунанда мегарданд ва хоҳиши чизеро ба даст овардани ӯ меафзояд»[1].

Баъд Масеҳ се мисоли инъкоскунандаи рафтореро меорад, ки ҳатто барои падарони гуноҳкори заминӣ қобили қа-

[1] Э. Уайт. Сабақҳои аёнии Масеҳ, с. 140 (аслӣ)..

бул нестанд. Ҳамин тавр, Ӯ мехост ба мо нишон диҳад, ки барои Падари Осмонӣ низ рад кардани хоҳишҳои мо дар бораи Рӯҳулқудс қобили қабул нест. Исои Масеҳ мехоҳад, то мо ба он дилпур бошем, ки Рӯҳулқудсро дарёфт менамоем, агар Ӯро ба таври лозима илтиҷо кунем. Инак, мо ба ин ва ба ваъдаҳои дигар умед баста, метавонем бо имон хоҳиш кунем, чун медонем, ки чизи хоҳишкардаамонро аллакай гирифтаем (1 Юҳанно, 5:14, 15; ин мавзӯъ дар фасли 5-ум муфассалтар баён ёфтааст).

Наҷотдиҳанда инчунин қайд мекунад: агар мо Рӯҳулқудсро пайваста талаб накунем, он гоҳ як чизи хеле муҳимро аз даст медиҳем. Ӯ таваҷҷуҳи моро ба ниёз ба нузули Рӯҳулқудс ҷалб месозад ва хоҳони он аст, то мо баракатҳои фаровонро аз зиндагӣ дар Ӯ пайваста ба даст биёрем.

Ин қисми сабақи дуои Ӯ беназир аст. Рӯҳулқудс – ин атои бузургтарини Худост, ки ҳама атоҳои дигар шомили Он мебошанд. Маҳз Он атои Исо ба шогирдони Худ ва далели равшани муҳаббати Ӯ гардид. Комилан равшан аст, ки чунин атои арзишмандро ба ҳеҷ кас бар хилофи иродааш зӯран талқин намекунанд. Рӯҳулқудс танҳо ба касе, ки хоҳиши ба даст овардани Ӯро изҳор мекунад, ба касе, ки Ӯро қадр менамояд, ба касе, ки худро ба дасти Исо супурдааст, дода мешавад. Инчунин Он ба касоне дода шудааст, ки зиндагии онҳо зиндагии худбахшоӣ ва хизмат гардидааст (Юҳанно, 15:4, 5).

Худбахшоӣ – чунин маъно дорад:

- Дар роҳи бо Худо наздик будан ҷаҳд кардан (*«ҳар кӣ ташна бошад»* - Юҳанно, 7:37).
- Ба Худо имон доштан (*«Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунонки дар Навиштаҳо гуфта шудааст...» – Юҳанно,* 7:38).
- Худро бо эътимод пурра ба Ӯ бахшидан (*«ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед»* – Румиён, 12:1)
- Дар ҳама кор ба Худо пайравӣ кардан (*«фармонбардорони Ӯ»* – Аъмол, 5:32).
- Аз роҳи худ даст кашидаю дар роҳи Худо қадам ниҳо-

да, ба иродаи Ӯ итоат кардан (*«тавба кунед ва...таъмид бигиред»* – Аъмол, 2:38).

- Бадиро дар қалби худ ҷой надодан (*«Агар дар дили худ таблисро медидам, Худованд маро намешунид»* - Забур, 65:18).
- Ниёзи бузурги худро дарк ва эътироф кардан (*«ман чизе надорам, ки пешаш бимонам»* – Луқо, 11:6).
- Пайваста дар бораи Рӯҳулқудс илтиҷо кардан (Луқо, 11:9–13).

Инак, бо ба асос гирифтани интизориҳои Худо нисбат ба мо, ки дар боло зикр ёфтаанд, ин ато то кадом андоза арзишманд аст? Шумо баъди хондани ин талаботҳо, бешак, дарк хоҳед кард, ки нокомилиҳо дар ҳаёти шумо чӣ қадар зиёданд.

Ман қарор додам ҳар рӯз дар бораи хоҳиши Рӯҳулқудсро бар асоси матни Юҳанно, 7:37: *«Ҳар кӣ ташна бошад, назди Ман биёяд ва бинӯшад»*[2], ба даст овардан дуо гӯям.

**Биёед ин тавр дуо мегӯем:** «Худованд Исо, ман ба ҳама талаботҳои Ту барои дарёфтани Рӯҳулқудс қатъан “бале” мегӯям. Аз самими қалб илтиҷо мекунам, то Ту имрӯз онҳоро дар вуҷуди ман амалӣ намоӣ». Худои аҷиби мо иштиёқманд аст ва бо бесабрӣ интизор аст, то ин талаботҳо дар ҳаёти мо воқеӣ гарданд.

### Рӯҳулқудс – манбаи ҳаёти пурфайзу фаровон.

Мувофиқи суханони Масеҳ Ӯ барои чӣ ба замин омад?

*«Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд»* (Юҳанно, 10:10).

Исои Масеҳ хоҳони он аст, то мо аллакай имрӯз афзалияти ҳаёти навро эҳсос намоем ва аз баракатҳои он баъди Дуюмбора омадани Ӯ дар ҳаёти ҷовидона дар Малакути Худо ба андозаи комилан нав ҳаловат барем.

Ӯ инчунин нишон медиҳад, ки манбаи чунин ҳаёти пурба-

---

[2] Бо ин ваъда умед баста, дуо гуфтан хеле муҳим аст. Агар шумо дар ин хусус бештар донистан бихоҳед, лутфан, фасли 4-уми китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ»-ро бихонед.

ракат Рӯҳулқудс аст: *«Ҳар кӣ ташна бошад, назди Ман биёяд ва бинӯшад. Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд. Ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт...»* (Юҳанно, 7:37–39).

«Наҳрҳои оби ҳаёт» – чӣ гуна тасвири олии ҳаёти пурфайзу фаровон!

**Оё Масеҳ, ки дар замин зиндагӣ кард, намунаи муносибе аз Худ боқӣ гузошт?**

Мо медонем, ки муъҷизаи Якумбора омадани Масеҳ ба шарофати Рӯҳулқудс ба амал омад (Матто, 1:18). Мо инчунин медонем, ки Исои Масеҳ баъди таъмид гирифтан дуо гуфт: «Ва Рӯҳулқудс дар шакли ҷисмонӣ, чун кабӯтаре, бар Ӯ нозил шуд» (Луқо, 3:22). Дар чунин вазъиятҳо чӣ қадар муҳим ва зарур буд, то Масеҳ Рӯҳулқудсро ҳар рӯз пайдо кунад? Иқтибосе аз Э. Уайт меорам:

*«Масеҳ ҳар субҳ бо Падари Осмонӣ муошират намуда, ҳар рӯз аз ҷониби Ӯ бо Рӯҳулқудс таъмид дода мешуд»*[3].

Дар китоби «Аъмоли ҳаввориён» чунин суханон зикр ёфтаанд: «Тасаллии аҷиб барои заҳматкаши фидокор дар он аст, ки ҳатто Масеҳ дар тӯли зиндагии заминии Худ файзеро, ки Ӯ ба он ниёз дошт, ҳар рӯз аз Падар хоҳиш мекард...»[4].

Исои Масеҳ барои мо намунаи беҳтарин аст. Биёед аз худ суол мекунем: агар Исои Масеҳ ҳар рӯз ба таҷдид аз Рӯҳулқудс ниёз дошт, пас ин то кадом андоза барои ҳар яки мо муҳим аст?

Павлуси ҳаввори сабақи Масеҳро хуб аз худ намуд. Ӯ дар номаи худ ба калисои Эфсус (Эфсусиён, 1:13) имондоронро ба зарурати дар лаҳзаи имоноварӣ аз Рӯҳулқудс таъмид гирифтан бовар мекунонад. Дар Эфсусиён 3:16, 17 Павлус онҳоро ба қавӣ ва мустаҳкам гардидан дар Рӯҳ ҳидоят мекунад, дар матни 5:18 ӯ ҳамчун ҳавворӣ даъват менамояд: *«аз Рӯҳ пур шавед», яъне «ба Рӯҳулқудс иҷозат диҳед ҳар рӯз ва пайваста*

---

[3] E.G.White, Signs of the Times, November 21, 1895, par. 3.

[4] Э. Уайт. Аъмоли ҳаввориён, с. 56 (аслӣ)..

*қалби шуморо пур кунад»*[5]. Инак, ҳатто агар мо як бор, ҳангоми аз олами боло таваллуд ёфтан Рӯҳулқудсро пайдо кардаем, мо ба он ниёз дорем, то Ӯ пайваста дар мо таҷдид ёбад. Таъмиди ҳаррӯза аз Рӯҳулқудс барои рушд рӯҳонӣ ва ҳаёти амалии масеҳӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар яке аз китобҳои дарси рӯзи шанбе дар бораи матни Эфсусиён, 5:18 чунин навишта шудааст: «Аз Рӯҳулқудс таъмид гирифтан чӣ маъно дорад? Дар Аъмол, 1:8 Исои Масеҳ инро Худ дар ибораи монанд шарҳ дод. Шумо *"бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт"* (Аъмол, 1:5), *"вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад"* (Аъмол, 1:8). Таъмидгирифта будан – маънои ба таври пурра дар чизе ғарқ шуданро дорад, одатан дар об. Аз Рӯҳулқудс таъмид гирифтан маънои онро дорад, ки шахс пайваста зери таъсири Рӯҳ қарор мегирад, қалбаш аз Рӯҳ пур аст (Эфсусиён, 5:18). Ин таҷриба "як бор ва барои ҳамеша" рӯй намедиҳад, балки ба таҷдиди доимӣ ниёз дорад»[6].

### Суханони хайрбодии Масеҳ ва Рӯҳулқудс

Исои Масеҳ қабл аз суудаш дар суханони охирини Худ шодию умедро ворид сохт. Масеҳ гуфт, ки онҳо ба ҷойи Ӯ Рӯҳулқудсро пайдо мекунанд. Дар Юҳанно, 16:7 Исо ба шогирдони Худ як чизи аҷиброро баён мекунад: *«Лекин ба шумо рост мегӯям: рафтани Ман барои шумо беҳтар аст; зеро агар Ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад; ва агар биравам, Ӯро назди шумо мефиристам».*

### Тасмими наву беҳтар

Масеҳ ба шогирдон гуфт: *«Барои шумо беҳтар аст, агар Ман биравам».* Ин маънои онро дорад, ки ҳолати нав, вақте Масеҳ ба воситаи Рӯҳулқудс бо мо мемонад, беҳтар аст, аз он ки агар Масеҳ шахсан ҳузур медошт. Бо ин роҳ Ӯ дастрасии номаҳдудро ба ҳар инсон, новобаста аз он ки Ӯ Худ дар куҷо ҳузур дорад, пайдо мекунад.

---

[5] Johannes Mager, Auf den Spuren des Heiligen Geistes, (Lüneburg, 1999), Seite 101.
[6] Китобчаи омӯзиши Каломи Худо дар дарси рӯзи шанбе, 17 июли 2014 с.

**Таҷрибаи шахсии як муаллим ва донишҷӯ**

«Тахминан як сол пеш китоби Г. Хаубайл “Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ”-ро ба ҳар аъзои калисои мо туҳфа карданд. Ман онро зуд хонда тамом кардам. Аллакай ҳангоми маротибаи аввали мутолиа ман таҷрибаҳои зиёди дуоҳоеро, ки Худо ба онҳо ҷавоб дод, аз сар гузаронидам. Чизе ба ин монанд ҳаргиз дар зиндагии ман рӯй надода буд. Ин маро сахт ба ваҷд овард ва ба ман илҳом бахшид».

Дар муқаддимаи ин китоб ман чунин тавсияро хондам: барои он ки чунин мавзӯи ҳаётан муҳим хуб дарк карда шавад, онро аз шаш то даҳ маротиба хондан ё шунидан лозим аст. Таваҷҷуҳи маро ин суханони пурилҳом ҷалб намуданд: “Ақаллан як маротиба хонда бинед. Натиҷа шуморо дар ҳайрат мегузорад”.

Ман хостам ин принсипро санҷида бинам ва аллакай баъди маротибаи сеюм хондан сахт моту мабҳут гардидам. Ман муҳаббати баённопазирро ба Фидиягузор эҳсос намудам, охир чунин муносибатҳоро тамоми умр ҷӯё будам. Ба ман ҳамагӣ ду моҳ лозим шуд, то ин китобро шаш маротиба бихонам. Ва он арзиши хонданро дошт.

Ман эҳсос намудам, ки Масеҳ Худ гӯё он қадар наздик ба назди мо нузул кард, ки мо метавонем ба чашмони поку нек ва саршор аз муҳаббати Ӯ нигоҳ кунем. Шурӯъ аз он замон ман намехоҳам ягон лаҳзаро бе шодию фараҳ дар Масеҳ гузаронам.

Ҳангоми субҳ аз хоб бедор шудан ман иштиёқи бо Худо вақт гузаронданро ҳис мекунам, то ягонагиро бо Ӯ эҳсос намоям. Ман дар давоми рӯз дуо мегӯям, то Рӯҳулқудс фикрҳои маро ҳангоми муошират бо одамон идора намояд, ба ман барои ибрати нек нишон додан, устод ва дӯсти оқил будан ёрӣ расонад.

Вақте ки нафаре аз шогирдони ман бо рафтори бадаш таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунад, Худо барои ҳалли мушкилӣ ба ман неру ва ҳикмат ато менамояд.

Акнун рӯзҳои кории ман аз ҳузури Офаридгор лабрезанд. Ӯ дар зиндагии ҳаррӯза ба ман айнан кумак мерасонад. Акнун

ман ҳар субҳ ва ҳар дақиқаи озод дар бораи нузули Рӯҳулқудс дуо мегӯям. Ман гӯё ба Осмон наздик шудаам ва метавонам ақаллан то андозае он чизеро, ки моро он ҷо интизор аст, бичашам.

Баъди хондани ин китоб ман фаҳмидам, ки шогирдонам (синну соли онҳо аз 10 то 15) низ бояд чунин таҷрибаро аз сар гузаронанд. Ман дар мактаби адвентистии «Илёс»-и замини федералии Форарлберг, Австрия ба шогирдон таълим медиҳам. Бинобар ин ман хоҳиш намудам, то Худо ба ман чунин имконият диҳад ва дере нагузашта яке аз таҷрибаҳои аҷибтаринеро, вақте ки Рӯҳулқудс дар қалби ҷавонон амал мекунад, аз сар гузаронидам.

### Ҷавони бадахлоқ ва Рӯҳулқудс

Ин таҷриба як сол қабл аз он, ки ман ба хондани китоб дар бораи Рӯҳулқудс шурӯъ намудам, оғоз ёфт. Ба мактаби мо талабаи нав омад ва ҳамагӣ дар давоми чанд рӯз тавонист воҳаи осойиштаи моро ба ҳуҷраи даҳшат табдил диҳад. Он замон писарбача 13 сол дошт. Ӯ аз дигарон қадбаландтар ва хеле боқувваттар буд. Ба назар чунин мерасид, ки ҳама он чизи нек ва зебое, ки кӯдакон тамоми сол аз худ намуданд, дар як лаҳза аз байн рафт.

Бигзор ӯ худ сухан гӯяд: «Вақте ки ман ба ин мактаб омадам, ҳатто тасаввур намекардам, ки чӣ чизе маро интизор аст. Аллакай дар рӯзи дуюми таҳсил дар мактаби нав ман ба иғво дода шудам, ҳамсинфамро задам ва занозании ҷиддие сар кардам. Ман ҳамсинфамро новобаста ба он ки ӯ назар ба ман заифтар буд, задам, ҳақорат ва таҳдид кардам.

Баъдтар ман хатои худро дарк намудам ва узр пурсидам, чӣ тавре ки қаблан мекардам. Баъди ин ҳодиса роҳбари мактаб бо ман ҷиддан суҳбат кард. Вале моҳи дигар дар вуҷуди ман як чизи ғайриодие ба амал омад. Аҷиб аст, ки ин танҳо алҳол рӯй дод, охир ман дар оилаи рӯҳонӣ ба воя расидаам-ку. Шурӯъ аз ин дам ман бо Исои Масеҳ бештар вақт мегузаронидам».

Ман мефаҳмидам, ки ин ҷавон ба таваҷҷуҳи махсус ниёз дорад. Ӯ ноқисиҳои худро медид, аз онҳо таассуф мехӯрд ва

кӯшиш мекард ислоҳ гардад, вале ҷидду ҷаҳди ӯ натиҷа намедод. Дар аввал рӯзе набуд, ки занозанӣ накунад, вале вазъият оҳиста-оҳиста ба танзим омад.

Баъд аз ним сол ӯ иқрор шуд, ки танҳо дуоҳо тавонистанд ӯро ба Худо наздик созанд. Баъдтар ӯ ҳар субҳ аз Худо неру илтиҷо мекард. Оташи ғазаб  ва занозаниҳо камтару камтар рӯй медоданд.

Аз он замоне, ки ӯ ба мактаби мо омад, аллакай 11 моҳ сипарӣ гашт. Ва имрӯз дар ӯ дигаргуниҳои мусбати бештарро мушоҳида намудан мумкин аст. Вале ғалаба бар хашм, бадзабонӣ ва сангдилӣ ба ӯ ба осонӣ ба даст наомад.

Ва ин ҳайратовар нест, охир ӯ кӯшиш мекард бо неру ва хиради худ, ки баъзан кор медоду баъзан не, ғолиб ояд. Дуоҳо ӯро ба муваффақият наздик овард анд, бо вуҷуди ин дар тарзи тафаккури ӯ неруи таҷдидсозандаи Рӯҳулқудс намерасид.

Оё натиҷаи хубе метавонад ба даст ояд, агар шахс ҳама хатоҳои худро мебинад, кӯшиш мекунад эҳсосоти худро нигоҳ дорад ва дар қадами дигар инони ихтиёр аз даст медиҳад? Маҳз дар ҳамон лаҳзае, ки ман тайёр будам маъюсу ноумед шавам, ин китобро ба ман ҳадия карданд. Ин дар фурсати муносибтарин рӯй дод. Ман ниҳоят фаҳмидам, ки ба мо чӣ намерасад. Неруи Рӯҳулқудс. Мо ҳатто аз Ӯ мадад напурсидем!

Вақте ки муждаи хуш аз китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» ба қалби ман таъсир расонд, ман ҷуръат намудам ва аз писарбача пурсидам, ки оё ӯ боре дар бораи Рӯҳулқудс дуо гуфтааст. Не, ӯ ҳаргиз ин корро накардааст. Он гоҳ ман дар бораи ин китоб ба ӯ нақл кардам. Вале ман қарор додам онро ба ӯ тухфа накунам. Ӯ бояд худ дар ҳақиқат ин китобро хондан бихоҳад. Ва дере нагузашта ӯ ин китобро аз ман пурсид.

Ӯ мегӯяд: «Моҳи ноябри соли 2012 муаллимаам ба ман китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ»-ро дод. Ман онро бо шавқи зиёд хонда тамом кардам. Он замон ман дар бораи он ки Рӯҳулқудс чӣ тавр амал мекунад, тасаввурот надоштам».

Рӯзи якум ӯ қариб ду боби аввалро зуд хонда баромад ва аз ман пурсид, ки ин китобро чанд маротиба хондаам. Ӯ дарҳол ба хондани ин бобҳо шурӯъ кард, то тавсияҳои китобро ба ҷо

биёрад ва онро  6–10 маротиба бихонад.

Аз он замон бисёр чизҳо тағйир ёфтанд. Аз моҳи декабри соли 2012  то имрӯз ягон занозанӣ ва ҷанҷол рух надод. Бовар кардан номумкин аст! Бачаҳоеро, ки ӯ ҳар рӯз латукӯб мекард, акнун дӯстони ӯ шуданд ва муносибати олии аҳлона доранд.

Дар қалби ӯ дигаргуниҳои аз ақл берун ба амал омад. Акнун ӯ ҷавони меҳрубону хушмуомила аст. Сулҳдӯстӣ бар зӯроварӣ боло гирифт. Ҳамсинфони ӯ иқрор мешаванд, ки ин амали дасти Худо буд. Ва самараи он ҳар рӯз зоҳир мегардад. Бо камоли шодӣ хабар медиҳам, ки моҳи июни соли 2013 ин ҷавон таъмид гирифт. Худоро ҷалол бод! Агар Рӯҳулқудс намебуд, ман дар фикри худам, ки метавонам ҳама гуна кӯдакро саришта кунам ва дар донистани ҳақиқат ба ӯ ёрӣ расонам, устувор мемондам. Бале, сабру таваҷҷуҳ ва муошират метавонанд кори зиёдро анҷом диҳанд, вале барои муддати кӯтоҳ. Бинобар ин Худоро лозим омад дахолат кунад ва маро таълим диҳад, ки танҳо Рӯҳулқудс метавонад кори имконнопазирро ба анҷом расонад.

Ва агар ман боре бо ин писарбача дар осмон вобихӯрам, пас метавонам бо боварӣ бигӯям, ки ин корро Худо анҷом дод. Вақте ки ман хиради худро батамом сарф кардаму дарк намудам, ки дигар ба ӯ мадад расонида наметавонам, корро бо ӯ Худо оғоз кард. Ин саргузашт ба ман ёрӣ расонд дарк намоям, ки барои Худо ҳолати чоранопазир вуҷуд надорад» – С. Р.

Дуо: Эй Падари Осмонӣ, Туро барои амри боисрори Исои Масеҳ дар мавриди Рӯҳулқудсро илтиҷо кардан шукр мегӯям. Маро бубахш барои он нокомиҳое, ки ман ба сабаби норасоии Рӯҳулқудс аз сар гузаронидам. Ман ба ҳидояти Ту ниёз дорам, то Исои Масеҳ тавонад дар қалби ман амал кунад, ба мадади Ту дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти худ эҳтиёҷ дорам. Шукр мегӯям, ки Рӯҳулқудс қобил аст хислати маро дигар кунад ва маро барои Малакути Худо лоиқ гардонад. Ман тамоми ҳастии худ ва ҳама молу мулки хешро ба Ту мебахшам. Туро шукр мегӯям, ки маро мепазирӣ ва баракатҳои Худро ба ман ато мефармоӣ. Барои дар Рӯҳулқудс нуму кардан ба ман мадад расон. Омин.

ФАСЛИ 2

# МОҲИЯТИ ҲАМА МУШКИЛИҲОИ МО ДАР ЧИСТ?

*Оё сабаби рӯҳонии мушкилиҳои мо вуҷуд дорад?*

*Оё он дар беэътиноӣ нисбат ба Рӯҳулқудс нест?*

## САБАБҲОИ НОРАСОӢ

Китоби Муқаддас посух медиҳад: *«Ҳавас мекунед – ва надоред… чунки илтимос намекунед. Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз барои қасди нек* (бар ҳасби фикрҳои ҷисмонӣ, Румиён, 8:5, 7), илтимос мекунед, балки аз баҳри он ки барои ҳавасҳои худ истифода баред» (Яъқуб, 4:2, 3).

Худованди мо Исои Масеҳ моро бо қатъият, вале бо муҳаббат ба Рӯҳулқудсро илтиҷо намудан даъват мекунад (Луқо, 11:9–13). Инак, мо ин корро бояд доимо анҷом диҳем. Дар фасли сеюм мо ин масъаларо муфассал баррасӣ мекунем.

*«Онҳо дар бораи Масеҳ ва Рӯҳулқудс сухан мегӯянд, вале аз ин ҳеҷ манфиате ба даст намеоранд, зеро худро ба ихтиёри неруи Илоҳӣ намесупоранд»*[7].

Калисои мо аллакай муддатест, ки дар бораи таҷдидёбӣ дуо мегӯяд. Ва ин хеле муҳим аст. Э. Уайт мегӯяд: «Калисоҳои мо имрӯз ба таъмид аз Рӯҳулқудс ниёз доранд»[8].

«Барои чӣ мо муштоқу иштиёқманди атои Рӯҳ нестем, охир ин воситаест, ки бо ёрии он неру ба даст овардан мумкин аст? Барои чӣ мо дар ин бора ҳарф намезанем, дар ин бора дуо на-

[7] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 672 (аслӣ).

[8] E. White, Manuscript Releases, vol. 7, p. 267

мегӯем, инро мавъиза намекунем?»[9].

Хеле хуб аст, ки мо дар бораи таҷдидёбӣ дуо мегӯем. Вале мо на танҳо бояд дуо гӯем, балки инчунин, чӣ тавре Марк Финли мегӯяд, **«ҷузъиёти Библиявии таҷдидёбиро дар амал истифода барем»[10]**.

Иҷозат диҳед шуморо ба омӯхтани қадамҳои таҷдиди рӯҳонӣ даъват намоям? Онҳо бисёрии шуморо ба зиндагии пурфайзу фаровонтар ва бобаракаттар оварда мерасонанд.

Дар ибтидо биёед мушкилиро баррасӣ мекунем. Мо ба ин масъала бо ҷиддияти том муносибат мекунем, зеро дар акси ҳол муҳим ва зарур будани дигаргуниҳоро дида наметавонем. Баъдан мо роҳи ҳалли мушкилиро, ки Худо пешниҳод мекунад, пайдо месозем, охир Ӯ баракатҳои беинтиҳоро ба мо пешкаш менамояд. Ва дар анҷом мо фикр хоҳем кард, ки ин ҳақиқатҳоро дар зиндагӣ чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст.

Он чи ки дар зиндагии мо Рӯҳулқудс намерасад, маънои онро надорад, ки ҳама он коре, ки мо анҷом додаем, барабас буд. Нақшаҳо ва барномаҳои зиёди хуб ҳамеша буданд ва имрӯз низ ҳастанд. Ва Худованд саъю кӯшишҳои инсонии моро баракат медиҳад. Вале натиҷаҳо то кадом андоза метавонистанд бузург бошанд ва вазъияти мо чӣ қадар метавонист хуб бошад, агар мо дар ҳақиқат бо Рӯҳулқудс зиндагӣ мекардем, бо Ӯ наздиктар мебудем, инро танҳо Худо медонад.

Дар ин сурат калисои Худо ҳам дар гузашта ва ҳам дар оянда танҳо сӯйи осмон ҳаракат мекард. Дар ин бора чӣ хуб гуфтааст Генри Блэкаби: «Ӯ (Худо) дар ним сол бо қавми фидокору содиқ метавонад корри бештареро анҷом диҳад, назар ба он ки мо дар тӯли 60 сол бе Ӯ анҷом медодем»[11].

Инак, маънии таҷдид дар пайравии бетаъхир дар масири

---

9 Э. Уайт. Шаҳодатҳо барои Калисо, ҷ. 8, с. 22 (аслӣ)

10 М. Финли. Моро боз таҷдид соз, с. 25 (аслӣ).

11 Henry T. Blackaby, Den Willen Gottes erkennen und tun (Experiencing God: Knowing and Doing the Will of God), (Kassel, 2002), p. 31.

росту ҳақ зери роҳбарии Худо аст, ки боиси муваффақияти бузург мегардад. Вақте ки мо аз Рӯҳулқудс пур мешавем, маҳз ҳамин ба амал меояд.

Мисолеро дида мебароем. Воиз мавъиза мегӯяд. Муждаи ӯро метавонанд ҳама, бисёриҳо, баъзеҳо бишнаванд ва қабул кунанд ё ҳеҷ кас. Агар онро дар зиндагӣ ҳама ё ҳеҷ набошад баъзеҳо қабул кунанд ва ба кор баранд, инро муваффақияти бузург номидан мумкин аст. Ана чӣ чизро Рӯҳулқудс ба мо ато кардан мехоҳад.

## СЕ ГУРӮҲИ ОДАМОН ВА МУНОСИБАТҲОИ ШАХСИИ ОНҲО БО ХУДО

Дар Каломи Худо мо се гурӯҳи одамонро мувофиқи муносибатҳои шахсии онҳо бо Худо пайдо мекунем. Дар дохили ҳар гурӯҳ тобишҳои зиёди ба тарбия, хислат, худрушддиҳӣ, синну сол, фарҳанг ва таҳсилот вобаста вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин **гурӯҳҳои асосие, ки муносибатҳои инсон ва Худоро инъикос мекунанд, се гурӯҳ боқӣ мемонанд:**

- Касеро, ки муносибат надорад, Китоби Муқаддас одами **«нафсонӣ»** меномад.
- Муносибатҳои комилу ҳақиқӣ дар одами **«рӯҳонӣ»** ташаккул меёбанд.
- Вале касонеро, ки бо Худо муносибатҳои зоҳирӣ ва сохтакорона ба роҳ мондаанд, Китоби Муқаддас ҳамчун одамони **«ҷисмонӣ»** тасвир мекунад.

Гурӯҳҳои **«нафсонӣ», «рӯҳонӣ»** ва **«ҷисмонӣ»** таърифҳои ниҳоӣ нестанд. Онҳо танҳо сатҳи муносибатҳои миёни одам ва Худоро тасвир мекунанд.

Ин се гурӯҳ дар порчаҳои 1 Қуринтиён, 2:14–16; ва 3:1–4 тасвир ёфтаанд. Ва ҳоло мо дар бораи одами «нафсонӣ» каме суҳбат мекунем. Ӯ дар ҷаҳон зиндагӣ мекунад. Аммо ҳатто назари сатҳӣ ба мо ёрӣ мерасонад дарк намоем, ки мушкилии асоси дар куҷо ниҳон аст. Муҳим ба кадом гурӯҳ мансуб буданн хуро дуруст муайян намудан аст. Бинобар ин таҳқиқоти мо ба шумо дар гузаронидани худтаҳлилсозии аниқ ёрӣ мерасонад. Танҳо биёед на ба зиндагии хоҳарону бародарон, балки

ба зиндагии худ назар андозем.

**Меъёрҳои асосии мансубият ба ин ё он гурӯҳ кадомҳо-янд?** Дар поён мо итминон ҳосил мекунем, ки ҳарсе гурӯҳ бо сатҳи муносибатҳо бо Рӯҳулқудс фарқ мекунанд.

## Одами нафсонӣ

*«Одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ ҷаҳолат аст; ва онро дарк карда наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад» (1 Қуринтиён,* 2:14).

Одами нафсонӣ бо Рӯҳулқудс ягон муносибат надорад. Ӯ дар ҷаҳон зиндагӣ мекунад ва дар бораи Худо фикр намекунад ё хеле кам дар бораи Ӯ ба андеша фурӯ меравад.

## Одамони рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ дар калисо

Бештар аз ҳама дар бораи ин ду гурӯҳ дар 1 Қуринтиён, бобҳои 2 ва 3, инчунин дар Румиён, боби 8:1–17 ва дар Ғалотиён, бобҳои 4 ва 6 навишта шудааст. Қайд бояд кард, ки **ҳарду гурӯҳ бо Рӯҳулқудс муносибат доранд**. Мувофиқи нияти Худо Рӯҳулқудс ҳалқаи ягонаи иртибот миёни осмон ва замин аст (Орзуи асрҳо, с. 322 – русӣ; Матто, 12:32). «Шумо бояд ҳама чиз; қалб, ирода ва хизмати худро фидо кунед; тамоми ҳастии худро ба Ӯ фидо кунед, то ҳама амрҳои Ӯро ба ҷо оваред. Ва шумо бояд ҳама чизро бипазиред: камоли баракатҳоро дар шахси Масеҳ, то Ӯ дар қалби шумо сокин шавад ва неруи шумо бошад, то Ӯ порсоии шумо бошад ва ба шумо барои итоаткор будан мадад расонад»[12].

## Одами имондори рӯҳонӣ

Биёед 1 Қуринтиён, 2:15, 16-ро мехонем:

*«Лекин одами рӯҳонӣ дар бораи ҳама чиз ҳукм мекунад, вале касе наметавонад дар бораи ӯ дуруст ҳукм кунад. Зеро кист, ки фикри Худовандро дониста бошад, то ки Ӯро таълим диҳад? Лекин мо фикри Масеҳро дорем»* (дар матн Ишаъё, 40:13 иқтибос оварда мешавад).

---

[12] Э. Уайт. Роҳи ҳаёт, с. 52 (тоҷикӣ).

*«Одами рӯҳонӣ дар бораи ҳама чиз ҳукм мекунад, вале дар бораи ӯ касе ҳукм карда наметавонад. "Кӣ, – гуфта шудааст дар Навиштаҳо, – фикри Худовандро дониста бошад, то тавонад мушовири Ӯ бошад?" Лекин мо фикри Масеҳро дорем» (ИТКМ – Институти Тарҷумаи Китоби Муқаддас)*.

Одами рӯҳонӣ – ин масеҳии ҳақиқӣ аст. Ӯ «рӯҳонӣ» номида шудааст, зеро аз Рӯҳулқудс пур аст. Дар ин ҷо мо инчунин мебинем, ки муносибат бо Рӯҳулқудс меъёри асосии одами рӯҳонӣ аст. Ин муносибатҳои ӯ хуб ва рушдёбандаанд. Исои Масеҳ *«маркази зиндагии ӯст»* ва чӣ тавре ки мо дӯст медорем бигӯем: «Исо дар қалби ӯ ҳукмрон аст». Одами рӯҳонӣ худро пурра ва комилан ба Масеҳ бахшидааст. Вай ҳар субҳ тамоми ҳастии худ ва молу мулки худро ба Ӯ бахшида, ҳар рӯз инро таъйид мекунад. Дар паём ба Лудкия ӯ «гарм» ва дар масал дар бораи даҳ бокира «доно» номида шудааст. Дар бораи ӯ муфассал дар Нома ба Румиён (8:1–17) ва Ғалотиён (боби 5) навишта шудааст. Ӯ зиндагии пурфайзу «фаровон» дорад (Юҳанно, 10:10), ё чунон ки Павлус мегӯяд, *«то ки бо тамоми пуррагии Худо пур шавед»* (Эфсусиён, 3:19; Қулассиён, 2:9).

## Одами имондори ҷисмонӣ

Новобаста аз он ки шахс тӯли як сол ба калисо меояд ё аллакай солҳои зиёд, ба ҳар ҳол ӯ метавонад масеҳии ҷисмонӣ бимонад. Агар шумо бо тааҷҷуб дарёбед, ки алҳол масеҳии ҷисмонӣ ҳастед, ноумед нагардед, балки, баръакс, шодӣ кунед, зеро шумо имконияти дигар шуданро доред. Шумо аз дарёфт намудани ҳаёт дар Рӯҳулқудс шодии аз ақл берунро эҳсос мекунед. Ман мутмаинам, ки бисёр масеҳиёни ҷисмонӣ нофаҳмида дар чунин ҳолат қарор доранд ва аз самими қалб мехоҳанд дар имон рушд кунанд. Аксар вақт онҳо на бо айби худ дар чунин ғафлат мемонанд. Танҳо фикр кунед: шуморо шодии бузург интизор аст, вақте ки Исои Масеҳ ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалби шумо маскан мегирад (Масеҳ дар Юҳанно, 15:11 мегӯяд: *«шодии шумо комил бошад»*). Ин дигаргуниҳо шуморо батадриҷ ба чунин ҳаёти пурфайзу фаровоне, ки онро Худи Масеҳ дар Юҳанно, 10:10 ваъда дод, оварда мерасонанд

(вале дар ин хусус баъдтар) ва шумо умеди устуворро ба ҳаёти ҷовидона пайдо мекунед.

Дуо: Падари Осмонӣ, ба ман мадад расон, то хоҳиши таҳқиқ намудани худро дошта бошам. Ва агар ман – масеҳии ҷисмонӣ бошам, дар дарк намудани ин ба ман кумак расон. Ба ман мадад расон ҷониби он чизе саъй кунам, ки онро Ту хоҳон ҳастӣ. Маро ба зиндагии хушбахтона дар Масеҳ – зиндагии пурфайзу фаровони ваъдашуда ва ҳаёти ҷовидона дар осмон ҳидоят намо. Илтиҷо мекунам, қалби маро таҷдид намо. Туро шукр мегӯям, ки аллакай ба дуои ман ҷавоб мегӯйӣ. Омин.

Биёед хонда мебинем, ки Павлуси ҳаворӣ ба имондорони ҷисмонӣ дар 1 Қуринтиён, 3:1– 4 чӣ мегӯяд: ***«Ва ман, эй бародарон, натавонистам ба шумо, ҳамчун касони рӯҳонӣ, сухан ронам, балки*** *ҳамчун касони ҷисмонӣ, ё кӯдакон дар Масеҳ. Ман шуморо шир хӯрондам, на ғизои сахт, зеро ки шумо ҳанӯз омодагӣ барои он надоштед ва ҳоло низ надоред, зеро ки шумо ҳанӯз ҷисмонӣ ҳастед. Зеро, модоме ки дар миёни шумо ҳасад, баҳсу мунозира ва ихтилофот ҳаст, оё шумо ҷисмонӣ нестед ва оё ба таври инсонӣ рафтор намекунед? Зеро, вақте ки яке: “Ман аз они Павлус ҳастам” ва дигаре: “Ман аз они Апӯллӯс” мегӯяд, – оё шумо ҷисмонӣ нестед?»*

Чӣ тавре ки шумо пай бурдед, меъёре, ки Павлус аз рӯйи он имондорони ин гурӯҳро муайян мекунад, – ин муносибатҳои шахсӣ бо Рӯҳулқудс мебошад. Дар ин чанд оят ҳаворӣ чор маротиба онҳоро ҷисмонӣ меномад. Ин чӣ маънӣ дорад? Одами ҷисмонӣ – ин шахсест, ки бо неруи ҷисм, қобилиятҳои табиие зиндагӣ мекунад, ки ба ҳар инсон ато шудаанд. Яъне чунин одам аз Рӯҳулқудс пур нест ё ба қадри нокифоя аз Рӯҳулқудс пур аст.

Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ба ин гурӯҳ танҳо одамоне мансубанд, ки дар гуноҳҳои гӯшношунид умр ба сар мебаранд. Вале ин танҳо яке аз паҳлуҳои ин гурӯҳи одамон аст. Ман мехоҳам бори дигар қайд кунам, ки дар дохили ҳар гурӯҳи бар-

расишаванда тобишҳои зиёд ҷой доранд.

Нигоҳ кунед, ки Павлус ба имондорони ҷисмонӣ чӣ тавр муроҷиат мекунад: «Бародарони азиз». Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ ба аъзои калисо нома навиштааст. Вале ҳавворӣ натавонист бо онҳо ҳамчун бо «одамони рӯҳонӣ» сухан гӯяд. Ин маънои онро дорад, ки **онҳо аз Рӯҳулқудс пур набуданд ё ба қадри нокифоя аз Рӯҳулқудс пур буданд.** Ӯ бо онҳо чун бо *«кӯдакон дар Масеҳ»* сухан мегӯяд. Ин одамон ба он андозае, ки лозим буд, дар имон рушд накарданд. Шахс метавонад донишҳои бузургро аз Каломи Муқаддас соҳиб бошад, вале бо вуҷуди ин рӯҳан рушд накунад. Рушди рӯҳонӣ бевосита ба худро бахшидан ба Масеҳ ва ба зиндагии доимӣ дар Рӯҳулқудс иртибот дорад.

Бисёр масеҳиёни ҷисмонӣ ноумедӣ, ноқаноатмандӣ, беҳадафиро эҳсос мекунанд ё пайваста кӯшишҳои бенатиҷаи ислоҳ кардани чизеро ба роҳ мемонанд.

Дигар имондорони ҷисмонӣ ба ҳолати худ одат кардаанд ва аз он комилан розианд. Онҳо метавонанд бигӯянд: «Мо гунаҳкорем! Мо чизеро дигар карда наметавонем!»

Имондорони ҷисмонии дигар низ ҳастанд. Онҳо ғайрати зиёд доранд ва бо он ки ҳақиқати Каломро медонанд, қонеъ гардидаанд. Имондорони ҷисмонӣ метавонанд ниҳоят фаъол бошанд, дар калисои маҳаллӣ ва ҳатто дар маъмурият вазифаи масъулиятнокро ишғол намоянд. Онҳо метавонанд корҳои бузургро барои Худо анҷом диҳанд.

> Матто, 7:22, 23: *«Бисёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: "Худовандо! Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват накардем? Оё ба исми Ту ҷинҳоро нарондем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем?" Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: "Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон"»*

Мушкилӣ дар чист? Исои Масеҳ гуфт, ки онҳоро намешиносад. Онҳо ҳаргиз бо Масеҳ муносибатҳои воқеӣ надоштанд, муносибатҳояшон танҳо сохтакорона буд. Онҳо дар зиндагии

хеш худфидой нишон намедоданд, ё онро нигоҳ дошта натавонистанд. Исои Масеҳ ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалбҳои онҳо сокин набуд. «Вуҷуд доштани робитаи зоҳирӣ бо Масеҳ бидуни ягонагии ҳақиқӣ бо Ӯ тавассути имон метавонад ҷой дошта бошад»[13]. Барои чӣ Масеҳ дар қалби мо сокин нест? Чанде пеш ман дар ин бора суханони ҷиддиеро хондам. Пеш аз он ки шумо ин суханонро бихонед, мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба он ҷалб намоям, ки мо метавонем аз ҳамаи ин озод бошем, агар Рӯҳулқудсро ба ҳаёти худ роҳ диҳем.

«Рӯҳе, ки мухолифи рӯҳи Масеҳ аст, сарфи назар аз эътирофи зоҳирӣ, Масеҳро рад мекунад. Одамон метавонанд Масеҳро бо алфози қабеҳ, беҳудагӯйӣ, дурӯғ ё бадзабонӣ инкор кунанд. Онҳо метавонанд Ӯро бо беодобӣ, бо худнамоӣ, бо худсафедкунӣ, бо дудилагӣ, бо озмудани Худо ва якравона зулмотро афзал донистан инкор кунанд. **Одамон бо ҳамаи ин собит месозанд, ки Масеҳ дар қалби онҳо маскан надорад»[14].**

Вале ба марҳамати Худо ҳама чиз метавонад дигар шавад. Ва мо дар фаслҳои сеюм ва панҷум ба ин фикр бармегардем.

## Барои чӣ ба Худо эътимод кардан ва худро ба Ӯ бахшидан муҳим аст?

Каломи Худо мегӯяд: *«Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд»* (Румиён, 12:1).

«Худо мехоҳад моро шифо диҳад ва озод кунад. Вале азбаски барои ин дигаргунии қатъӣ ва таҷдиди тамоми сиришти мо талаб карда мешавад, мо бояд пурра ба Ӯ итоат кунем»[15] «Ман»-и мо – норизо, хашмгин, ҳасуд, зудранҷ ва монанди инҳост. Худо мехоҳад моро аз ин ҳиссиётҳо озод созад.

«Ӯ моро даъват мекунад худро ба дасти Ӯ бисупорем, то Ӯ

[13] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 676 (аслӣ).

[14] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 357 (аслӣ).

[15] Э. Уайт. Роҳи ҳаёт, с. 32 (тоҷикӣ).

тавонад ҳадафи Худро дар қалби мо ба ҷо биёрад. Интихоб дар дасти мост: оё мо мехоҳем аз асорати гуноҳ озод шавем, то шарики озодии фарзандони Худо гардем?»[16].

Худо дар ҷавоб ба садоқату худфидоиямон ба мо таваллудро аз олами боло ҳадия мекунад (Юҳанно, 3:1–21). Кори баъдина ба нигоҳ доштани ин садоқату худфидоӣ бахшида мешавад (Юҳанно, 15:1–17). Мо дар ин бора дар фасли сеюм муфассалтар сухан мегӯем.

Моррис Венден дар бораи худро ба Худо бахшидан чунин менависад:

«Чунин мафҳуме мисли худро қисман бахшидан вуҷуд надорад. Худро қисман бахшидан – ин ба андаке ҳомила будан монанд аст. Одам ё худро бахшидааст ё не. Ҳолати миёна вуҷуд надорад»[17]. Э.Уайт дар бораи худро ҳар рӯз бахшидан менависад:

«Танҳо касоне фарзандони Худо эътироф карда мешаванд, ки ҳамкорони Масеҳ мегарданд, касоне, ки мегӯянд: “Худовандо, ҳама он чи ки ман дорам ва тамоми ҳастии ман – ҳамааш аз они Туст”»[18].

Инак, шахс метавонад аъзои калисо, вале дар баробари ин аз гумшудагон бошад. Чӣ гуна ғамангез аст ин! Дар паём ба Лудкия ва инчунин дар масал дар бораи даҳ бокира маҳз дар ҳамин бора сухан гуфта мешавад.

## Барои чӣ фарқ кардани шахси имондори ҷисмонӣ ин қадар мушкил аст?

Зиндагии одами ҷисмонӣ аксаран аз «дин» пур аст, бинобар ин ӯ на ҳамеша метавонад дарк намояд, ки як чизи муҳимме – муносибати наздику наҷотбахш бо Худо ба ӯ намерасад. Агар шахс ба Масеҳ иҷозати идора кардани зиндагии худро надиҳад, он гоҳ Ӯ назди дар истода, тақ-тақ мекунад (Ваҳй, 3:20). Ва Наҷотдиҳанда мегӯяд: «Агар ҳеҷ чиз тағйир наёбад,

---

[16] Э. Уайт. Роҳи ҳаёт, с. 32 (тоҷикӣ)..

[17] M. Venden. Theses on Righteousness by Faith (Pacific Press, 1987), p. 63

[18] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 623 (аслӣ).

Ман туро қай мекунам».

Як чизе ҳаст, ки нақши калон мебозад. Ба шарофати таҳқурсии мустаҳкаме, ки бар Китоби Муқаддас асос ёфтааст, ҳар яки мо эътиқоди устувор дорад. Дар баробари ин мо мехоҳем барои қабули таҳқиқотҳои нав омода бошем. Мо ба ҳақиқӣ будани ақидаҳои худ муътақидем ва ин ба мо илҳом мебахшад, мо дониши зиёд дорем, мо дуруст сухан мегӯем. Ва маҳз ба ҳамин сабаб ошкор намудани мушкилии одами ҷисмонӣ ин қадар душвор аст. Умуман чӣ аҳаммият дорад, ки оё ман замоне бо Рӯҳулқудс зиндагӣ кардаам ё на? Шояд ман ин тафовутро эҳсос намекунам?

Як кашиш менависад: «Худи ҳозир хоҳаре ба ман занг зад, ки дар барномаи "40 рӯз" (Муфассалтар дар ин бора дар фасли 5) иштирок мекунад. Вай гуфт, ки ҷаҳонаш тағйир ёфт. **Ӯ тамоми умр кӯшиш мекард бифаҳмад, ки дар ҳаёти рӯҳонияш чӣ чиз намерасад.** Ва акнун вай донист, ки ин Рӯҳулқудс аст. Агар шумо мешунидед, ки чӣ гуна вай таҷрибаи худро нақл мекунад. Вай мегӯяд, ки бори аввал дар зиндагии худ ҳис мекунад, ки бо Худо муносибат дорад... Атрофиён низ дигаргуниҳои калонро дар вай мушоҳида намуданд»[19]. Инак, мо мебинем, ки шахс метавонад эҳсос намояд, ки чӣ чизе ба вай намерасад, вале наметавонад муайян созад, ки маҳз чӣ намерасад. Бисёр одамон кӯшиш мекунанд чизи беҳтареро ба даст оваранд, вале намедонад маҳз чиро ва чӣ тавр онро ковёб гарданд.

> «*Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд.*»

Ман шодам, ки 1 Қуринтиён, 3:1–4 вожаи *«ҳанӯз»*-ро исти-

[19] Email an H. Haubeil — received on February 15, 2012.

фода мебарад: *«чунки шумо ҳанӯз ҷисмонӣ ҳастед»*. Ин маънои онро дорад, ки одами ҷисмонӣ имконияти рӯҳонӣ шуданро дорад. Ҳеҷ кас уҳдадор нест одами ҷисмонӣ бимонад. Ва азбаски ӯ аъзои калисо аст, ҳама шароити мусоидро дорад, то ки инро дарк намояд ва тағйир диҳад. Каме баъдтар мо дар бораи чӣ тавр одами рӯҳонӣ шудан сухан мегӯем.

Ба муносибат дар миёни имондорон низ таваҷҷуҳ додан лозим аст: *«дар миёни шумо ҳасад, баҳсу мунозира ва ихтилофот ҳаст»*. Чунин рафтори Павлус аз он шаҳодат медиҳад, ки ин имондорони ҷисмонӣ бо Рӯҳулқудс зиндагӣ намекунанд, балки мисли одамони дигар ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд. Онҳо чун одамони нафсонӣ рафтор мекунанд, танҳо ин ки дар лифофаи диндорӣ печонда шудаанд. Наход ин чунин маъно дошта бошад, ки ҳама ихтилофҳо дар калисо ба сабаби имондорони ҷисмонӣ рӯй медиҳанд? (Яҳудо, 19) Диққат диҳед, ки дар айёми Масеҳ фарисиён ва саддуқиён низ миёни ҳамдигар баҳсу мунозира мекарданд. Аз ин маълум мешавад, ки аллакай он замон ихтилофҳо миёни имондорони мусолиҳакор (либералҳо) ва куҳнапарастон (консерваторҳо) вуҷуд доштанд. Баъзеҳо чизҳои хурдтаринро барои низоъҳо ҷустуҷӯ менамуданду дигарон ба бисёр масъалаҳо озодона муносибат мекарданд. Вале ҳарду гурӯҳ ҳам мутмаин буданд, ки Каломи Муқаддасро дуруст тафсир мекунанд ва аз рӯйи ҳақиқат рафтор менамоянд. Исои Масеҳ нишон дод, ки ҳарду гурӯҳ одамони ҷисмонӣ буданд, яъне аз Рӯҳулқудс пур набуданд. Ҳолати ба ин монанд имрӯз ҳам имконпазир аст. Масеҳиёни куҳнапараст низ метавонанд масеҳиёни ҷисмонӣ бошанд.

Мутаассифона, имрӯз бисёриҳо ба ҷаҳон аз нуқтаи назари «куҳнапарастӣ ё мусолиҳакорӣ» нигоҳ мекунанд. Бартарияти чунин муносибат дар он аст, ки ҳама гуна рафтори инсонро ба ҳар ҳол сафед кардан мумкин аст. Вале таснифи библиявии «ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ» таҳқиқи амиқу рӯҳониро талаб мекунад. Ва моро лозим аст онро баҳри манфиати худи мо анҷом диҳем. Сари суханони одие, ки Худо тавассути онҳо дар Ғалотиён, 6:7, 8 ба мо муроҷиат мекунад, андеша кунед:

*«Он чи одамизод мекорад, ҳамонро хоҳад даравид: касе ки ба-*

*рои ҷисми худ мекорад, аз ҷисм фаноро хоҳад даравид ва касе ки барои Рӯҳ мекорад, аз Рӯҳ ҳаёти ҷовидонаро хоҳад даравид».*

Одами ҷисмонӣ ба Исои Масеҳ пайравӣ кардан ва анҷом додани аъмоли писандидаи Ӯро хоҳон аст, вале вай ҳаёти худро ба дасти Ӯ насупурдааст. Ё супурдааст ва баъд ин робитаро гум кардааст (Ғалотиён, 3:3; Ваҳй, 2:4, 5). Ин маънои онро дорад, ки вай шояд, нофаҳмида мехоҳад ҳам мувофиқи иродаи Худо ва ҳам тибқи иродаи худ зиндагӣ кунад. Вале ин номумкин аст. Оқибат инсон ҳама чизро ба ихтиёри худ мегирад. Тавре нависандаи машҳур мегӯяд: «Дар синаи бемори ман ду ҷоне сокинанд, ки ба якдигар бегона ва ташнаи ҷудоиянд!» Оё Худо метавонад дар чунин вазъият Рӯҳулқудсро ато кунад? Посухро дар Яъқуб, 4:3 пайдо мекунем: *«Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз барои қасди нек илтимос мекунед».* Ман ба хулоса омадам, ки бо қасди ҷисмонӣ илтимос кардан чӣ маънӣ дорад. Агар Худо ба чунин дуо ҷавоб гӯяд, пас ин ғурури инсонро танҳо тақвият мебахшад, ҳамин тавр нест магар? Бинобар ин чунин шахси имондор аз рӯйи ҳикмати инсонӣ ва неруи худ зиндагӣ ва амал мекунад. Дар Ваҳй, 3:16 вай «ширгарм» ва дар Матто, 25 «нодон» номида шудааст.

## Барои чӣ Исо масеҳии ҷисмониро «ширгарм» меномад?

Барои чӣ ин қадар масеҳиёни зиёд бе таъмид аз Рӯҳулқудс зиндагӣ мекунанд? Барои ба ин суол посух додан, биёед аввал ба феномени Лукдия рӯ меоварем. Барои чӣ Масеҳ аҳли калисои Лукдияро ширгарм меномад? Ӯ аломати аниқ медиҳад: *«Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам»* (Ваҳй, 3:20). Исои Масеҳ маркази зиндагии онҳо набуд, Ӯ дар берун, назди даромадгоҳ истода буд. Барои чӣ Масеҳ наметавонад ворид шавад? Барои он ки Ӯро даъват намекунанд. Наҷотдиҳанда ҳеҷ касро маҷбур намесозад, то Ӯро роҳ диҳад, чунки интихоби озоди моро эҳтиром мекунад.

Вале барои чӣ имондорон Масеҳро пушти дар нигоҳ медоранд? Ин сабабҳои гуногун дорад? Баъзеҳо аз рӯйи ақли

худ амал мекунанд ва нақшаҳои мантиқии зиндагии хуро тарҳрезӣ менамоянд, чӣ тавре ки ин бо Ниқодимуси китобдон рух дода буд. Онҳо моҳияти масеҳиятро дарк намекунанд (Юҳанно, 3:1–6). Дигарон ин «қимати» шогирдиро ниҳоят баланд мешуморанд. Онҳо намехоҳанд чизи зиёдро аз даст диҳанд, монанди нақл дар масали «ҷавони сарватдор» (Матто, 19:16–24). Барои ба Масеҳ пайравӣ намудан худро инкор кардан ва ба дигаргуниҳо омода будан (Матто, 16:24, 25) ва худро пурра ба дасти Худо супурдан лозим аст (Румиён, 12:1). Бемайлии дарро барои Исо кушодан метавонад натиҷаи муносибати бепарвоёна бошад, агар шахс якка ба якка бо Масеҳ вақти кофӣ намегузаронад.

Такрор мекунам: сабаби ҳолати ширгарм – дар Ваҳй, 3:20 аст: *«Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам»*. Исои Масеҳ маркази зиндагии ин имондорон нест, вале дар берун истодааст, дар курсии эҳтиётӣ. Инак, ҳолати ширгарми одам ба муносибатҳои шахсии ӯ бо Масеҳ марбут аст. Дар ҷанбаҳои дигаре, ки ӯро безобита месозанд, ӯ, яқинан, ширгарм нахоҳад буд.

Мисол: одам дар вазифаи касбии худ саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад, вале нисбат ба завҷаи худ беэътиноӣ мекунад. Ӯ худро ба кораш бахшидааст, вале дар муносибатҳои оилавӣ «ширгарм» аст. Шумо метавонед аъзои намунавии калисо, роҳбари бомуваффақият, кашиш ё президенти конференсия, вале дар баробари ин дар муносибат бо Масеҳ ширгарм бошед. Шумо ба иҷрои супоришҳои гуногун он қадар ҷалб гардидаед, ки нисбати муносибатҳои шахсиятон бо Масеҳ беэътиноӣ мекунед. **Исои Масеҳ мехоҳад моро аз ин ҳолати ширгарм раҳо кунад.** Таассуфовар аст дарк намудан, ки шахс метавонад он қадар ба кори Худо (дар калисо дар хизмати мавъизаи Инҷил) банд бошад, ки нисбати Худи Худо беэътиноӣ нишон медиҳад.

## МАСАЛ ДАР БОРАИ ДАҲ БОКИРА

Масали Масеҳ дар бораи даҳ бокира нисбати имондорони рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ ба мо чиро ошкор месозад?

- Ҳама Китоби Муқаддасро медонистанд.
- Ҳама дар даст чароғ доштанд.
- Ҳама Китоби Муқаддас доштанд.
- Ҳама ба истиқболи домод баромаданд.
- Ҳама Дуюмбора омадани Масеҳро бесаброна интизор буданд.
- Ҳама хоб рафтанд.
- Ҳама даъватро шуниданд ва бедор шуданд.
- Ҳама чароғҳоро ба даст гирифтанд.
- Ҳама чароғҳо месӯхтанд.
- Нисфи онҳо диданд, ки чароғҳояшон хомӯш шуда истодаанд.

Ҳамаи бокираҳо чароғ гирифтанд ва онҳоро даргиронданд, вале барои равшании чароғ равған лозим аст. **Неруи онҳо тамом мешуд.** Баъди чанде панҷ бокира фаҳмиданд, ки чароғҳои онҳо хомӯш мешаванд. Чароғҳои бокираҳои нодон, ки вақти зиёд насӯхтанд, нишон медиҳанд, ки онҳо як чизе аз Рӯҳулқудс доштанд. Вале ин кофӣ набуд. Равған ниҳоят кам буд. **Фарқияти ягона ана дар ҳамин буд.**

Вақте ки онҳо омаданд ва хостанд ворид шаванд, Исо ҷавоб дод: **«Шуморо намешиносам».** Онҳо ниҳоят дер равған (Рӯҳулқудсро) пурсиданд. Дар аллакай баста буд.

Суханони Исо ба мо нишон медиҳанд, ки муносибатҳои мо бо Ӯ бе Рӯҳулқудс номумкинанд. Исои Масеҳ ҳар нафареро, ки ба Рӯҳулқудс иҷозати идора кардани ҳаёти худро намедиҳад, рад мекунад. Румиён, 8:8, 9 мегӯяд: *«Бинобар ин онҳое, ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, ба Худо писанд афтода наметавонанд... Аммо агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, вай аз они Ӯ нест».*

Ба ин тариқ, муносибатҳои шахсӣ бо Масеҳ танҳо ба воситаи Рӯҳулқудс имконпазиранд. Дар 1 Юҳанно, 3:24 навишта шудааст: ***«Ва ин ки Ӯ дар мо сокин аст, аз он Рӯҳе медонем,***

***ки Ӯ ба мо ато намудааст».*** Яъне: агар ман мутмаин бошам, ки Рӯҳулқудс қалби маро пур мекунад, пас ман метавонам мутмаин бошам, ки Исо дар ман сокин аст ва ман дар Ӯ.

Чунин таҷрибаро як хоҳари мо, ки дар барномаи «40 рӯз» иштирок карда буд, аз сар гузаронд. Ӯ ба шарофати ҳузури Рӯҳулқудс дар ҳаёташ муносибатҳои комилан навро бо Худо пайдо кард ва ин барои ҳамаи он касоне, ки ӯро иҳота мекарданд, аён гашт. Баъди омӯхтани ин китоб хоҳаре аз Олмони Ҷанубӣ чунин навишт:

Китобҳои "40 рӯз"-и ҷамъомад ва дуогӯйӣ барои ба Дуюмбора омадани Масеҳ омодагӣ дидан, ки муаллифи он Деннис Смит аст ва "Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ" дар ҳаёти ман баракати бузург ва дилхоҳ гардиданд. Дар ҳаёти рӯҳонии бародарон ва хоҳарони ман, мисли ҳаёти ман, ҳамеша чизе намерасид. Вале акнун мо дар ҳақиқат эҳсос намудем, ки **Исои Масеҳ ба ҳаёти мо ворид шуд** ва ба амалӣ намудани дигаргуниҳо оғоз бахшид. Ӯ кори худро дар қалби мо идома дода истодааст ва мо қадам ба қадам ба Ӯ наздик мешавем»[20].

Боз як бародар менависад: «Китоби "Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ" ба ман сахт таъсир расонд. Ман аз паём дар бораи даҳ бокира ва ояти Румиён, 8:9: *"Аммо агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, вай аз они Ӯ нест"*, дар хиҷолат мондам. Ман шубҳа кардам, ки оё Рӯҳулқудс дар қалби ман сокин ҳаст ва оё Ӯ дар қалби ман амал мекунад, зеро дар ҳаёти ман "самараи" муносиб намерасид. Шоми рӯзи шанбе ман мутолиаи ин китобро ба охир расондам ва сахт ғамгин шудам. Баъд ман дуо гуфтам ва дар қалби ман хоҳиши баланди Рӯҳулқудсро дарёфтан пайдо шуд, то қалби ман дигаргун шавад ва Худои Падар маро мувофиқи иродаи Худ дигаргун созад... Ташаккур ба шумо барои ин китоб ва барои суханоне, ки ба ман таъсири сахт расониданд» – А. Р.

Мусибати бузургтарин барои масеҳии ҷисмонӣ аз он иборат аст, ки агар вазъият тағйир наёбад, ӯ абадиятро аз даст медиҳад. Павлуси ҳавворӣ дар Румиён, 8:9 менависад: «Аммо

---

[20] E-mail from March 31, 2013.

агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, вай аз они Ӯ нест».

Хулоса мебарорем: Тафовути асосии масеҳии рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ дар ҳузур доштани Рӯҳулқудс аст. Масеҳии рӯҳонӣ аз Рӯҳулқудс пур аст. Имондори ҷисмонӣ ба қадри кофӣ ё умуман аз Рӯҳ пур нест.

Шумо дарк намудед, ки масеҳии ҷисмонӣ ҳастед? Маъюс нашавед! Худо ба Шумо дору – Рӯҳулқудсро пешниҳод мекунад.

Дар баъзе доираҳо дар бораи Рӯҳулқудс хеле зиёд сухан мегӯянд, дар дигар доираҳо – нисбат ба Ӯ беэътиноӣ мекунад. Бигзор Худованд моро тибқи меъёрҳои Китоби Муқаддас ҳидоят намояд.

## КАЛИСОИ ИБТИДОИРО БО КАЛИСОИ ЗАМОНИ ОХИР МУҚОИСА МЕКУНЕМ

Калисои ибтидоиро бо калисои замони муосир муқоиса намуда, мо ба хулосае меоем, ки калисои ибтидоӣ аксаран аз имондорони рӯҳонӣ иборат буд. Китоби Аъмол ба мо нишон медиҳад, ки маҳз ҳамин далел сабаби рушди босуръат ва бобарори онҳо буд. Эшон ҳеҷ гуна имкониятҳои махсусро соҳиб набуданд. Вале онҳо Рӯҳулқудсро доштанд. Имрӯз мо имкониятҳои фаровон дорем. Вале норасоии Рӯҳулқудсро равшан эҳсос мекунем.

Кашиш А. В. Тозер гуфта буд: «Агар имрӯз Худо Рӯҳулқудсро аз мо мегирифт, он гоҳ 95%-и ҳама коре, ки мо ҳозир анҷом медиҳем, бе дигаргуниҳои зиёд идома меёфтанд ва мо ҳатто фарқиятро намедидем. Вале агар Рӯҳулқудс аз калисои ибтидоӣ гирифта мешуд, он гоҳ 95%-и (яъне, қариб тамоми) коре, ки онҳо ба ҷо меоварданд, бозмемонд ва тафовутро ҳама эҳсос мекарданд»[21].

[21] Dr. S. Joseph Kidder, Anleitung zum geistlichen Leben (Andrews University), PPP Folie 2.

## Мо бе Рӯҳулқудс илоҷе ёфтанро чӣ тавр ёд гирифтаем? Наход имрӯз калисои мо аксарият аз имондорони ҷисмонӣ иборат бошад?

Оё нотавонӣ ва шикасти зуд-зуди мо натиҷаи ин нест? Оё тафаккури ҷисмонии мо ба он чизе, ки дар бисёр ҷойҳои тамоми рӯйи замин калисои мо рушд намекунад, муносибате дорад? Наход бисёр мушкилиҳо дар соҳаҳои гуногун дар тафаккури ҷисмонӣ реша дошта бошанд? Мо бо гузоштани ҳар қадам ҳар чӣ аниқтар дарк хоҳем кард, ки мушкилии асосии шахсӣ ва умумии мо ҳузур надоштани Рӯҳулқудс аст. Дар соҳаи муносибатҳои шахсӣ мо ҳама метавонем бо мадади Худо зуд дигаргун шавем.

Паёми навбатӣ, ки ба хизматгузорони калисо нигаронида шудааст, нисбати ҳар яки мо низ қобили истифода аст.

Кашиш-мубаллиғи Инҷил Иоганнес Магер[22] боре гуфта буд: «Павлус миёни масеҳиёни рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ, миёни касоне, ки аз Рӯҳулқудс пур ҳастанд ва касоне, ки дар ҳаёти онҳо барои Рӯҳулқудс ҷой нест, касоне, ки аз Рӯҳулқудс таъмид гирифтанд, вале аз Он пур нестанд, фарқ мегузорад».

Ин барои хизматгузор чунин маъно дорад: ман метавонам маълумоти беҳтарини фақеҳиро аз худ кунам, забонҳои асосии Китоби Муқаддасро бидонам ва тафсирро моҳирона анҷом диҳам; ман метавонам донишҳои васеи зеҳнии ҳақиқатҳои Китоби Муқаддасро соҳиб ва аз фиқҳи давраҳои гуногун воқиф бошам; ман метавонам санъати ваъзгӯйиро ба таври комил бидонам ва мавъизаҳои бисёр нағзи ҳаётӣ бигӯям, вале бар хилофи ҳамаи донишҳо ва истеъдодҳои худ, аз Рӯҳулқудс пур набошам. Китобҳо, таҳсилҳо, имкониятҳои техникӣ ва ҳатто харизма (қобилиятнокии махсус) метавонанд ивазкунандаҳои бардурӯғи ҳаёти рӯҳонӣ бошанд.

Мавъиза гуфтану дар назди шунавандагон дуо кардан, фаъолияти калисоро ба роҳ мондану барномаҳои мавъизаи

---

[22] Johannes Mager, Auf den Spuren des Heiligen Geistes (Following the Steps of the Holy Ghost), (Lüneberg, 1999), pages 102, 103.

Инҷилро омода кардан ва барои кашишон машварат гузаронидан – ҳамаи инро бе Рӯҳулқудс ёд гирифтан мумкин аст. Э. Уайт ин имконияти хатарнокро ин тавр тасвир карда буд: «Сабабе, ки таъсири Рӯҳулқудс қариб эҳсос намешавад, он аст, ки хизматгузорон бе Ӯ илоҷе ёфтанро ёд гирифтаанд» (Э. Уайт. Шаҳодатҳо барои Калисо, ҷ. 1. с. 383).

Хулоса: Масеҳии ҷисмонӣ будан маънои ба хирад ва неруи инсонӣ умед баста, бе Рӯҳулқудс ё бе худро пурра ба Рӯҳулқудс бахшидан зиндагӣ карданро дорад.

## МУШКИЛИИ АСОСИИ МАСЕҲИИ ҶИСМОНӢ

Принсипҳои бузурги Китоби Муқаддасро, мисли душмани худро дӯст доштан, ҳамеша омурзидан, бар гуноҳ ғолиб омаданро бо саъю кӯшишҳои инсонӣ ба даст овардан номумкин аст. Онҳо барои мо танҳо бо неруи Рӯҳулқудс дастрасанд. Бинобар ин комилан равшан аст, ки мушкилии асосии масеҳии ҷисмонӣ зиндагии бар кӯшишҳои инсонӣ асосёфта аст. Мо иродаи Худоро бо неруи худ ба ҷо оварда наметавонем. Биёед чанд ояти Китоби Муқаддасро марбут ба ин мавзӯъ мехонем:

**Ишаъё, 64:6:** *«Тамоми порсоии мо мисли либоси чиркин аст».*

**Ирмиё, 13:23:** *«Оё ҳабашӣ метавонад пӯсти худро дигаргун созад ва паланг – доғҳои худро? Essentially Ончунон шумо низ, ки ба бадкорӣ омӯхта шудаед, оё метавонед кори нек бикунед?»*

**Ҳизқиёл, 36:26, 27:** *«Ва дили тоза ба шумо хоҳам дод ва рӯҳи тоза андаруни шумо хоҳам ниҳод... Рӯҳи Худро андаруни шумо хоҳам ниҳод ва шуморо водор хоҳам намуд, ки бар тибқи фароизи Ман рафтор кунед ва дастурҳои Маро риоя намоед ва ба ҷо оваред».*

**Румиён, 8:7:** *«Чунки фикрҳои ҷисмонӣ душманӣ бо Худост, зеро ки ба шариати Худо итоат намекунад ва наметавонад итоат кунад».*

*«Ақли ҷисмонӣ душмани Худост: он ба шариати Худо итоат намекунад ва наметавонад итоат кунад» (ИТКМ).*

Э. Уайт дар ин бора мегӯяд:

«Нафаре, ки умед дорад бо иҷрои шариат наҷот ёбад, кӯшиши анҷом додан кори ғайриимконро мекунад. **Шахс наметавонад бе итоаткорӣ наҷот ёбад ва аъмоли ӯ набояд аз худи ӯ маншаъ бигирад. Масеҳ бояд дар қалби ӯ ба ҳасби ирода ва лутфу марҳамати Худ амал кунад»[23].**

Ба назари ман чунин менамояд, ки иқтибосҳои зикрёфта яқинан аз он сухан мегӯянд, ки мо иродаи Худоро бе Рӯҳулқудс ба ҷо оварда наметавонем. Вазифаи асосии мо – қарори ба иродаи Худо пайравӣ карданро қабул намудан аст ва Ӯ барои ба ҷо овардани он ба мо неру ато мекунад.

Бинобар ин ба пуррагӣ дарк намудани доктринаи порсоӣ бар ҳасби имон ниҳоят муҳим аст. Бо вуҷуди ин мо наметавонем дар қаринаи мулоҳизаҳои худ сари ин мавзӯъ ба таври муфассал сухан гӯем.

## ЧӢ МЕТАВОНАД РУХ ДИҲАД, ВАҚТЕ КИ ШАХС КӮШИШ МЕКУНАД КОРИ АЗ ДОИРАИ ТАВОНИ ХУД БЕРУНРО АНҶОМ ДИҲАД?

Чӣ рух медиҳад, вақте ман фикр мекунам: «Ман ин корро карда наметавонам! Ман боз ноком шудам!»? Шояд, инро ноумедӣ гуфтан мумкин бошад.

Ин мушкилӣ, назар ба одамоне, ки таҷрибаи бештари зиндагӣ доранд, асосан ба насли ҷавон хос аст. Насли калонсол эҳсоси баланди масъулият доранд, он дар масъалаи оиладорӣ, мактаб ва кор қобилияти бештари аҳдбандиро соҳиб аст. Аз ин сабаб одамони калонсон мисли ҷавонон зуд маъюс намешаванд. Бо вуҷуди ин, ноумедию маъюсӣ хоси ҳар ду гурӯҳ аст. Тафовут фақат дар он аст, ки ҷавонон бештар ба маъюсӣ дода мешаванд. Ҳаракат дар масири имон бо неруи худ – ин мушкилии ҳар масеҳии ҷисмонӣ аст, ӯ инро пай мебарад ё не.

---

[23] E.G. White, Review and Herald, July 1, 1890.

Мо чӣ тавр кӯшиши ҳал намудани ин мушкилиро мекунем? Нафаре ба бештар дуо гуфтан шурӯъ мекунад, мадади Худоро илтиҷо менамояд ва саъйи бештар ба харҷ медиҳад. Нафари дигар фикр дорад, ки ба ҳама чиз бо чунин назари мутаассибона муносибат набояд кард. Ӯ тасмим мегирад ба ҳама чиз начандон ҷиддӣ муносибат намояд ва худро озод ҳис кунад. Сеюмин умуман аз имон даст мекашад ва тасдиқ менамояд, ки худро бе он хеле беҳтар ҳис мекунад. Мушкилии ягона ин аст, ки ҳама тасмимҳои зикрёфта хатоянд, зеро дер ё зуд онҳо ба оқибатҳои ғамангез оварда мерасонанд. Роҳи ҳақ – ин ба амрҳои Худо ҷиддӣ муносибат кардан аст, зеро онҳо бо муҳаббат ва барои некии мо дода шудаанд. Вале дар хотир бояд дошт, ки барои ин ба мо неруи Худо лозим аст. Аз ин рӯ роҳи ҳақ – ин ҳаёт дар неруи Рӯҳулқудс аст. Ҳаёти рушди пайвастаи дар шодию фараҳ, илҳом, неру, маҳсулнокӣ ва зафарҳо.

## МУШКИЛИИ АСОСӢ

Фикр мекунам, аллакай барои ҳама равшан аст, ки ин мушкилӣ пеш аз ҳама ба масеҳии ҷисмонӣ дахл дорад. Ва мо акнун кам-кам дарк мекунем, барои чӣ Масеҳ намехоҳад, ки пайравони Ӯ ширгарм бошанд. Онҳо ҳаёти пурфайзу фаровонеро, ки Худованд барои эшон хоҳон аст, надоранд ва намунаи бад ҳастанд, ҳарчанд метавонанд худ инро пай набаранд. Вале ин мушкили ҷиддитар аст аз он ки мо фикр мекунем: «масеҳиёни мунофиқ аз бутпарастон бадтаранд, зеро суханони риёкоронаи онҳо ва ҳолати нобаладии онҳо атрофиёнашонро аз масири ҳақ бероҳа месозанд»[24].

Артур Даниэлс дар китоби «Масеҳ – порсоии мо» чунин менависад:

«Вале зоҳирпарастӣ махсусан фиребанда ва марговар аст. Он ҳамон сахраи зери об ниҳонест, ки калисоро садсолаҳо ғайричашмдошт ва зуд-зуд таҳдиди ғарқсозӣ мекунад. Павлуси ҳавворӣ моро дар сурати аз неруи Ӯ ҷудо будан пешакӣ аз *“намуди зоҳирии диндорӣ”* (2 Тимотиюс, 3:5) огоҳ мекунад ва

[24] EGW Letter 44, 1903, quoted in SDA Bible Commentary, Vol.7, p.963 on Rev. 3: 15, 16.

дар ин хусус чун дар бораи яке аз хатарҳои замони охир сухан гуфта, ба дурӣ ҷустан аз таъсири фиребанда ва дилфиребии он даъват мекунад»[25].

**Омилҳое, ки сабаби масеҳии ҷисмонӣ шудан мегарданд**

Дар поён омилҳо ва сабабҳое номбар шудаанд, ки метавонанд боиси масеҳии ҷисмонӣ шудан гарданд.

**1. Ҷаҳолат.** Мо мавзӯи «ҳаёт дар Рӯҳулқудс»-ро ба қадри кифоя амиқ таҳқиқ накардаем ё калиди чӣ тавр онро дар амал истифода бурданро наёфтаем.

**2. Беимонӣ ё норасоии имон.** Аз Рӯҳулқудс пур шудан бе эътимоди комил ва худбахшоии пурра ба Масеҳ номумкин аст. Чунин беимонӣ метавонад ба сабаби нодонӣ ҷой дошта бошад, вале аксар вақт мо метарсем, ки Худованд моро он тавре раҳнамоӣ мекунад, ки мо онро намехоҳем. Яъне, мо то ба охир ба ҳикмат ва муҳаббати Худо эътимод надорем.

**3. Тасаввуротҳои барғалат.** Мо метавонем фикр кунем, ки аз Рӯҳулқудс пур ҳастем, ҳарчанд дар асл Ӯ дар қалби мо сокин нест ё ҳаст, вале ба қадри нокифоя. Чунин мушкилӣ бештар вомехӯрад.

**4. Ниҳоят серкорем.** Мо он қадар ба кор банд ҳастем, ки ба назар чунин мерасад, ки мо вақти кам дорем ё умуман вақт надорем, то бо Масеҳ муносибат дошта бошем. Баъзан мо ба ҳар ҳол ин вақтро пайдо мекунем, вале онро самаранок истифода намебарем ва рӯҳан рушд намекунем.

**5. Гуноҳҳои пинҳонӣ. Аз даст додани фидия.** Ин ба расиши кутоҳ, мавҷуд набудани робита бо манбаи неруи Илоҳӣ монанд аст.

**6. Амалҳое, ки аз ҳиссиёт таҳрик меёбанд.** Каломи Худо мегӯяд: *«Порсо бо василаи имон хоҳад зист»*. Ман ба чӣ умед мебандам, вақте ки қарор қабул мекунам: ба имон ба Худо ё ба ҳиссиёти худ? Иқтибосе аз китоби Роҷер Морне ба ман таъсири сахт расонд: *«Арвоҳи палид одамонро барои аз Каломи*

---

[25] Arthur G. Daniells, Christ our Righteousness, p. 20.

*Худо ва пайғамбарони Ӯ дида, бештар ба эҳсосоти худ гӯш додан бовар хоҳанд кунонид. Ва барои онҳо воситаи одитари тасарруф намудани ҳаёти инсон вуҷуд надорад. Дар баробари ин худи одам ҳатто пай намебарад, ки чӣ рӯй дода истодааст»*[26].

**Барои чӣ ман аз Рӯҳулқудс пур шуданро илтиҷо намоям, дар сурате ки аллакай аз Рӯҳулқудс пур ҳастам?**

Аз як тараф, Рӯҳулқудс барои он ба мо дода мешавад, то бо мо бимонад. Вале аз тарафи дигар мо бояд Рӯҳулқудсро доимо бо имон талаб кунем. Ин ихтилофро чӣ тавр ҳал намоем?

Аз як тараф:

Дар Юҳанно, 14:17 Масеҳ мегӯяд: *«Зеро ки Ӯ бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд»*. Аъмол, 2:38: *«Петрус ба онҳо гуфт: "Тавба кунед ва ҳар яки шумо... таъмид бигиред ва атои Рӯҳулқудсро хоҳед ёфт"»*.

Аз тарафи дигар:

Дар Луқо, 11:9–13 Масеҳ мегӯяд: *«Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд... пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое, ки аз Ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод»*. Дар нусхаи аслии юнонии ҳар ду оят ин хоҳиш дар замони давомдор омадааст.

Хулоса:

Э. Уайт мегӯяд: «Вале Рӯҳ ҳамеша мувофиқи Каломи китобатшуда амал мекунад – ҳам дар табиат, ҳам дар олами рӯҳонӣ. Ҳаёти биологӣ ҳар лаҳза бо неруи Худо нигоҳ дошта мешавад, вале на ба тариқи муъҷизаосо, балки бо ёрии баракатҳои ба ҳамаи мо дастрас. Ҳаёти рӯҳонӣ низ бо ёрии воситаҳое, ки иродаи Илоҳӣ омода кардааст, нигоҳ дошта мешавад. Агар пайрави Масеҳ мехоҳад *"ба дараҷаи шахси комил, ба андозаи бузургии пурраи Масеҳ"* (Эфсусиён, 4:13), нуму кунад, ӯ бояд нони ҳаётро бихӯрад ва оби наҷотро бинӯшад. Ӯ бояд ҳу-

[26] Roger Morneau, A Trip into the Supernatural, p. 43.

шёр бошад, дуо гӯяд ва заҳмат кашида, дар ҳама чиз ба пандҳои Худо, ки дар Каломи Ӯ дода шудаанд, итоат кунад»[27].

Ҳангоми таваллуд ёфтанамон ба мо ҳаёт ато карда мешавад. Вале барои нигоҳ доштани ин ҳаёт мо бояд ғизо истеъмол кунем, бинӯшем, дар ҳаракат бошем ва ғайра. Худи ҳамин ба ҳаёти рӯҳонӣ низ дахл дорад. Мо Рӯҳулқудсро замоне дарёфт мекунем, ки дар об ва Рӯҳ (таваллуд аз оламы боло) таъмид мегирем ва ин неруи рӯҳонӣ тамоми умр дар мо боқӣ мемонад. Вале барои нигоҳ доштани ин неру мо бояд воситаҳои рӯҳониро, ки Худо ба мо ато мекунад, истифода барем: Рӯҳулқудс, Китоби Муқаддас, дуо, хизмат ва воситаҳои дигарро.

Дар Юҳанно, 15:4 Масеҳ мегӯяд: *«Дар Ман бимонед ва Ман дар шумо».* Э. Уайт низ дар ин бора мегӯяд: «Дар Масеҳ мондан – маънои Рӯҳи Ӯро пайваста қабул кардан ва худро бечуну чаро ба хизмати Ӯ бахшида, зиндагӣ карданро дорад»[28].

Бинобар ин моро лозим аст Рӯҳулқудсро ҳар рӯз бо имон биталабем ва ҳар субҳ худ ва ҳама истеъдодҳои худро ба Худованд бахшем.

## ВАЛЕ МАН КӢ ҲАСТАМ?

Акнун чизи аз ҳама муҳим – муайян кардан, ки ман ба кадом гурӯҳ тааллуқ дорам. Ман кӣ ҳастам?

Вақте ки модари ман 20 сол дошт, марде ба ӯ дар бораи имон суол дод. Модарам дар ҷавоб гуфт, ки ин мавзӯъ барояш аҷиб нест. Он гоҳ мард пурсид: «Вале агар имшаб ту бимирӣ-чӣ?» Ин суол модарамро ғамгин кард. Аммо баъд ба модарам фаҳм бахшид. Ин суол ӯро ба тасмими ба Масеҳ пайравӣ кардан ва ба калисо пайвастан водор намуд. Эҳтимол, суоли ба ин монанд метавонад ба шумо низ ёрӣ расонад:

[27] Э. Уайт. Аъмоли ҳаввориён, с. 284 (аслӣ).

[28] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 676 (аслӣ).

*Тасаввур кунед, ки имшаб шумо ҷон медиҳед...*
*(Сактаи дил? Ё фалокате?)*
*Оё шумо боварӣ доред, ки бо Масеҳ*
*ҳаёти ҷовидона меёбед?*

*Имрӯз қарор қабул кунед.*

**Як чизи пуризтироб**

Аз он замоне, ки бузургии ин мушкилӣ ба ман ошкор гардид, маро изтироб фаро гирифтааст. Ман бисёр андеша кардам ва дуо гуфтам, ки оё ин боб кирои навиштан дорад ё на. Вале ба ҳар ҳол тасмим гирифтам, зеро ин масъалаи хушбахтӣ на танҳо дар ин ҳаёт, балки дар абадият низ ҳаст. Ва он на танҳо ба фаъолияти калисо ва рисолати он, балки ба вазъи оилаҳо низ таъсир мерасонад. Ман намедонам, ки ин паёмро кӣ мехонад, вале мехоҳам, то ҳақиқате, ки ба ман кумак расонд, барои нафари дигаре низ судманд бошад. Барои ҳар масеҳии ҷисмонӣ дидани ҳолати худ хеле муҳим аст. Вагарна ӯ наметавонад аз неруи Худо истифода барад ва дигаргун шавад. Худованд дар муҳаббати бузурги Худ мехоҳад моро тавассути муносибатҳои наздик бо Исои Масеҳ ва Рӯҳулқудс ба таври фаровон баракат диҳад. Дар натиҷа мо метавонем эҳтиёҷи бузурги худро қонеъ гардонем ва баракатҳои азимро аз сар гузаронем. Ва аҷиб ин аст, ки дигаргуниҳо дар ҳаёти мо метавонанд бо мадади Худо бисёр зуд ба амал биёянд. Мо сари ин масъала дар фаслҳои 3 ва 5 муфассалтар сухан мегӯем.

Мушкилии масеҳии ҷисмонӣ дар Китоби Муқаддас ба таври гуногун тасвир карда мешавад. Гурӯҳҳои одамон ва ҳар нафар шахсан метавонанд хусусиятҳои хоси худро дошта бошанд, вале мушкилии асосӣ якто боқӣ мемонад. Тасвирҳои гуногун:

- «**ҷисмонӣ**» – Румиён, 8:1–17; 1 Қуринтиён, 3:1–4; Ғалотиён, 5:16–21 ва оятҳои дигар.
- **«нодонон»** – масал дар бораи даҳ бокира (Матто, 25:1–13).

- «Ҳолати калисоро, ки дар тасвири бокираҳои нодон нишон дода шудааст, ҳолати калисои Лукдия низ номидан мумкин аст»[29].
- **«ширгарм»** – нома ба калисои Лукдия (Ваҳй, 3:14–21).
- *«О, кошки ту сард ё гарм мебудӣ»* (Ваҳй, 3:15). Аҷиб аст, ҳамин тавр не магар? Масеҳ на ба имондорони ширгарм, балки ба имондорони сард афзалият медиҳад. Барои чӣ Ӯ ин тавр мегӯяд? «Масеҳиёни дурӯя аз бутпарастон бадтаранд, зеро суханони риёкорона ва ҳолати нобаладии онҳо атрофиёнашонро аз роҳи ҳақ мезананд. Бутпараст пинҳон намекунад, ки ӯ киро ҷонибдор аст. Масеҳии ширгарм нисбати ҳар ду тараф риёкорӣ нишон медиҳад. Ӯ на пайрави хуби ин ҷаҳон аст, на масеҳии хуб. Шайтон ӯро барои ба ҷо овардани он коре, ки ҳеҷ каси дигар онро анҷом дода наметавонад, истифода мебарад»[30].
- **касоне, ки аз олами боло таваллуд наёфтаанд** ё ин ҳолатро нигоҳ надоштаанд (Юҳанно, 3:1–21).
- «Таваллуди нав – дар замони мо таҷрибаи хеле нодир аст. Ана барои чӣ дар калисоҳо ҷанҷолҳо ин қадар зиёд рӯй медиҳанд. Бисёр касоне, ки худро бо исми Масеҳ ном мегиранд, муқаддас нагардидаанд ва қудсият надоранд. Онҳо таъмид  дода шуда буданд, вале зинда дафн карда шуда буданд. Сиришти ботинии онҳо намурд, аз ин рӯ онҳо барои ҳаёти нав дар Масеҳ эҳё нашуданд»[31].
- **намуди диндорӣ** – *«намуди зоҳирии диндорӣ доранд, вале қуввати онро инкор мекунанд»* (2 Тимотиюс, 3:5). Артур Даниэлс дар ин бора чунин мегӯяд:
- «Вале зоҳирпарастӣ махсусан фиребанда ва марговар аст. Он ҳамон сахраи зери об ниҳонест, ки калисоро садсолаҳо ғайричашмдошт ва зуд-зуд таҳдиди ғарқсозӣ мекунад. Павлуси ҳаввορӣ моро дар сурати аз неруи Ӯ ҷудо будан

---

[29] E.G. White, Review and Herald, Aug. 19, 1890.

[30] E.G. White, Letter 44, 1903, quoted in the SDA Bible Commentary, Vol.7, p. 963 on Rev. 3: 15.16.

[31] Тавзрҳоти Китоби Муқвддас АРҲ, Заокск, 2015, ҷ. 6, с. 830 (аслӣ).

пешакӣ аз *“намуди зоҳирии диндорӣ”* (2 Тимотиюс, 3:5) огоҳ мекунад ва дар ин хусус чун дар бораи яке аз хатарҳои замони охир сухан гуфта, ба дурӣ ҷустан аз таъсири фиребанда ва дилфиребии он даъват менамояд»[32]. Э. Уайт доир ба ин мавзӯъ чанд фикри пуризтироб дорад:

- **Шумораи кам, ниҳоят ками одамон**
- «Дар ин рӯъё ман посбони назди дари бинои калон истодаро дидам ва ӯ аз ҳар касе, ки назди даромадгоҳ меомад, мепурсид: “Оё ту Рӯҳулқудсро дарёфтаӣ?” Ӯ дар дасташ найи андозагирӣ дошт ва танҳо шумораи кам, ниҳоят кам ба бино роҳ дода шуданд»[33].
- **Аз бист аъзо ҳеҷ кас… тайёр нест**
- «Ба ман арзи мутантане дода шудааст ва ман онро ба калисо фиристодам, ки аз бист аъзои он ҳеҷ кас, ки номи онҳо дар китоби калисо сабт шудааст, ба анҷоми таърихи замин омода нест ва бешак, монанди шахси гуноҳкори муқаррарӣ бе Худо ва бе умед хоҳад монд»[34].
- **Чаро мо ин қадар заифем?**
- «Чаро сарбозони Масеҳ ин қадар заиф ва бепарвоянд? Барои он ки онҳо дар асл аз Масеҳ дур ва аз Рӯҳи Ӯ маҳруманд»[35]
- **Хатари бузург**
- «Ҳоҷат нест ин ҷо дар бораи кӯтоҳӣ ва номуайянии ҳаёт сухан гӯем. Вале дар бораи хатар хомӯш мондан лозим нест – хатаре, ки бисёриҳо онро кам дарк мекунанд. Он дар бемайлии одамон дар мавриди ба даъвати Худо – ба даъвати аз гуноҳ даст кашидан бетаъхир тан додан ҷойгир аст. Ҳар қадаре ки гуноҳ хурд набошад, ҳар нафари ба он тағофулкунанда таваккали абадан ба ҳалокат расиданро мекунад»[36]. Моҳияти гуноҳ дар чист? *«Ки ба Ман имон на-*

---

[32] A. G. Daniells, Christ our Righteousness, p. 20.

[33] Э. Уайт. Паёмҳои мунтахаб, ҷ. 1, с. 109 (аслӣ).

[34] Э. Уайт. Хизматгузории масеҳиёна, с. 41 (аслӣ).

[35] Э. Уайт. Мубориза и бузург, с. 537, (тоҷикӣ).

[36] Э. Уайт. Паёмҳои мунтахаб, ҷ. 1, с. 109 (аслӣ).

*меоваранд»* (Юҳанно, 16:9). Мо метавонам дарк намоем, ки дар ҳақиқат ба Масеҳ имон дорем, танҳо агар ҳама чизро ба дасти Ӯ бисупорем. Ин маънои худро пурра бахшидан, хоҳиши дар ҳама чиз ба Ӯ пайравӣ карданро дорад.

- Бори дигар такрор мекунам: Ман тасмим гирифтам ин боби ниҳоят ҷиддиро ҷой диҳам, зеро ин ҷо ман ба мавзӯе дахл мекунам, ки аз дарк намудани он хушбахтӣ на танҳо дар ин ҳаёт, балки дар абадият: хушбахтии наздикони мо, хешовандон ва инчунин калисоҳои мо низ вобаста аст.

### Суолҳо ва боз суолҳо

Суоли муҳимтарин: оё ман аз Рӯҳулқудс пур ҳастам? Чӣ тавр ман метавонам аз Рӯҳулқудс пур шавам? Барои аз Рӯҳулқудс пур шудан кадом шартҳо мавҷуданд? Дар ҳаёт бо Рӯҳулқудс кадом самараҳои мусбат пайдо мешаванд? Ҳолате, ки одам бархато фикр мекунад, ки ӯ аз Рӯҳулқудс пур аст, чӣ хатар дорад?

### Барои огоҳии пешакӣ шукргузор бошед

Худовандро барои он шукр гӯед, ки шумо тавонистед мавзӯи таҷдидро амиқтар биомӯзед. Ман мутмаинам, ки Худо бо сабабҳои зиёд моро ба воситаи Рӯҳулқудс ба таҷдидёбӣ водор месозад. Шояд ба чунин сабабҳо:

- Ӯ мехоҳад ниёзи моро пурра гардонад ва аз ҳолати Лудкия берун оварад.
- Ӯ мехоҳад моро ба Дуюмбора омадани Масеҳ, ки наздик аст ва ҳодисоти махсусе, ки пеш аз он рӯй медиҳанд, омода созад.
- Ӯ мехоҳад таҷдиди ниҳоии бузургро (Ваҳй, 18:1, 2) дар тамоми ҷаҳон ба воситаи касоне, ки аҳкоми Худоро риоят мекунанд ва шаҳодати Исои Масеҳро доранд, ба ҷо оварад (Ваҳй, 12:17).

Биёед, инчунин Худовандро барои он шукр мегӯем, ки ҳар масеҳии ҷисмонӣ метавонад зуд рӯҳонӣ гардад. Наҷотдиҳандаро барои он шукр мегӯем, ки ҳар нафаре, ки дар Рӯҳулқудс зиндагӣ мекунад, метавонад ба андозаи бузургии пурраи Ма-

сеҳ нуму ёбад. Ин қадами навбатии мост. Дар анҷоми фасл боз ба як таҷрибаи илҳомбахш рӯ меоварем.

### Таҳрики нав ва шодии ботинӣ

«Як хоҳар дар калисо ба ман китоби “Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ”»-ро дод. Ман аз мавзӯи дар китоб баёнёфта моту мабҳут гаштам. Дер боз ман як чизи ба ин монандро ҷустуҷӯ мекардам ва акнун пайдо намудам. Баъди оғози таҳқиқи ҳаёти рӯҳонии худ ба ман равшан гашт, ки чизеро дар зиндагиам тағйир додан лозим аст. Ман ҳаётамро ба дасти Масеҳ супурдам. Шурӯъ аз он вақт Худованд ҳар субҳи барвақт маро аз хоб бедор мекард ва барои муошират бо Ӯ ба ман вақт медод. Ҳар субҳ аз китоби “40 рӯз” як бобро мехондам. Ман мушоҳида намудам, ки муносибатҳоям бо Масеҳ чӣ қадар сахт қавӣ гардиданд. Онҳо амиқтару самимонатар шуданд. Рӯҳулқудс дар қалби ман амал мекунад. Баъди ин ман ба мутолиаи идомаи ин мавзӯъ – ба хондани китоби “Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ” оғоз намудам.  Ман ҳар яке аз ин китобҳоро чордафъаӣ мутолиа намудам. Акнун ман рӯзи худро бе муошират бо Худо тасаввур карда наметавонам. Таҳрики нав ва шодии ботинии ман наметавонанд мушоҳида нагарданд, бинобар ин натиҷаҳо дар атрофиён низ зоҳир мегарданд. Дар ин муддат ман таҷрибаҳои зиёдро бо Худо аз сар гузаронидам. Ман пайваста имконияти ба дигарон нақл кардани ин таҷрибаҳоро ҷустуҷӯ мекунам. Муносибатҳои наздик бо Масеҳ беаҳаммият будани бисёр чизҳоро ошкор месозанд ва ҳама ҳиссиётҳои зиёдатӣ несту нобуд мешаванд. Ман умедворам ва дуо мегӯям, ки боз одамони зиёде метавонанд он чизеро аз сар гузаронанд, ки барои аз сар гузарониданаш бахти ман омад кард. – Х. С.

ФАСЛИ 3

# МУШКИЛИҲОИ МОРО ЧӢ ТАВР ҲАЛ КАРДАН МУМКИН АСТ?

***Чӣ тавр мо метавонем масеҳиёни хушбахт ва матин шавем? Чӣ тавр Рӯҳулқудс метавонад зиндагии моро пур кунад?***

*Исои Масеҳ гуфтааст:*
*«Дар Ман бимонед ва Ман дар шумо» (Юҳанно, 15:4)*
*«Дар Масеҳ мондан – ин маънои худро бечунучаро ба хизмати Ӯ бахшида, пайваста пазируфтани Рӯҳ ва ҳаёти Ӯро дорад»[37].*

Ин роҳи ҳалли осмонии мушкилии мо дар айни замон тариқи зиндагии хушбахтонаи масеҳиёна низ ҳаст. Барои чӣ? Масеҳ дар ин бора чунин гуфтааст: *«Инро ба шумо гуфтам, то ки шодии Ман дар шумо бимонад ва шодии шумо комил бошад»* (Юҳанно, 15:11). Ба туфайли ин ду қадам (пайваста аз Рӯҳулқудс пур шудан ва худро пурра бахшидан) Масеҳ дар қалби мо маскан мегирад ва ин шарти асосии хушбахтии мост. Дар матни Қулассиён, 1:27 «Масеҳ дар мо» сарвати ҷалол номида шудааст. Аҷиб аст, ки Исо миёни ваъда дар бораи Рӯҳулқудс (Юҳанно, 14) ва амали Рӯҳулқудс (Юҳанно, 15) масалро дар бораи ток нақл мекунад (Юҳанно, 15).

[37] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 676 (аслӣ).

Барои ҳар яки мо ҳар рӯз худ ва мушкилиҳои худро ба дасти Худо супурдан ва инчунин ҳар рӯз Рӯҳулқудсро талаб кардан ва Ӯро бо имон пазируфтан ниҳоят муҳим аст.

## БАРОИ ЧӢ БА ДАСТИ МАСЕҲ СУПУРДАНИ ҲАМА МУШКИЛИҲОИ ХУД ИН ҚАДАР МУҲИМ АСТ?

Дар Луқо, 9:23 Масеҳ мегӯяд: *«Агар касе хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор кунад ва ҳар рӯз салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд» (ИТКМ).*

Исо қайд мекунад, ки шогирд будан ҳар рӯз амал карданро мефаҳмонад. Худро инкор кардан – ин ба Исо бовар намудани назорати тамоми зиндагии хештан аст. Вале суханони «ҳар рӯз салиби худро бардоштан» маънои онро надорад, ки мо мушкилиҳои гуногунро пайваста аз сар хоҳем гузаронид. Маънӣ ин аст: ҳар рӯз “ман”-и худро инкор кардан ва бо шодию ғайрат ба Исо итоат намудан, чунонки Павлус мегӯяд: *«Ман ҳар рӯз мемирам»*. Дар замони Масеҳ агар нафаре салибро бардошта мерафт, ин маънои онро дошт, ки ӯ ба марг маҳкум шудааст ва ба қатлгоҳ меравад. Бинобар ин ибораи зерин ширкат дар мушкилиҳоеро низ, ки метавонанд ҳангоми ба Масеҳ пайравӣ кардан пайдо шаванд, мефаҳмонад.

Мо ҳангоми таваллуди худ ҳаёти ҷисмонӣ ёфтем. Барои нигоҳ доштани неру ва саломатӣ мо бояд ҳар рӯз ғизо истеъмол кунем. Вақте ки мо аз олами боло таваллуд меёбем, ҳаёти рӯҳонӣ пайдо мекунем. Ва барои онро дар ҳолати қавӣ ва солим нигоҳ доштан **ҳар рӯз** нисбати инсони ботинӣ ғамхорӣ зоҳир намудан зарур аст. Агар ин дар ҳаёти ҷисмонию рӯҳонӣ ба амал наояд, он гоҳ мо заиф мегардем, метавонем бемор шавем ва ҳатто бимирем. Ва мисли он ки мо наметавонем ғизои кофӣ истеъмол намоем, то барои ҳамеша басанда бошад, мо наметавонем Рӯҳулқудсро низ як бор ва барои тамоми ҳаёт захира кунем.

Дар китоби «Аъмоли ҳаввориён» маслиҳати муҳиме ҳаст:

«Рӯҳ ҳамеша мувофиқи Каломи китобатшуда амал мекунад – ҳам дар табиат, ҳам дар олами рӯҳонӣ. Ҳаёти биологӣ ҳар лаҳза бо неруи Худо нигоҳ дошта мешавад, вале на ба тариқи муъҷизаосо, балки бо ёрии баракатҳои ба ҳамаи мо дастрас. Ҳаёти рӯҳонӣ низ бо ёрии воситаҳое, ки иродаи Илоҳӣ омода кардааст, нигоҳ дошта мешавад»[38].

Ба ман порчаи зерин аз китоби «Орзуи асрҳо» таъсири сахт мерасонад: «Мо бояд ҳар рӯз ба Масеҳ пайравӣ кунем. Худованд кӯмакеро, ки фардо ба мо лозим мешавад, имрӯз намефиристад»[39].

Эллен Уайт мегӯяд:

«Пайравӣ ба Масеҳ руҷӯи софдилонаро талаб мекунад – руҷӯеро, ки **ҳар рӯз** ба амал меояд»[40]. «Руҷӯи мо ҳар қадар ки комил набошад, он ба мо ҳеҷ суде намерасонад, агар мо онро ҳар рӯз таҷдид насозем»[41]. «Ҳар субҳ худро ба Худо бахшед. Бигзор ин кори нахустини шумо бошад. Ин тавр дуо гӯед: “Худовандо маро ба дасти Худ бигир, ман пурра ба Ту тааллуқ дорам. Ман ҳама нақшаҳои худро пеши пойи Ту мегузорам. Имрӯз маро дар хизмати Худ истифода бар. Бо ман бимон, то ҳама заҳматҳои ман дар Ту ба ҷо оварда шаванд”. Ин корро ҳар рӯз ба ҷо овардан лозим аст. Ҳар субҳ худро барои рӯзи дар пеш истода ба Худо бахшед. Ҳама нақшаҳои худро ба Ӯ мутеъ созед. Мувофиқи он чизе, ки Ӯ дар пешбинии Худ ба шумо нишон медиҳад, барои ба ҷо овардан ё даст кашидан аз нақшаҳои худ омода бошед. Ба ин тариқ шумо ҳар рӯз метавонед ҳаёти худро ба Худо супоред ва он бештару бештар ба зиндагии Масеҳ шабоҳат пайдо хоҳад кард»[42].

Моррис Венден менависад:

«Агар шумо ҳанӯз зарурати руҷӯи ҳаррӯзаро дарк накардаед, пас ин дарк метавонад аломати комёбии ҳақиқӣ дар ҳа-

---

[38] Э. Уайт. Аъмоли ҳаввориён, с. 284 (аслӣ).

[39] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 313 (аслӣ).

[40] SDA Bible Commentary (Review and Herald, 1976), vol. 1, p. 1113.

[41] E.G. White, Review and Herald, Jan. 6, 1885.

[42] Э. Уайт. Роҳи ҳаёт, с. 52 (тоҷикӣ)

ёти шумо бошад. Дар китоби *“Мавъизаи Масеҳ бар фарози кӯҳ”* мо чунин ваъдаро пайдо мекунем: “Агар шумо Худовандро ҷустуҷӯ кунед ва руҷӯи ҳаррӯзро аз сар гузаронед… ҳама шикоятҳои шумо сокит мегарданд, душвориҳо нест мешаванду мураккабтарин мушкилиҳо ҳалли худро пайдо мекунанд ”»[43].

Тавассути таҷдиди ҳаррӯзаи аҳди худ бо Масеҳ дар муошират бо Ӯ қарор доштан мисли таваллуд аз олами боло, вақте ки мо аввалин бор Ӯро шинохтем, муҳим аст.

Моррис Венден идома медиҳад: «Дар муносибатҳои ҳаррӯза бо Худо будан касро ба садоқати доимӣ ба Ӯ, ба вобастагии ҳарлаҳзаина аз Ӯ оварда мерасонад»[44].

Мо метавонем мутмаин бошем: агар мо ҳар рӯз аз самими қалб худро ба Исо бахшем, он гоҳ мо иродаи Ӯро ба ҷо меоварем, зеро Ӯ гуфтааст: *«Назди Ман оед…»* (Матто, 11:28) ва *«ҳар кӣ назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд»* (Юҳанно, 6:37).

«Худованд мехоҳад кори бузургеро барои мо анҷом диҳад. Мо на бо қувваи худ, балки бо ҷони худро пурра ба Масеҳ бахшидан ғолиб меоем. Мо бояд ба Худои Қодири Исроил эътимод карда ва бо неруи Ӯ фаро гирифта шуда, ба пеш ҳаракат кунем…»[45].

Ҷон Уэсли дар бораи таъсири бузурге, ки Худо метавонад ба воситаи мо расонад, агар мо худро пурра ба Ӯ бахшем, чунин менависад: «Худо ба воситаи як нафаре, ки худро 100% ба Худо бахшидааст кори бештареро анҷом медиҳад, назар ба дастаи бузурги одамоне, ки худро танҳо 99% бахшидаанд»[46].

Эллен Уайт мегӯяд:

«Танҳо касоне фарзандони Худо эътироф мегарданд, ки ҳамкорони Масеҳ мешаванд, касоне, ки мегӯянд: “Худовандо, ҳама он чизе, ки ман дорам ва тамоми ҳастии ман – ҳама аз

---

[43] Morris Venden, 95 Theses on Righteousness by Faith (Pacific Press, 1987), p. 96.

[44] Ibid, p. 233.

[45] Э. Уайт. Писарон ва духтарони Худо, с. 279 (аслӣ).

[46] Dr. S. Joseph Kidder, Anleitung zum geistlichen Leben (Andrews University), PPP slide 14.

они Туст!”»[47]. «Ҳама касоне, ки ҷону тану рӯҳи худро ба Худо бахшидаанд, дастгирии ҷисмонию рӯҳониро пайваста пайдо хоҳанд кард… Рӯҳулқудс бо тамоми пуррагӣ ба хираду қалб таъсир мерасонад. Файзи Худо қобилиятҳои онҳоро афзоиш медиҳад ва ҳар камолоти сиришти Илоҳӣ ба онҳо дар наҷот додани одамон ёрӣ мерасонад… ва сарфи назар аз заифии инсонии худ, корҳои Худои Қодирро анҷом медиҳанд»[48].

Ман хостам инро оид ба «тақдисёбӣ», «худбахшоӣ», «эътимод» ё «руҷӯъ»-и ҳаррӯза баён кунам.

## Барои чӣ мо бояд ҳар рӯз аз Рӯҳулқудс таъмиди нав гирифтанро илтиҷо кунем?

Дуои аз Рӯҳулқудс пур шудан – ин хоҳиши он аст, ки Масеҳ дар канори мо бошад, зеро Ӯ ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалби мо зиндагӣ мекунад. Вале барои чӣ бояд ҳар рӯз илтиҷо кунем?

Э. Уайт дар китоби «Аъмоли ҳаввориён» менависад: «Тасаллии аҷиб барои заҳматкаши фидокор он аст, ки ҳатто Масеҳ дар тӯли зиндагии заминии Худ ҳар рӯз файзеро, ки Ӯ ба он ниёз дошт, илтиҷо мекард… Тамоми роҳи Ӯ тасдиқ месозад, ки руҷӯи самимонаю исроркорона бо имон сӯйи Худо, имоне, ки ба вобастагии пурра аз Худо ва хизмати фидокорона ба кори Инҷил мерасонад, дар мубориза бо гуноҳ ба одамон мадади Рӯҳудқудсро ато мекунад»[49].

Ин ниёзи ҳаррӯзаи Масеҳ буд. Пас чӣ қадар сахт мо ба он ниёз дорем.

2 Қуринтиён, 4:16 фикри муҳиммеро дар бар мегирад: ***«Одами ботинӣ рӯз ба рӯз нав мешавад».***

Одами ботинии мо ба нигоҳубини ҳаррӯза ниёз дорад. Вале ин таҷдиди ҳаррӯза чӣ тавр ба амал меояд? Мувофиқи Эфсусиён, 3:16, 17, 19 ин ба воситаи Рӯҳулқудс ба амал меояд: ***«Бар тибқи сарвати ҷалоли Худ ато фармояд, ки шумо бо Рӯҳи***

---

[47] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 523 (аслӣ).

[48] Ҳамон ҷо

[49] Э. Уайт. Аъмоли ҳаввориён, с. 56 (аслӣ).

***Ӯ дар одами ботин қавӣ ва мустаҳкам шавед, ба тавре ки Масеҳ ба василаи имон дар дилҳои шумо сокин гардад, то ки шумо дар муҳаббат реша давонда ва устувор (бошед)... то ки бо тамоми пуррагии Худо пур шавед».***

Аз ин бармеояд:

- Ҳар рӯз барои аз Рӯҳулқудс пур шудан дуо гуфтан лозим аст.
- Дар натиҷаи ин Масеҳ дар қалби шумо сокин мешавад.
- Ӯ бар тибқи сарвати ҷалоли Худ барои ҳаёти одами ботинии мо неру ато мекунад. Неруи Худо – ин неруи фавқуттабиист.
- Муҳаббати Худо дар қалбҳои мо реша медавонад.
- Маҳз ҳамин аст роҳ сӯйи ҳаёти фаровон ва «пуррагӣ дар Худо» (Юҳанно, 10:10; Қулассиён, 2:10).

Боз як ояти муҳимми дигар дар Эфсусиён 5:18 навишта шудааст: «Аз Рӯҳ пур шавед». Таваҷҷуҳ кунед, ки ин маслиҳати одӣ нест. Ин амри Илоҳист. Худованди мо умедвор аст, ки хоҳиши дар Рӯҳулқудс зиндагӣ кардан дар қалби мо рушд мекунад. Иоганесс Магер тобишҳои забони юнониро далел оварда, ин оятро ба таври зайл тарҷума мекунад: «Пайваста ва беист аз Рӯҳ пур шавед ва таҷдид ёбед»[50].

Дар дарси рӯзи шанбе гуфта мешавад: «Таъмид аз Рӯҳулқудс маънои онро дорад, ки нафаре, ки зери таъсири Рӯҳ қарор дорад, аз Рӯҳ пур аст (Эфсусиён, 5:18). Ин таҷриба "як бор ва барои ҳамеша" рух намедиҳад, балки ба таҷдиди доими ниёз дорад»[51].

Павлуси ҳаввориӣ дар боби 5-уми Нома ба эфсусиён менависад. Дар баробари ин ӯ дар Эфсусиён, 1:13 аллакай қайд кардааст: *«Дар Ӯ шумо низ... ба Ӯ имон оварда, бо Рӯҳулқудси мавъуд муҳр зада шудаед».* Равшан аст, ки эфсусиён аллакай Рӯҳулқудсро гирифтаанд. Бо вуҷуди ин Павлус маслиҳат медиҳад: *«Бо Рӯҳ... қавӣ ва мустаҳкам шавед», «аз Рӯҳ пур шавед», «пайваста ва беист аз Рӯҳ пур шавед ва таҷдид ёбед».* Дар мат-

---

[50] Editor Werner E. Lange, Unser gröbtes Bedürfnis (Lüneburg, 2011), p. 42.

[51] Китоби омӯзиши Каломи Худо дар дарси рӯзи шанбе, 17 июли с. 2 014.

ни Эфсусиён, 4:30 ӯ аз хатари ранҷондан ё таҳқир кардани Рӯҳулқудс огоҳ мекунад.

Эллен Уайт мегӯяд: «Ҳар як хизматгузор бояд барои ҳар рӯз аз Рӯҳ таъмид гирифтанаш  Худоро илтиҷо кунад»[52].

«Барои пайдо кардани порсоии Масеҳ мо бояд ҳар рӯз зери таъсири Рӯҳ дигаргун шавем ва шарики табиати Илоҳӣ гардем. Маҳз Рӯҳулқудс майлу рағбатҳоро беҳтар мекунад, қалбро тақдис месозад, тамоми тинати инсонро пок мегардонад»[53].

Дар ҷойи дигар мубашшираи Худо менависад: «Касоне, ки Китоби Муқаддасро ҳамчун садои Худи Худо қабул мекунанд ва мехоҳанд ба таълимоти он пайравӣ намоянд, бояд **ҳар рӯз** ба омӯзиш банд бошанд, **ҳар рӯз** неруи **рӯҳонӣ ва қувваи рӯҳониро,** ки онро ҳар имондор ба василаи Рӯҳулқудс дарёфт мекунад, ба даст биёранд»[54].

«Мо бояд ҳар рӯз ба Масеҳ пайравӣ кунем. Худованд мададеро, ки фардо ба мо лозим мешавад, имрӯз намефиристад»[55].

Боз як иқтибоси дигар: «Барои рушди рӯҳониямон ба мо ҳар лаҳза бо неруи Илоҳӣ робита доштан зарур аст. Мо метавонем Рӯҳи Худоро то андозае дарёфт кунем, вале моро лозим аст ба воситаи дуо ва имон **барои ба даст овардани андозаи пурраи Рӯҳ пайваста талош намоем»[56].**

Ман боз як иқтибоси аҷиби дигар пайдо кардам: **«Ту ба таъмиди ҳаррӯзаи муҳаббат,** ки дар замони ҳаввориён ҳамаи онҳоро мутаҳҳид сохта буд, ниёз дорӣ»[57]

Павлуси ҳавворӣ дар Румиён 5:5 ошкор месозад, ки муҳаббати Худо ба василаи Рӯҳулқудс ба қалбҳои мо нозил мешавад. Ин фикрро мо дар Эфсусиён 3:17 низ пайдо мекунем. Таъмиди ҳаррӯза аз Рӯҳулқудс (аз Рӯҳулқудс пур шудан) таъмиди муҳаббатро низ (аз муҳаббати Илоҳии агапе пур шу-

---

[52] Э. Уайт. Аъмоли ҳаввориён, с. 50 (аслӣ).

[53] Э. Уайт. Паёмҳои мунтахаб,  ч. 1, с. 374 (аслӣ)

[54] E.G.White, The Signs of the Times, March 8, 1910, par. 1.

[55] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 313 (аслӣ).

[56] E.G. White, The Review and Herald, March 2, 1897, par. 5.

[57] Э. Уайт. Шаҳодатҳо барои Калисо. ч. 8, с. 191 (аслӣ).

дан) ба вуҷуд меоварад. Илова бар ин дар Эфсусиён 5:16 дар бораи ғалаба бар қудрати гуноҳ сухан гуфта мешавад.

## МУҲИММИЯТИ САҶДАИ ШАХСӢ

Агар мо ҳаррӯз худро ба Масеҳ мебахшем ва аз Рӯҳулқудс пур шуданро илтиҷо мекунем, саҷдаи шахсӣ барои мо чӣ аҳаммияте дорад?

Муоширати ҳаррӯза бо Худо ва риоя намудани рӯзи шанбе – ин бунёди ҳаёти рӯҳонӣ аст.

Мо аллакай оятҳои Китоби Муқаддас ва иқтибосҳои гуногунеро, ки ҳар рӯз таҷдид ёфтани одами ботиниро нишон медиҳанд, хондем. **Онҳо муҳиммияти саҷдаи ҳаррӯзаи шахсиро ба Худо мефаҳмонанд.**

Асоси ибодатро дар маъбад қурбонии субҳ ва шомгоҳ ташкил медод. Рӯзи шанбе боз як қурбонии иловагии сӯхтании шанбегӣ тақдим карда мешуд (Ададҳо, 28:4, 10). Вай чӣ аҳаммият дошт?

«Қурбонии сӯхтанӣ тимсоли худро пурра ба Худо бахшидани шахси гунаҳкор буд. Одам аз ин ҳадия ҳеҷ чизро барои худ нигоҳ намедошт, ҳамааш ба Худо тааллуқ дошт»[58].

«Соатҳои барои ибодати субҳ ва шомгоҳ муқарраршуда, соатҳои муқаддас ҳисоб меёфтанд ва тамоми қавми Яҳудо ин соатҳоро ҳамчун вақти барои дуо ҷудошуда риоя мекарданд… Масеҳиён дар ин таомул намунаи субҳ ва шом дуо гуфтанро мебинанд. Худо ба ҷо овардани маросимҳои аз рӯҳи дуо маҳрумро маҳкум мекунад, вале Ӯ ба касоне, ки Ӯро дӯст дошта ва субҳ ва шом ба Ӯ саҷда карда, барои гуноҳҳои худ ҳадия меоранд ва баракатҳои заруририро илтиҷо мекунанд, бо шодии бузург нигоҳ мекунад»[59].

Оё шумо мебинед, ки ин ду бунёди ҳаёти рӯҳонии мо – саҷдаи ҳаррӯза ва рӯзи шанбе – миёни худ иртибот доранд? Илова бар ин, оё шумо розӣ ҳастед, ки ҳар рӯз худро ба Масеҳ бахшидани мо, Масеҳе, ки ба воситаи Рӯҳулқудс ба қалби мо

---

[58] Fritz Rienecker, Lexikon zur Bibel (Wuppertal, 1964), p. 1017.

[59] Э. Уайт. Нахустпадарон ва пайғамбарон, с. 350 (тоҷикӣ).

ворид мешавад, ба ин вобастагии мустақим дорад?

Оё шумо принсипи муҳимтарини рӯҳониро, яъне ҳар рӯз Худоро дар ҷойи аввал гузоштанро ҳамчун принсипи худ қабул мекунед? Масеҳ дар Мавъизаи болои кӯҳ мегӯяд: *«Аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд»* (Матто, 6:33).

Малакути Худо – ин вақте ки Масеҳ дар қалби шумо сокин аст. Бинобар ин моро зарур аст ҳар рӯз худро ба Худованд бахшем ва ҳар рӯз ҳангоми муошарати шахсӣ бо Офаридгор нузули Рӯҳулқудсро илтиҷо кунем. Вақте ки мо дар ҳузури Худои Қодир қарор мегирем, барои мо лаҳзаи ҳалкунанда фаро мерасад: оё мо муносибатҳои наҷотбахши шахсиро бо Масеҳ пайдо кардаем ва оё мо онҳоро нигоҳ доштаем? (Юҳанно, 15:1–17). Инак, оё шумо пуршавии бештару пурзӯртарро аз Рӯҳулқудс дар имони худ иштиёқманд ҳастед?

Агар мо барои муошират бо Худо вақти шахсии худро кам мегузаронем ё умуман бо Ӯ муошират надорем, ҳаёти рӯҳонии мо ҳафтае як ё ду дафъа дастгирӣ меёбад. Ин ба ҳолати шахсе монанд аст, ки дар як ҳафта як маротиба ғизо истеъмол мекунад. Шахсеро, ки дар як ҳафта як маротиба гуруснагиро эҳсос кунад, тасаввур кардан номумкин аст. Оё ин маънои онро надорад, масеҳие, ки барои муошират бо Худо вақт ҷудо намекунад – масеҳии ҷисмонӣ аст?

> « *Барои пайдо кардани порсоии Масеҳ мо бояд ҳар рӯз зери таъсири Рӯҳ дигаргун шавем ва шарики табиати Илоҳӣ гардем* »

Ин чунин маънӣ низ дорад, ки агар шахс дар чунин ҳолат бимонад, наҷот намеёбад. Барои масеҳии ҷисмонӣ саҷда ба Худо уҳдадорӣ аст. Вале барои масеҳии рӯҳонӣ – он зарурат мегардад.

Чанд сол пеш ман китоби хурди *«Ман роҳзан будам»*-ро, ки муаллифаш Ҷим Ваус буд, мутолиа намудам. Муаллифи китоб дар ҳақиқат ҷинояткоре буд, ки таҷрибаи ба Худо руҷӯъ овар-

данро аз сар гузаронд. Ӯ аз гуноҳҳои худ (фиреб, дуздӣ ва ғ) аз самими дил тавба кард ва мудохилаи аҷиби Илоҳиро аз сар гузаронд. Таҷрибаи ӯ ба ман асар кард ва ман фикр кардам: «Ман қариб ҳама вақт самимона ва дуруст рафтор мекунам, вале бо вуҷуди ин чунин таҷриба надорам». Ва он гоҳ ман ба Худованд дуо гуфтам: «Падари Осмонӣ, ман мехоҳам ҳама гуноҳҳои ошкорои худ ва инчунин он гуноҳҳоеро, ки Ту ба ман ошкор месозӣ, эътироф намоям. Ман инчунин мехоҳам ҳар субҳ барвақттар бедор шавам, то дуо бигӯям ва Китоби Муқаддасро бихонам. Ман ба ин тариқ мехоҳам мудохилаи Туро дар ҳаёти худ аз сар гузаронам».

Худоро ҷалолу ситоиш бод! Ӯ дар ҳаёти ман ҷалол ёфт. Шурӯъ аз он замон муоширати пагоҳирӯзии ман бо Худо ва рӯзи шанбе асоси ҳаёти рӯҳонии ман гардиданд.

*Худбахшоии ҳаррӯза ва пуршавии ҳаррӯза аз Рӯҳулқудс метавонанд дар қалби мо тағйиротҳои аҷибро ба вуҷуд биёранд. Ин ҳангоми муоширати шахсии мо бо Худо ба амал меояд.*

## САҶДА ДАР РӮҲ ВА РОСТӢ

Биёед дар бораи ҳадафи саҷда андеша мекунем. Дар муроҷиати Худо ба инсоният саҷда ба Худованд ва саҷда ба ҳайвони ваҳшӣ муқобил гузошта мешавад (Ваҳй, 14:6–12). Аломати зоҳирии саҷдаи Офаридгор рӯзи шанбе аст. Маънии ботинии саҷда дар Юҳанно, 4:23, 24 тасвир ёфтааст: ***«Лекин соате мерасад ва аллакай расидааст, ки парастандагони ҳақиқӣ Падарро ба рӯҳ ва ростӣ парастиш хоҳанд кард, зеро ки Падар толиби ин гуна парастандагони Худ мебошад: Худо рӯҳ аст ва онҳое, ки Ӯро парастиш мекунанд, бояд ба рӯҳ ва ростӣ парастиш кунанд».***

**Парастиш дар рӯҳ** маънои саҷдаи ҳақиқиро дорад, вале аз Рӯҳулқудс пур шуданро низ дар назар дорад. **Парастиш дар ростӣ бошад** – ин зиндагӣ дар худбахшоии пурра ба Ма-

сеҳ аст, Масеҳе, ки таҷассуми ростист. Исои Масеҳ гуфтааст: *«Ман... ростӣ ҳастам»* (Юҳанно, 14:6). Инак, вақте ки Масеҳ дар қалби мо сокин мешавад, мо зиндагиро мувофиқи каломи Худо ва дастуроти Ӯ шурӯъ мекунем, зеро Ӯ мегӯяд: *«Каломи Ту ростист»* (Юҳанно, 17:17). Дар Забур, 118:142 навишта шудааст: *«Шариати Ту ҳақ асту рост»*. Агар мо имрӯз бо Худо вақти кофӣ нагузаронем, худро ба хатари дар лаҳзаи санҷиш тоб наовардан гирифтор месозем. Ва ин мушкилии бузургтарини ҳамаи масеҳиёни ҷисмонист.

Ман мутмаинам, ки ҳар яки мо мехоҳад бо мадади Худо ба пеш ҳаракат кунад, дар дониш рушд намояд. Эҳтимол, ақидаи хатои дар поён зикрёфта барои баъзеҳо дар масири рушди рӯҳонӣ монеа гардидааст.

## ТАЪМИД ВА РӮҲУЛҚУДС

Баъзе одамон фикр мекунанд, ки аз Рӯҳулқудс пур ҳастанд, зеро ки таъмид гирифтаанд, бинобар ин мутмаинанд, ки ҳама кори онҳо хуб аст ва ҳеҷ чизро тағйир додан намехоҳанд. Д. Муди дар ин хусус мегӯяд: «Бисёриҳо гумон мекунанд, ки боре аз Рӯҳулқудс пур шуда, онҳо барои ҳамеша пур шудаанд. Оҳ, дӯсти азиз, ману ту зарфҳои шикастаем. Барои пур мондан, моро зарур аст ҳамеша зери селоб бимонем»[60]

Ҷозеф Ваггонер навишта буд:

**«Агар шахс таъмидро ҳамчун далели ягонаи атои Рӯҳулқудс баҳо медиҳад, пас чунин гунаҳкори тавбакарда ба масири амнияти бардурӯғ қадам мегузорад.** Ӯ ба таъмиди худ чун ба гарави файзи Худо умед мебандад. Ба ин тариқ, дар қалби ӯ танҳо таъмид ҳамчун муҳр ё “шаҳодат” медурахшад, на Рӯҳулқудс»[61].

Таъмид – ин, бешак, тасмими муҳим аст ва иродаи Худост.

---

[60] D. L. Moody, They Found the Secret, p. 85, 86; quoted in “10 Days — Prayers and Devotions” by Dennis Smith, p. 23.

[61] Joseph H. Waggoner, The Spirit of God (Battle Creek, Michigan 1877), p.35f, quoted in Garrie F. Williams, Erfüllt vom Heiligen Geist (Lüneburg, 2007), S. 58.

Муҳиммияти он ҳам алҳол ва ҳам дар оянда бебаҳост. Вале мо наметавонем воқеоти гузаштаро ҳамчун далели пуршавӣ аз Рӯҳулқудс баҳо диҳем. Мо бояд ин таҷрибаро **имрӯз** аз сар гузаронем ва **имрӯз** мутмаин бошем, ки зиндагии моро Рӯҳулқудс роҳбарӣ мекунад.

Баъзе одамон Рӯҳулқудсро **то** таъмид гирифтан ёфтанд, мисол, Корнилиюс ва аҳли хонадони ӯ, инчунин Шоул. Дигарон Ӯро **баъди** таъмид пайдо карданд, мисол, сомариҳо ё дувоздаҳ кас аз Эфсус. Муҳим нест, ки мо Рӯҳулқудсро **то, ҳангоми ё баъди** таъмид гирифтан пайдо кардаем. Чӣ чиз дар ҳақиқат муҳим аст – ин ки оё мо Ӯро умуман дарёфт кардаем ва оё мо **ҳозир** аз Ӯ пур шудаем. Ҳолати мо имрӯз аз он чизе, ки дар гузашта рӯй дода буд, муҳимтар аст.

Бори дигар мехоҳам шуморо хотиррасон кунам: ҳангоми таваллуд ҳаёти ҷисмонии мо шурӯъ ёфт, ки онро бо ғизо, хоб ва машқҳои ҷисмонии ҳаррӯза нигоҳ медорем. Вагарна умри дароз нахоҳем дид. Худи ҳамон қонунҳо дар ҳаёти рӯҳонӣ низ амал мекунанд. Дар он лаҳзае, ки мо худро комилан ба дасти Масеҳ супурдем, мо таваллудро аз олами боло ба воситаи Рӯҳулқудс ба даст овардем. Ҳаёти рӯҳонӣ ба мустаҳкамшавӣ ба воситаи Рӯҳулқудс, дуо ва Каломи Худо ниёз дорад. Э. Уайт мегӯяд: «Ҳаёти биологӣ ҳар лаҳза бо неруи Худо нигоҳ дошта мешавад, вале на ба тариқи муъвизаосо, балки бо ёрии баракатҳои ба ҳамаи мо дастрас. Ҳаёти рӯҳонӣ низ бо ёрии воситаҳое, ки иродаи Илоҳӣ омода кардааст, нигоҳ дошта мешавад»[62].

На ҳаёти ҷисмонию на рӯҳонӣ наметавонанд дар реҷаи худкор нигоҳ дошта шаванд. Мо бояд воситаҳои атонамудаи Худоро истифода барем.

Инак, вақте ки мо аз олами боло таваллуд меёбем, Рӯҳулқудс нузул мекунад, то дар қалби мо ба таври ҳамеша маскан бигирад. Худованд моро бо ҳама воситаҳои зарурӣ таъмин намуд, то Рӯҳулқудс дар қалби мо доимо бимонад. Вале мо ба чӣ метавонем умед бандем, агар ин «воситаҳоро» истифода намебарем?

---

[62] Э. Уайт. Аъмоли ҳаввориён, с. 284 (аслӣ).

Рӯҳулқудс воситаи муҳимтарин аз инҳост. Вале муҳим будани дуо, муоширaт бо Худо ба воситаи Каломи Ӯ, иштирок дар ибодат ва дигар арзишҳои масеҳиро фаромӯш набояд кард.

Фикр мекунам, шумо розӣ мешавед, ки мо бояд ҳар рӯз дар ҳаққи одами ботинӣ ғамхорӣ зоҳир намоем. Ва агар мо ин корро накунем, бо оқибатҳои ғамангез мувоҷеҳ хоҳем гашт. Мо наметавонем пешакӣ сер шавем ва на пешакӣ аз Рӯҳулқудс пур гардем.

«Худованд мададеро, ки фардо ба мо лозим мешавад, имрӯз намефиристад»[63]. Ман фикр мекунам, комилан равшан аст, ки мо ниёз ба он дорем, то ҳар рӯз худро ба Масеҳ бахшем ва ҳар рӯз Рӯҳулқудсро ба ҳаёти худ даъват кунем.

Ин ду ҷанба ду тарафи як танга ҳастанд ва як ҳадаф доранд: пайдо кардани муносибатҳои наздик бо Масеҳ. Ман дар худбахшоӣ хешро ба дасти Ӯ месупорам ва дар дуо дар бораи Рӯҳулқудс Ӯро ба қалби худ даъват мекунам. Дар миёни дигар оятҳои Китоби Муқаддас 1 Юҳанно, 3:24 фикреро, ки Исо ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалби мо зиндагӣ мекунад, бисёр хуб инъикос менамояд: ***«Ва ин ки Ӯ дар мо сокин аст, аз он Рӯҳе медонем, ки Ӯ ба мо ато намудааст».***

## ЗОҲИРШАВИИ РӮҲУЛҚУДС

Рӯҳулқудс дар қалби ман сокин шуда, он кореро анҷом медиҳад, ки Масеҳ ба он комёб гардид. Павлуси ҳаворӣ дар Румиён 8:2 мегӯяд: *«Чунки қонуни рӯҳи ҳаёт дар Исои Масеҳ маро аз қонуни гуноҳ ва марг фориғ кардааст».* «Қонуни рӯҳ»-ро чун воситае фаҳмидан лозим аст, ки Рӯҳулқудс ба воситаи он дар қалби инсони худро ба Худо бахшида амал мекунад. Хизматҳои Масеҳ дар зиндагии ман танҳо ба воситаи Ӯ метавонанд зоҳир гарданд. Э. Уайт низ дар ин хусус мегӯяд: **«Рӯҳ бояд таъсири таҷдидсозанда расонад, бе Ӯ қурбонии Масеҳ беҳуда мебуд…** Рӯҳ ҳама кори анҷомдодаи Фидиягузори ҷаҳонро таъсирбахш мегардонад. Қалби инсонро маҳз Ӯ пок

---

[63] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 313 (аслӣ).

месозад. Шахси имондор ба воситаи Рӯҳ шарики сиришти Илоҳӣ мегардад… Худо неруи Худро ба ҳар инсон ба андозаи қобилияти пазироии ӯ ато мекунад»[64].

Томас Дэвис ин равандро ба таври зайл тасвир мекунад: «Ин маънои онро дорад, ки ҳатто муваффақияти корномаи Исо баҳри одамон аз Рӯҳулқудс вобастааст. Бе Ӯ ҳама он коре, ки Масеҳ дар Ҷатсамонӣ, дар салиб, ҳангоми эҳё ва дар хизмати коҳинӣ дар осмон анҷом дод, бенатиҷа мебуд. Нафъ аз хизмати Масеҳ наметавонист аз таъсири дигар динҳои ҷаҳонӣ ё пешвоёни ахлоқӣ бартарӣ дошта бошад. Ва сарфи назар аз он ки Исо аз ҳама ин шахсиятҳо хеле баландтар мақом дорад, Ӯ наметавонист инсониятро танҳо бо намуна ва таълимоти Худ наҷот диҳад. Барои тағйир додани қалби инсон пайваста дар он кор бурдан лозим аст. Маҳз Рӯҳулқудс ин корро анҷом медиҳад. Масеҳ шароит муҳайё кард, то Ӯ фиристода шавад ва дар қалбҳои инсонӣ амал кунад»[65].

Магар танҳо ин сабаб кофӣ нест, ки талоши аз Рӯҳулқудс пур шуданро иқдом кунем?

«Вақте ки қалбро Рӯҳи Худо фаро мегирад, Ӯ ҳаётро дигаргун месозад. Андешаҳои гунаҳкорона нест мешаванд, шахс аз иҷрои кирдори бад даст мекашад ва дар он ҷое, ки тундмизоҷӣ, ҳасад ва низоъу нифоқ ҳукмрон буданд, муҳаббат, фурӯтанӣ ва осойиш ҳукмфармо мегарданд. Ҷойи андуҳро шодию нишот мегирад, чеҳраи инсон нуронӣ гардида, нури осмониро инъикос мекунад»[66].

Ҳаёт дар Рӯҳулқудс афзалиятҳои зиёд дорад, вале ҳузур надоштани Ӯ боиси маҳрумиятҳои бузург мегардад. Тафовути миёни ҳаёт дар Рӯҳ ва зиндагиро бе Ӯ мо муфассалтар дар боби 4 дида мебароем.

[64] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 671, 672 (аслӣ).

[65] Thomas A. Davis, Als Christ siegreich leben, (HW-Verlag), Seite 43 / How to be a victorious Christian, R&H.

[66] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 173 (аслӣ).

## ОЁ МАН АЗ РӮҲУЛҚУДС ПУР ҲАСТАМ?

Лутфан, ба худ чанд суол диҳед, то муайян намоед, ки оё шумо аз Рӯҳулқудс пур ҳастед[67].

- Оё дар зиндагии ман тазоҳури аёни Рӯҳулқудс ҷой дорад? Мисол, оё Ӯ Масеҳро барои ман воқеӣ ва муҳим кардааст? (Юҳанно, 15:16).
- Оё ман ба шунидан ва дарк намудани садои ботинии Рӯҳулқудс шурӯъ кардаам? Оё Ӯ метавонад маро дар корҳои хурду бузурги зиндагиям ҳидоят намояд? (Румиён, 8:14).
- Оё дар қалби ман муҳаббати нав нисбати атрофиён тавлид ёфтааст? Оё Рӯҳулқудс ба ман дилсӯзӣ ва ғамхории самимонаро дар ҳаққи одамоне, ки пеш ман онҳоро дӯстони худ намедонистам, ато намудааст? (Ғалотиён, 5:22; Яъқуб, 2:8, 9).
- Оё ман боз ва боз дар бораи он фикр мекунам, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс дар муносибат бо атрофиён ба ман мадад мерасонад? Оё Ӯ суханонеро, ки тавонанд қалбҳои аз ғаму андуҳ ва ташвиш лабрези одамонро тасхир кунанд, бар забони ман мегузорад?
- Оё Рӯҳулқудс неруи аз Масеҳ шаҳодат додан ва назди Ӯ овардани одамонро ба ман ато мекунад?
- Оё ман эҳсос мекунам, ки чӣ гуна Ӯ маро дар дуоҳоям ҳидоят менамояд, барои ба Худо баён намудани эҳсосоти ниҳонтарини худ ба ман мадад мерасонад?

Мо ба ин суолҳо посух гуфта, ниёзи бузурги худро ба он дарк мекунем, то дар Рӯҳулқудс рушд намоем, Ӯро беҳтар шиносем ва Ӯро бештар дӯст дорем.

Як бародар ба ман нома навишт: «Ман бо падарам оштӣ кардам. Баъди он ки китобҳои “Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ” ва “40 рӯзи дуогӯйӣ”-ро мутолиа намудам, ман таҷрибаи ғайриодии аз Рӯҳулқудс пур шуданро аз сар гузаронидам. Имрӯз ман бо шавқу ваҷд мушоҳида мекунам, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс мехоҳад дар ҳама ҷанбаҳои ҳаётам амал кунад ва амал мекунад».

---

[67] Catherine Marshall, Der Helfer (Erzhausen, 2002), p. 24.

## БО ҲАМ ПАЙВАСТАНИ ПАДАР ВА ПИСАР

«Дар муносибатҳои ман бо падарам мушкилиҳои муайян ҳамеша ҷой доштанд. Дар айёми кӯдакӣ ва ҷавонӣ ҳама орзуҳо ва дуоҳои ман ба беҳтар гардидани муносибатҳо бо ӯ равона шуда буданд. Вале ҳама чиз босуръат бад мешуд. Боз шаш-ҳафт соли дигар сипарӣ гашт. Холигии калонро дар қалби ман Худо пур кард. Ба андозаи он ки ману ҳамсарам дар бораи Рӯҳулқудс мутолиа кардан ва дуо гуфтанро оғоз намудем, мо таҷрибаҳои зиёди ҳаяҷонбахшу таъсирбахшро бо Худо аз сар гузаронидем. Дар ин муддат Худо дар қалби ман неру ва муҳаббати навро нисбат ба ӯ ато кард. Ман тавонистам ӯро барои ҳама чизе, ки аз айёми кӯдакӣ дар муносибатҳо бо ӯ хуб набуд, бубахшам. Имрӯз ману падарам дӯст ҳастем. Ӯ низ рӯҳан рушд кард ва дар бораи Худо ба дигарон нақл мекунад. Имрӯз, бо мурури ду сол муносибатҳои мо хеле хуб шуд. Ман Худовандро барои ин таҷриба шукр мегӯям. Пеш ман худро аксар вақт нотавон ва танҳо ҳис мекардам. Вале аз он замоне ки ман ба дуо гуфтан дар бораи Рӯҳулқудс шурӯъ намудам, ман ҳаёт ва муносибатҳои комилан наву аҷиброро бо Офаридгор пайдо кардам» (Муаллифи нома хост номаълум бимонад).

*Биёед дуо мегӯем: «Худованд Исо, шукр мегӯям, ки Ту мехоҳӣ ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалби ман сокин шавӣ. Шукр мегӯям, ки аз тариқи худбахшоии ҳаррӯза имон ва муносибати ман бо Ту рушд мекунанд. Худовандо, ба ман мадад расон, то Рӯҳулқудс ва амали Ӯро дар зиндагии худ беҳтар бидонам. Ман мехоҳам иродаи Ӯро нисбати худ, оилаи худ ва калисои худ бидонам ва инчунин итминон ҳосил намоям, ки Рӯҳулқусро пайдо мекунам, агар ҳар рӯз дар бораи Ӯ илтиҷо намоям. Туро барои ин шукр мегӯям. Омин».*

## *«АЗ РӮҲ ПУР ШАВЕД»*-РО ДАР ЭФСУСИЁН, 5:18 МУФАССАЛ ТАҲҚИҚ МЕКУНЕМ.

Дар тарҷумаи русии матни Эфсусиён, 5:18 дида мешавад, ки даъват дар сиғаи амр садо медиҳад. Зиёда аз он, ин амр ба ҳар як инсон нигаронида шудааст. Инак, мо дарк мекунем, ки аз Рӯҳулқудс пур шуданро илтиҷо кардан – ин вазифаи мост. Вале биёед дида мебароем, ки матни юнонии ин оят кадом ҷанбаҳоро ба мо ошкор месозад.

Иоганнес Магер ин оятро ба таври зайл шарҳ медиҳад: «Дар Навиштаҳои Аҳди Ҷадид танҳо як оят дар бораи аз Рӯҳудқудс пур шудан сухан мегӯяд: *“Аз Рӯҳулқудс пур шавед” (*Эфсусиён, 5:18). Дар китоби Аъмол мо таҷрибаҳои нузули Рӯҳулқудсро ҳамчун ато барои зоҳиршавии қобилиятҳои махсус дар вазъиятҳои муайян пайдо мекунем. Вале Павлус дар бораи пуршавӣ аз Рӯҳулқудс чун дар хусуси амре менависад, ки он аз вазъият вобастагӣ надорад ва нисбати ҳамаи пайравони Масеҳ қобили истифода аст. Ин амри кӯтоҳ, вале ахборотӣ аз чаҳор ҷанбаи муҳим иборат аст.

**1.** Феъли “пур шудан” *(pleren)* дар сиғаи амр истифода бурда мешавад. Дар ин ҷо Павлус тавсия ё маслиҳати дӯстона намедиҳад. Ӯ ҳамчун ҳаввории бонуфуз амр мефармояд. Оё масеҳӣ аз Рӯҳулқудс пур ҳаст ё на, ба андозаи зиёд аз худи ӯ вобастааст. **Инак, масеҳӣ субйектест, ки ба ӯ амр медиҳанд, то аз Рӯҳулқудс пур шуданро илтиҷо кунад.** Мо, одамон, худ барои аз Рӯҳулқудс пур шудан масъул ҳастем.

**2.** Феъл дар шумораи ҷамъ омадааст. Амр на ба як масеҳии дар калисо дорои вазифаҳои махсус равона шудааст. Аз Рӯҳулқудс пур шудан – ин афзалияти як гурӯҳи маҳдуди одамон нест. **Даъват ба ҳар нафаре, ки аъзои калисо аст, ҳамеша ва дар ҳама ҷо тааллуқ дорад. Бе истисно.** Павлус инро меъёр медонист, вақте ки ҳама масеҳиён аз Рӯҳулқудс пур ҳастанд».

**3.** Феъли юнонӣ дар тарзи маъфул омадааст. Матн намегӯяд: “Шумо худатонро аз Рӯҳулқудс пур кунед”, балки мегӯяд: “аз Рӯҳулқудс пур бошед!” Ҳеҷ кас наметавонад мустақилона худро аз Рӯҳ пур кунад. Ин кор танҳо ба Рӯҳулқудс мутааллиқ аст. Мустақилияти Ӯ дар ҳамин аст. **Вале одам бояд шароит муҳайё намояд, то Рӯҳулқудс тавонад қалби ӯро пур кунад. Рӯҳ наметавонад бе талоши ихтиёрии худи одам амал намояд.**

**4.** Амри феъли юнонӣ дар замони ҳозираи давомдор омадааст. Ин ба ҳаводисе дахл дорад, ки дар замони ҳозира пайваста такрор меёбад, дар муқоиса бо замони дигар, ки амали яккаратаро тасвир мекунад. Мувофиқи ин пуршавӣ аз Рӯҳулқудс – ин на таҷрибаи якдафъаина, балки раванди такроршавандаю такмилёбанда аст. **Масеҳӣ – ин зарфест, ки пайваста ба об ниёз дорад. Барои ӯ пуршавии яккарата кофӣ нест.** Инак, ин ҷумларо ба таври зайл тартиб додан лозим аст: “**Ба Рӯҳ имкон диҳед шуморо боз ва боз пайваста ва ба таври фаровон пур кунад!**”

**Неруи Рӯҳулқудс,** ки ба мо ҳангоми таъмид гирифтан (таъмид бо об ва Рӯҳ бо худро пурра ба Худо бахшидан) **ато шуда буд, агар ба таври бояду шояд нигоҳдорӣ карда нашавад, метавонад аз даст дода шавад.** Вале агар он аз даст дода шуда бошад, онро боз ба даст овардан мумкин аст. Пуршавӣ аз Рӯҳулқудс бояд то даме, ки Ӯ ҳама ҷанбаҳои ҳаёти моро пур накунад, такрор ёбад, он замон ҳаёти рӯҳонии мо ҳаргиз бетароват ва сусту заиф намегардад. Пуршавии такрорӣ аз Рӯҳулқудс маънои онро надорад, ки мо Ӯро ба миқдори зиёд пайдо мекунем, яқинан Ӯ моро бештару бештар фаро мегирад.

**Бинобар ин Павлус ба ҳамаи имондорон пайваста аз Рӯҳ пур шуданро амр мефармояд.** Ин ҳолати муқаррарии масеҳӣ аст. Як таъмид, вале “пуршавии” чандинкрата»[68].

*Худованд Худ ба мо амр мефармояд:*

*Ба Рӯҳулқудс иҷозат диҳед шуморо боз ва боз*

*пайваста ва ба таври фаровон пур кунад!*

[68] Иоганнес Магер кашиш, мубашшири Инҷил ва тӯли солҳои зиёд дар донишгоҳ лектори фиқҳи мураттаб буд, роҳбарии Ассосиатсияи кашишони дивизиони Евро-Африқоро дар Берн ба уҳда дошт. Айни замон нафақахӯр аст. Иқтибос аз ин китоби ӯ гирифта шудааст: Auf den Spuren des Geistes, (Lüneburg, 1999) p. 100, 101 (with permission from the publishing house).

ФАСЛИ 4

# КАДОМ ДИГАРГУНИҲОРО МО МЕТАВОНЕМ ИНТИЗОР ШАВЕМ?

*Мо кадом афзалиятҳоро ба даст меорем, вақте ки ҳаёти мо аз Рӯҳулқудс пур аст? Чӣ чизро мо аз даст медиҳем, агар дар ин бора дуо намегӯем?*

## МУҚОИСАИ МАСЕҲИЯТИ ҶИСМОНӢ ВА РӮҲОНӢ

Оқибатҳои масеҳияти ҷисмонӣ аллакай қисман номбар шуда буданд, вақте ки сухан дар бораи шахси алоҳида мерафт. Баъзеи онҳоро ин тавр баён кардан мумкин аст:

- Инсон дар чунин ҳолат наҷот ёфта наметавонад (Румиён, 8:6–8; Ваҳй, 3:16).
- Инсон муҳаббати Илоҳии агаперо надорад (Румиён, 5:5; Ғалотиён, 5:22); вай танҳо аз муҳаббати инсонӣ вобастагӣ дорад ва ҳавасҳои ҷисмро мағлуб накардааст (Ғалотиён, 5:16).
- Инсон аз неруи Рӯҳи Ӯ қавӣ ва мустаҳкам намешавад (Эфсусиён, 3:16, 17).
- Масеҳ дар қалби вай сокин нест (1 Юҳанно, 3:24).
- Инсон неруро барои аз Масеҳ шаҳодат додан дарёфт накардааст (Аъмол, 1:18).
- Вай бо ҳикмати инсонии худ амал мекунад (1 Қуринтиён, 3:3), ки аксар вақт боиси ихтилоф ва рақобат мегардад.
- Чунин шахс, одатан мазамматро бо мушкилӣ мепазирад.
- Дуо дар ҳаёти ӯ комил нест.
- Вай кӯшиш мекунад озор ва норозигиҳоро бо қобилиятҳои инсонии худ бартараф кунад.

Масеҳиёни ҷисмонӣ баъзан мисли одамони нафсонӣ рафтор мекунанд. Павлус мегӯяд: *«Оё шумо ҷисмонӣ нестед? ва ба таври инсонӣ рафтор намекунед?»* (1 Қуринтиён, 3:3). Гоҳ-гоҳ вай мисли инсони рӯҳонӣ рафтор менамояд, ҳарчанд бо неру ва қобилиятҳои худ зиндагӣ мекунад.

**Масеҳии рӯҳонӣ** пуррагии Илоҳиятро дарк мекунад: «*Худо бар тибқи сарвати ҷалоли Худ ато фармояд, ки бо* ***Рӯҳи Ӯ дар одами ботин қавӣ ва мустаҳкам шавед,*** *ба тавре ки Масеҳ ба василаи имон дар дилҳои шумо сокин шавад, то ки шумо дар муҳаббат реша давонда ва устувор шуда, битавонед ба ҳамаи муқаддасон пай бурда, дарк намоед, ки чист арзу тӯл ва умқу баландии муҳаббати Масеҳ,* ***ки аз идрок болотар аст, то ки бо тамоми пуррагии Худо пур шавед.*** *Ӯро, ки бо қуввате, ки дар мо амал мекунад, қодир аст аз ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад, – Ӯро дар Калисо ва дар Исои Масеҳ аз насл ба насл то абад ҷалол бод, омин»* (Эфсӯсиён, 3:16–21).

## ТАЪСИРИ МАСЕҲИЯТИ ҶИСМОНӢ

Ман аз боиси норасоии Рӯҳулқудс дар қалби худ аз талафотҳо дар оилаам ва калисоҳое, ки ман дар онҳо хизматро ба ҷо меовардам, таассуф мехӯрам. Дар ин вазъият мушкил аст розӣ нашудан бо ин гуфтаҳо: «Номумкин аст шахсеро дуртар бурдан аз он ҷое, ки ӯ худ ба он ҷо расидааст». Ҳамаи мо бояд дарк кунем, ки норасоии Рӯҳулқудс дар ҳар як фарди алоҳида дар оила ё калисо метавонад пурратар ва ҳатто зиёдтар гардад.

### Кӯдакон ва ҷавонон

Масеҳияти ҷисмонӣ – ин замини файзбахш аст барои зиндагии бепарвоёнаи масеҳиёна. Одамон аз нодонӣ бо ҳадафҳои нек корҳоеро анҷом медиҳанд, ки набояд анҷом диҳанд ва баъд кӯшиш мекунанд роҳи раҳоиро пайдо намоянд. Магар аз ҳамин сабаб нест, ки мо ин қадар ҷавонони зиёдро аз даст медиҳем? Магар худи мо нестем, ки баъзан нофаҳмида, ба фарзандони худ ва ҷавонон намунаи бади масеҳияти ҷисмониро

нишон медиҳем? Магар ба ҳамин сабаб нест, ки онҳо масеҳиёни ҷисмонӣ мегарданд ва бо ноумедиҳо мубориза мебаранд? Магар сабаб дар ҳамин нест, ки бисёр одамон муносибати кӯтоҳандешонаро бо калисо шурӯъ менамоянд, ба ибодат омаданро қатъ ва калисоро барои ҳамеша тарк мекунанд?

Чанде пеш як бародари пиронсол ба аҳли калисои худ гуфт: «Сабаби мушкилиҳое, ки дар зиндагии мо ва зиндагии ҷавонони мо зиёд ҷой доранд, ин аст: насли калонсол таъсири Руҳӯлқудс ва аз Он пур шуданро дарк намекунад»[69].

Иҷозат диҳед оқибати ҳолати гармро (худро қисман ба Масеҳ бахшиданро) ба шумо ёдрас намоям: «Масеҳиёни риёкор аз бутпарастон бадтаранд, зеро суханони мунофиқона ва ҳолати пурра бахшиданашудаи онҳо касонеро, ки эшонро иҳота мекунанд, аз роҳи ҳақ дур месозанд. Бутпарастон пинҳон намекунанд, ки онҳо тарафдори кӣ ҳастанд. Масеҳии ширгарм нисбати ҳар ду тараф риёкорӣ мекунад. Ӯ на пайрави хуби ин ҷаҳон асту на масеҳии хуб. Шайтон ӯро барои ба ҷо овардани он коре истифода мебарад, ки онро ҳеҷ каси дигар анҷом дода наметавонад»[70].

Вале агар мо зиндагии рӯҳонӣ дошта бошем, он гоҳ ба фарзандони худ дар пайдо намудани роҳ ҷониби мадади Худо метавонем кумак расонем. Э. Уайт як сухани аҷиб мегӯяд:

«Ба фарзандони худ фаҳмонед, ки онҳо имконияти аҷиби ҳар рӯз аз Рӯҳулқудс таъмид гирифтанро дар ихтиёр доранд. Бигзор Масеҳ шуморо барои татбиқ намудани ҳадафҳои Худ ҳамчун аслиҳаи Худ истифода барад. Шумо ба воситаи имон таҷрибаеро аз худ мекунед, ки дар роҳи бомуваффақият анҷом додани хизмат барои фарзандонатон ба шумо мадад мерасонад»[71].

---

69 Garrie F. Williams, Erfülltsein vom Heiligen Geist — Wie erfahren wird das? (Lüneburg 2007), S. 8.

70 EGW Letter 44, 1903, quoted in SDA Bible Commentary, vol. 7, p. 963 on Rev. 3:15, 16.

71 Э. Уайт. Тарбияи фарзандон, с. 69 (аслӣ).

Мо ба фарзандони худ дуо гуфтанро ёд додем. Вале оё мо ба онҳо ҳар рӯз дар бораи Рӯҳулқудс илтиҷо карданро ёд додаем? Оё мо худ дар бораи ин медонистем ё на? Дар он замон ману ҳамсарам инро намефаҳмидем. Ман аз Худо сипосгузорам, ки Ӯ моро барои он замоне, ки дониши мо кифоя набуд, омурзидааст. Вале ба ҳар ҳол чизҳои зиёд аз даст дода шуданд!

Падарону модарони рӯҳоние, ки ҳар рӯз худро ба Масеҳ мебахшанд ва дар бораи Рӯҳулқудс дуо мегӯянд, чӣ гуна фарзандони нағз метавонанд дошта бошанд!

**Муҳаббати Худо ё некӣ ба якдигар?**

Дар ҳолати масеҳияти ҷисмонӣ ё рӯҳонӣ, вақте ки норасоии неруи Худо барои зиндагии порсоёна ҳис мешавад, вақте ки муҳаббати Худо эҳсос намегардад ва бар гуноҳ ғолиб омадан номумкин аст, ё вақте ки ҳамаи ин бо файзи Худо воқеӣ мегардад, дар муносибати миёни ҳамсарон, падарону модарон ва фарзандон, калисо ва ҷомеа кадом тафовут мушоҳида мешавад?

Масеҳиёни ҷисмонии куҳнапараст (консервативҳо) ба танқид майл доранд. Ва ин хуб нест. Ҳарчанд мо бояд дар бораи амрҳои Худо сухан гӯем, ба ҳар ҳол мо бояд дар хотир дошта бошем, ки дигаргуниҳои ҷиддӣ имконпазиранд, танҳо агар онҳо на аз берун талқин гарданд, балки дар ботин пайдо шаванд.

Либералҳо аксар вақт ба бисёр чизҳо сабукфикрона муносибат мекунанд ва онҳо бо осонӣ ба усулҳои дунёӣ мувофиқ шуданд. Худо наметавонад ҳеҷ кадоме аз тарафҳоро баракат диҳад.

Ҷозеф Киддер ҳолати умумии калисои муосирро муайян ва онро ин тавр тасвир кардааст: «Бефаъолиятӣ, сатҳӣ будан, камҳимматӣ, хизматгузорон қобилиятҳои худро гум карданд, ҷавонон калисоро тарк мекунанд, худинтизомдиҳии заиф, нақшаҳо бе асосҳо ва натиҷаҳои воқеӣ, норасоии музмини имондорони қавиирода ва фидокор»[72].

[72] Dr. S. Joseph Kidder, Anleitung zum geistlichen Leben (Andrews University), PPP Folie 3, 4.

Сабаби мушкилиҳои мо дар вуҷуд надоштани робита бо Масеҳ (Юҳанно, 15:1–5) ва эътимоди ниҳоят зиёд ба кӯшишҳои инсонист (Закариё, 4:6). Киддер ҳалли мушкилиро дар зиндагии аз Рӯҳулқудс пур низ мебинад (Аъмол, 1:8).

Исо ба мо ин аҳкомро медиҳад: *«Ба шумо ҳукми тозае медиҳам, ки якдигарро дӯст доред; чунонки Ман шуморо дӯст доштам, шумо низ якдигарро дӯст доред. Аз рӯйи ҳамин ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони Ман ҳастед, агар якдигарро дӯст доред»* (Юҳанно, 13:34, 35).

Мисли Масеҳ дӯст доштан, дар асл маънои бо муҳаббати Илоҳӣ *(агапе)* дӯст доштанро дорад. Ва мо ба ин танҳо ба шарти аз Рӯҳулқудс пур будан қодир хоҳем буд.

«Муҳаббати олӣ ба Худо ва муҳаббати беғаразона нисбати якдигар – ин ҳадияи беҳтаринест, ки Падари Осмонии мо метавонад ато намояд. Ин муҳаббат – на хуруҷи зудгузар, балки принсипи Худо, неруи адонашаванда аст. Он наметавонад дар қалби номуқаддас (маҳз ҳамин гуна аст қалби нафаре, ки аз Рӯҳулқудс пур нест) тавлид ёбад, балки танҳо дар он ҷое маскун аст, ки он ҷо Масеҳ ҳукмрон мебошад»[73].

Ман фикр дорам, ки фарқият калон аст, вақте мо нисбати якдигар «ба таври одатӣ» нек ҳастем ё вақте пеш қадам мегузорем ва муҳаббати Худоро зоҳир менамоем. Э. Уайт изҳороти муҳимме мекунад: «Зевари рӯҳи ҳалиму сокитро ба гардан овехта, худро аз наваду нуҳ нохушиҳо аз теъдоди сад, ки зиндагиро чунин талх мекунанд, метавон озод кард»[74].

Дар 1 Таслуникиён, 4:3–8 Каломи Худо дар бораи заношӯӣ сухан мегӯяд. Ин оятҳо дар зимни дигар масъалаҳо дар бораи муносибатҳои муқаддасу боэҳтиром дар никоҳ, дар бораи муносибатҳое сухан мегӯянд, ки бо эҳсосоти шаҳвонию ҷисмонии бутпарастон комилан қиёснашавандаанд. Дар ин ҷо се маротиба дар бораи тақдисёбӣ ва инчунин дар бораи ҳидояти Рӯҳулқудс сухан гуфта мешавад. Ва мо мефаҳмем, ки зиндагӣ дар Рӯҳулқудс метавонад ва бояд муносибатҳои заношӯиро

---

73 Э. Уайт. Аъмоли ҳавввориён, с. 551 (аслӣ).

74 Э. Уайт. Шаҳодатҳо барои Калисо, ҷ. 4, с. 348 (аслӣ).

дигаргун созад. Худо мехоҳад, ки мо шодии бузург ва камоли муҳаббатро дар никоҳ дошта бошем. Ӯ мехоҳад ба мо мадад расонад, то ба якдигар на бо шаҳват, балки бо меҳру навозиш муносибат кунем.

Исои Масеҳ барои ягонагии шогирдон дуо гуфтааст: *«То ки ҳама як бошанд; чунонки Ту, эй Падар, дар Ман ҳастӣ ва Ман дар Ту, онҳо низ дар Мо як бошанд, – то ҷаҳон имон оварад, ки Ту Маро фиристодӣ»* (Юҳанно, 17:21).

Вилям Ҷонсон мегӯяд: «Бисёр адвентистон ҳанӯз ҳам то ба охир дарк намекунанд, ки бо Масеҳ як будан чӣ маънӣ дорад. Эҳтимол, мо дар гузашта ба ин масъала кам таваҷҷуҳ намудем ё аспҳоро ба самти дигар тозондем»[75].

Агар мо аз Рӯҳулқудс пур бошем, Масеҳ дар қалби мо сокин мешавад. Зиндагии масеҳии рӯҳонӣ аз таҷрибаи дуоҳои мустаҷобшуда пур аст. Э. Уайт мегӯяд: «Вақте қавми Худо дар ягонагии Рӯҳ як мешавад, тамоми риёкорӣ, тамоми худписандие, ки қавми яҳудро фарқият мебахшид, аз қалби одамӣ дур карда мешавад... Худо сирреро, ки дар тӯли қарнҳо ниҳон буд, ошкор месозад. Ӯ ба ҳама ошкор месозад, ки *"дар ин сир кадом сарват ва ҷалол барои ҳамаи ҳалқҳо ато шудаанд ва он сир ин аст, ки Масеҳ дар шумо умеди ҷалол аст"* (Қулассиён, 1:27)»[76].

## Маслиҳатҳо ва мазамматҳо

Оё мазаммат метавонад натиҷаи мусбат диҳад, агар он умуман бе муҳаббат ё бо ҳиссаи андаки муҳаббат баён гардида бошад? Калисои аз масеҳиёни ҷисмонӣ ташкилёфта зери роҳбарии рӯҳонии ҷисмонӣ ё ҳатто президенти ҷисмонӣ кадом қарорҳоро метавонад қабул кунад? Ман ба қафо, ба хизмати воизии худ нигоҳ карда дидам, ки имондорони аз калисо рафтаро танҳо бародарону хоҳарони рӯҳан қавӣ метавонанд ба ҳаёт баргардонанд. Ва агар чунин шахс тавба кунад ва руҷӯъ намояд, пас, мазаммат ба ҳадаф расидааст. Вале масеҳиёни ҷисмонӣ майл доранд мазамматро ҳамчун воситаи ҷазо до-

[75] William G. Johnsson, Adventgemeinde in der Zerreißprobe, (Lüneburg 1996), p. 118.

[76] Э. Уайт. Паёмҳои мунтахаб, ч. 1, с. 386 (аслӣ)..

дан ва василаи ба кор бурдани қудрати худ истифода баранд (Матто, 18:15–17; 1 Қӯринтиён, 3:1 – 4; 2 Қӯринтиён, 10:3; Яҳудо, 19).

## КАЛОМИ НУБУВВАТИИ ХУДО БАРОИ АЙЁМИ ОХИР

Худо одатан ҳаводиси муҳимро ба воситаи пайғамбарони Худ ошкор месозад (Омӯс, 3:7). Бинобар ин Ӯ паёми махсуси нубувватиро барои айёми охир ба воситаи Эллен Уайт ато намуд. Азбаски имрӯз бисёр чизҳо ба он чизе ки дар гузашта буд, комилан шабоҳат надоранд, гирифтани ахбори иловагӣ аз Худо хеле муҳим ва зарур буд. Тибқи Э. Уайт, ин пайёмҳо то замони Дуюмбора омадани Исои Масеҳ хеле муҳим хоҳанд буд. Маслиҳатҳои ӯ шомили мазаммат, огоҳӣ ва дастурҳое ҳастанд, ки дигаргуниҳои муайянро дар тарзи зиндагӣ талаб мекунанд, бинобар ин барои масеҳии рӯҳонӣ пазируфтани онҳо осонтар аст, назар ба масеҳии ҷисмонӣ. (Вале танҳо бар асоси он ки шахс ба ин маслиҳатҳо муносибати ҷиддӣ дорад, дар бораи рӯҳонияти ӯ хулоса баровардан мумкин нест). Оқилона мебуд рӯ овардан ба суханони Такрори Шариат 18:19: «*Ва касе ки ба суханони Ман, ки он набӣ ба исми Ман гӯяд, гӯш наандозад, ӯ дар назди Ман барои ин ҷавоб хоҳам дод*».

Аз ин равшан бармеояд, ки паёми пайғамбари ҳақиқӣ на аз одам, балки аз Худи Худо маншаъ мегирад. Вале ҳақиқӣ будани пайғамбарро чӣ тавр муайян метавон кард? Каломи Худо панҷ меъёри санҷишро ба мо медиҳад. Пайғамбари ҳақиқӣ бояд ба ин панҷ меъёр мувофиқат кунад.

1. Тарзи ҳаёт: *«Онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт»* (Матто, 7:15–20).
2. Ба иҷро расидани нубувватҳо: Такрори Шариат, 18:21, 22 (ба истиснои нубувватҳои шартӣ, мисли қисса дар бораи Юнус).
3. Садоқат ба Худо (ба Каломи Ӯ): Такрори Шариат, 13:1–5.
4. Исои Масеҳро Шахсияти ҳақиқӣ ва Худои ҳақиқӣ эътироф кардан (1 Юҳанно, 4:1–3).
5. Ризоят бо таълимоти Китоби Муқаддас (Юҳанно, 17:17).

Ҳамаи амрҳои Худо, аз ҷумла маслиҳатҳои Ӯ низ, ки ба воситаи пайғамбарон дода шудаанд, ба хайрияту манфиати мо хизмат мекунанд. Аз ин рӯ арзиши онҳо ниҳоят бузург аст. Одами рӯҳонӣ амрҳоро бо неруи Худо ва бо шодӣ ба иҷро мерасонад. Ӯ дарк мекунад, ки ин ба вай танҳо муваффақият меоварад. ***«Ба Худованд Худои худ имон оваред ва амин хоҳед буд, ба анбиё Ӯ имон оваред ва комёб хоҳед шуд»*** (2 Вақоеънома, 20:20).

Дар яке аз китобҳои дарси рӯзи шанбе фикри зайл омадааст, ки дар бораи робитаи миёни зиндагӣ дар Рӯҳулқудс ва суханони пайғамбари ҳақиқӣ ҳарф мезанад: «Агар шахс каломи нубувватиро рад мекунад, ӯ қалби худро барои пандҳои Рӯҳулқудс маҳкам менамояд. Оқибатҳои чунин рафтор дар замони мо ҳамон гунаест, ки дар гузашта буд, – яъне аз даст додани муносибатҳо бо Худо ва таъсирпазирӣ ба таъсироти манфӣ»[77]

> *«Вақте қавми Худо дар ягонагии Рӯҳ як мешавад, тамоми риёкорӣ, тамоми худписандие, ки қавми яҳудро фарқият мебахшид, аз қалби одамӣ дур карда мешавад.»*

## БАНАҚШАГИРӢ / СТРАТЕГИЯ

Дарёфт намудани қарор ва усулҳои дуруст барои ба иҷро расонидани кор дар дохили калисо ва дар киштзорҳои дигар хеле муҳим аст. Ва дар ин ҷо ҳама чиз аз нақшаҳо ва стратегияҳо вобастааст. Ҳадафи асосии ин кор рӯҳан қавӣ гардонидани аҳли калисо ва ҷалб намудани одамони нав аст.

Ман 65 сол пеш таъмид гирифта будам ва аллакай 43 сол боз хизмати рӯҳониро ба ҷо меоварам. Мо барномаҳо ва усулҳои зиёдро таҳия кардем. Мо бо ғайрати зиёд заҳмат кашидем. Дар қаринаи ин ман мехоҳам суханони Дуайт Нелсонро, ки

[77] Studienanleitung Standardausgabe, Philip G. Samaan, 10.11.1989, to question 8.

соли 2005 дар сессияи Конференсияи Генералӣ баён карда буд, бори дигар ба хотир биёрам:

«Калисои мо то ҳадди беҳолӣ сари офаридани шаклҳо, нақшаҳо ва барномаҳои бобарор заҳмат мекашад, вале агар мо шикасти руҳонии худро (норасоии Рӯҳулқудсро), ки ба сари бисёр рӯҳониён ва роҳбарон фурӯ рехтааст эътироф накунем, он гоҳ аз чорчӯбаи "масеҳияти зоҳирӣ" ҳаргиз берун нахоҳем омад»[78].

Деннис Смит дар ин хусус чунин мегӯяд: «Ман ба нақшаҳо, барномаҳо ва усулҳо зид нестам. Вале ман сахт аз он нигаронам, ки мо дар пешбурди кори Худо ба онҳо умеди зиёд мебандем. Нақшаҳо, барномаҳо ва усулҳо кори Худоро ба анҷом намерасонанд. Онро инчунин на воизони бузург, на консертҳои ҷолибтарини масеҳӣ, на барномаҳои меҳварӣ наметавонанд ба сомон расонанд. Танҳо Рӯҳи Худо ин корро анҷом медиҳад. Рӯҳи Худо, ки ба воситаи мардону занони аз Рӯҳ пур сухан мегӯяд ва амал мекунад»[79].

## ТАЪМИД / ҶАЛБИ ОДАМОН

Китоби Муқаддас ошкор мекунад, ки дар ҷалбсозии одамон барои Масеҳ Рӯҳулқудс шарти муҳимтарин аст (китоби Аъмоли Ҳаввориёни муқаддас). Дар Олмон калисоҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати шумора меафзоянд ва калисоҳое ҳастанд, ки афзоиш намеёбанд ё ҳатто шумораашон кам мешавад. Нишондодҳои ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар 60 соли охир теъдоди адвентистон бист маротиба афзудааст. Вале такрор мекунам, калисоҳое ҳастанд, ки шумораи аъзои онҳо тағйир намеёбад, балки аксар вақт кам мешавад. Чунин ҳолат дар Олмон чанд сабаб дорад. Вале ман як чизро яқинан медонам. Сабаби асосӣ – ин норасоии Рӯҳулқудс аст. Албатта, ин мушкили моро сахт ба душворӣ андохт. Мо нақшаҳо ва барномаҳои зиёдро кор карда баромадем ва мутобиқ гардонидем. Мо дидем, ки

---

[78] Helmut Haubeil (Hrsg.), Missionsbrief Nr. 34, (Bad Aibling, 2011) page 3.

[79] Dennis Smith, 40 Days — Prayers and Devotions to Prepare for the Second Coming (Wien, 2012), p. 88.

норасоии Рӯҳулқудс дар баробари ин ҳама талошҳо танҳо ба талаф додани маблағҳо ва вақт оварда расонд, зеро мо роҳҳои нолозим ва нобарорро интихоб кардем. Ду иқтибоси Э. Уайт чунин вазъиятро хуб инъикос мекунанд:

«Худованд дар айни замон амал намекунад, то ҳақиқатро ба одамони зиёд ошкор созад, ҳам аз барои он аъзои калисо, ки ҳаргиз имон наоварда буданд, ҳам аз барои ононе, ки замоне имон оварда, аз имон баргаштаанд. Ин аъзои худро пурра вақфнакарда ба касони навимоноварда чӣ гуна таъсир хоҳанд расонд?»[80].

«Агар мо худро дар назди Худо фурӯтан мекардем, неккирдор, боэҳтиром ва меҳрубон мебудем ва нисбати якдигар дилсӯзӣ нишон медодем, он гоҳ дар он ҷое, ки имрӯз як нафар имон меоварад ва ҳақиқатро қабул мекунад, садҳо нафар имон меоварданд»[81].

Аз тарафи дигар, одамоне ҳастанд, ки дар ҳолати пурра омода набудан таъмид мегиранд. Э. Уайт мегӯяд: «Таваллуди нав – дар айёми мо таҷрибаи хеле нодир аст. Ана барои чӣ дар калисоҳо ҷанҷолҳо ин қадар зиёд рӯй медиҳанд. Бисёри касоне, ки худро пайрави Масеҳ ном мегиранд, муқаддас нагардидаанд ва қудсият надоранд. Онҳо таъмид дода шуда буданд, вале зинда дафн карда шуда буданд. Сиришти ботинии онҳо намурд, аз ин рӯ онҳо барои ҳаёти нав дар Масеҳ зинда нашуданд»[82].

Ин суханон соли 1897 навишта шуда буданд. Пас дар бораи вазъияте, ки мо имрӯз дорем, чӣ метавон гуфт? Мушкилӣ дар он аст, ки агар шахс аз олами боло таваллуд наёбад, пас ӯ аз Рӯҳулқудс пур намешавад. Исои Масеҳ гуфтааст: «*Кас агар аз об ва Рӯҳ таваллуд наёбад, ба Малакути Худо даромада наметавонад*» (Юҳанно, 3:5). Инак, оё мо норасоии Рӯҳулқудсро дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти худ ошкор месозем?

---

[80] Э. Уайт. Шаҳодатҳо барои Калисо, ҷ. 6, с. 371 (аслӣ).

[81] Э. Уайт. Шаҳодатҳо барои Калисо, ҷ. 9., с. 189 (аслӣ).

[82] Тавзеҳоти Китоби Муқаддас АРҲ, Заокск, 2015, ҷ. 6, с. 830 (аслӣ).

## РӮҲУЛҚУДС ВА МАВЪИЗА

Мубашшираи Худо дар бораи аҳаммияти Рӯҳулқудс дар мавъиза чунин мегӯяд: «Мавъизаи Калом бе ҳузур ва дастгирии доимии Рӯҳулқудс суд расонида наметавонад. Танҳо Ӯст Устоди муассири ҳақиқати Илоҳӣ. Танҳо замоне ки Худи Рӯҳ ҳақиқатро ба қалб ошкор мекунад, он виҷдонро бедор ва ҳаётро таҷдид месозад. Шахс метавонад Каломи Худоро моҳирона баён намояд, ӯ метавонад ҳамаи амрҳо ва ваъдаҳоро комилан бидонад, вале агар Рӯҳулқудс ҳақиқатро ба шуур ошкор насозад, ҳеҷ як нафар бар Санг намеафтад ва пора-пора намешавад (Матто, 21:44). Бе иштироки Рӯҳи Худо ҳеҷ гуна таҳсилот, ҳеҷ гуна афзалияҳо чӣ гунае, ки онҳо бузург набошанд, наметавонанд шахсро ҳомили нур гардонанд»[83].

Мавъиза – ин на танҳо он чизест, ки мо дар калисо аз сари минбар мешунавем. Он инчунин дар маърӯзаҳо, дарсҳои Китоби Муқаддас ва вохӯриҳои маҳфилҳо садо медиҳад.

Рэнди Максвелл қайд мекунад: «Ҳақиқат ин аст, ки мо аз ташнагии муносибатҳо бо Худои зинда мемирем»[84]

Бар замми ҳамаи ин, оё норасоии Рӯҳулқудс сабаби тарс низ ҳаст? Бешубҳа, Эмилио Кехтле ҳақ буд, вақте гуфт: «Барои чӣ мо наметавонем ин ҷаҳони фосиқро чаппагардон кунем? Бо эътиқоди шахсии мо чӣ чизе рух додааст. Мо аз низоъҳо, нофаҳмиҳо, душвориҳо метарсем, метарсем, ки кори худ, обрӯйи худро аз даст медиҳем, аз ҳаёт маҳрум мешавем. Аз ин рӯ мо хомӯш мемонем ва пинҳон мешавем. Мо метарсем Инҷилро ба ҷаҳон бо муҳаббат, вале дар айни замон бо қудрат мавъиза кунем»[85].

Ҳалли ин мушкилиро мо дар Аъмол, 4:31 пайдо мекунем: *«Ҳамин ки дуояшон ба охир расид, маконе, ки дар он ҷамъ шуда буданд, ба ҷунбиш омад ва ҳама аз Рӯҳулқудс пур шуданд ва каломи Худоро далерона мегуфтанд».*

---

[83] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 671 (аслӣ).

[84] Randy Maxwell, If my people pray… (Pacific Press, 1995), p. 11.

[85] CD Die letzte Vorbereitung, Teil 6.

## РӮҲУЛҚУДС ВА АДАБИЁТИ МО

Ана дар бораи адабиёт чӣ гуфта шудааст: «Агар наҷоти Худованд ба инсоне, ки мақола менависад, даррасида бошад, худи ҳамон Рӯҳ ба қалби хонанда низ нузул мекунад. Суханони дар Рӯҳи Худо навишташударо фариштагоне қабул мекунанд, ки ин илҳомро ба хонанда интиқол медиҳанд. Вале агар нависанда барои ҷалоли Худо зиндагӣ намекунад, худро ба Ӯ вақф намесозад, пас фариштагон ин нуқсро бо таассуф эҳсос месозанд. Онон аз асарҳои ӯ рӯй мегардонанд ва хонандагонро ба онҳо моил намегардонанд, зеро дар ин асарҳо Худо ва Рӯҳи Ӯ ҷой надоранд. Суханон зебо ва дурустанд, вале онҳо аз таъсири нафиси Рӯҳулқудс маҳруманд»[86].

*Ман мехоҳам бори дигар қайд кунам: албатта, ҳама он коре, ки мо анҷом додаем, хато набуд. Бешубҳа, мо нақшаҳои хуб, нақшаҳои хеле хуб тарҳрезӣ кардем. Ва Худо, албатта, кӯшишҳои инсонии моро баракат дод, то ҳадде ки ин имконпазир буд. Вале бо вуҷуди ин суоли муҳим боқӣ мемонад: мо ба иҷрои ин уҳдадориҳо чун масеҳиёни рӯҳонӣ иқдом кардем ё чун масеҳиёни ҷисмонӣ? Як чиз равшан аст: агар мо кӯшиши бар бунёди ҷисмонӣ пайдо намудани роҳи ҳалли масъаларо мекунем, пас вақти пурарзиши худро беҳуда сарф менамоем. Мо вазифаҳои зиёдеро ба иҷро мерасонем, ки оқибат натиҷае намеоранд.*

## РӮҲУЛҚУДС: БЕ БОРОНИ АВВАЛ БОРОНИ ОХИР НИЗ НЕСТ

«Борони аввали аз Рӯҳулқудс пур шудан ба мо балоғати зарурии рӯҳониеро ато мекунад, ки он дар замони Борони охир нақши муҳим мебозад»[87].

---

[86] E.G. White, PH 016, p. 29.1.

[87] Dennis Smith, 40 Days — Prayer and Devotions to Revive Your Experience with God, Book 2, (Vienna, 2013), p. 175.

«Борони охир, ки барои то дарав пухта расидани гандум ёрӣ мерасонад, файзи рӯҳониеро тасвир менамояд, ки калисоро ба омадани Писари Одам омода мекунад. Вале агар борони аввал заминро шодоб накунад, ҳаёт нахоҳад буд. Неши сабз сар намезанад. Агар борони аввал кори худро анҷом надиҳад, борони охир тухмро то ҳолати пурра пухтан намерасонад»[88].

## РӮҲУЛҚУДС ВА ТАҚДИСИ КИТОБИ МУҚАДДАС

«Ин (тақдиси Китоби Муқаддас) танҳо ба воситаи имон ба Масеҳ, ба василаи неруи Рӯҳи Худо, ки дар қалби мо сокин аст, метавонад ба амал ояд»[89].

## КОРИ БУЗУРГИ МАВЪИЗАИ ИНҶИЛ БЕ РӮҲУЛҚУДС

Оё муассисаҳои бузург, барномаҳои бомуваффақияти мавъизаи Инҷил ва стратегияҳои пурқуввати мубаллиғӣ метавонанд бе Рӯҳулқудс равнақ ёбанд? Эндрю Мюррей, мубаллиғи бузурги Инҷил дар Африқои Ҷанубӣ медонист, ки чунин вусъат гирифтани ҳодисаҳо мумкин аст, ӯ бо воқеияти масеҳияти муосир ошно буд, бинобар ин навишта буд:

«Шахс метавонад мавъиза гӯяд, бинависад, мулоҳиза ронад, дуо гӯяд ва аз он розӣ бошад, ки суханони дар Китоби Худо навишташуда ва ба Малакути Худо мувофиқро ба ҷо меоварад. Вале дар зиндагӣ ва заҳматҳои ӯ ба ҳар ҳол ҳузур надоштани неруи Рӯҳулқудс эҳсос мешавад. Метарсам, агар кори мавъизаи Инҷилро дар Калисои Масеҳ биомӯзем ва кӯшиш кунем маълум намоем, ки барои чӣ дар мавъизаи Калом неруи дигаргунсозанда ин қадар кам аст, барои чӣ кӯшишҳои зиёд бахри абадият ин қадар муваффақияти кам меоваранд, барои чӣ Калом имондоронро дар қудсият ва худвақфсозӣ тақвият намебахшад, посух якто хоҳад буд: ҳузур надоштани Рӯҳулқудс. Барои чӣ? Сабаб танҳо яктост – ҷисм (Ғалотиён,

---

[88] Э. Уайт. Имоне, ки ман бо он зиндаам, с. 333 (аслӣ).

[89] Э. Уайт. Муборизаи бузург, с. 496 (тоҷикӣ).

3:3) ва такаббуру ғурури одамӣ ҷоеро, ки бояд ба Рӯҳулқудс тааллуқ дошта бошад, ишғол намудаанд»[90].

## РӮҲУЛҚУДС ВА ТАНДУРУСТӢ

***«Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: хизмати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд» (***Румиён, 12:1).

*«Оё намедонед, ки маъбади Худо ҳастед ва Рӯҳи Худо дар шумо сокин аст? Агар касе маъбади Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон хоҳад кард, зеро ки хонаи Худо муқаддас аст ва он шумо ҳастед»* (1 Қуринтиён, 3:16, 17).

*«Оё намедонед, ки ҷисмҳои шумо маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Он дар шумо сокин аст ва Онро шумо аз Худо ёфтаед ва шумо аз они худатон нестед? Зеро ки шумо бо нархи гарон харида шудаед. Пас, дар ҷисмҳои худ ва дар ҷонҳои худ Худоро ҳамду сано кунед, ки онҳо ба Худо тааллуқ доранд» (1 Қуринтиён, 6:19, 20; инчунин ниг. Хуруҷ,* 15:26).

Одами аз Рӯҳулқудс пур – маъбади Худост. Шумо боре андеша кардаед, ки чӣ тавр дарки ин ҳақиқат бояд дар зиндагии шумо инъикос ёбад? Маъбад – ин макони сукунати Худост. Худованд ба пайғамбар Мусо гуфт: *«Ва барои Ман қудсгоҳ месозанд ва Ман дар миёни онҳо сокин хоҳам шуд»* (Хуруҷ, 25:8).

Агар сари ин фикр ҷиддӣ андеша кунем, он гоҳ ғамхорӣ дар ҳаққи саломатӣ ва тарзи ҳаёт қисми ҷудонопазири пайравии мо ба Масеҳ мебошанд. Ҷисми мо ба Худо тааллуқ дорад. Оё шумо мехоҳед ба моликияти Худо боэҳтиётона муносибат кунед? Албатта, мо мехоҳем дар мувофиқат ба амрҳои Худо ба саломатии худ боэҳтиётона муносибат намоем! Вале барои ин интизоми ҷиддӣ лозим аст. Касе, ки аз Рӯҳулқудс пур аст, мехоҳад ва метавонад ин интизомро бо шодӣ риоя намояд. Ва подоши чунин шахс ҷисм ва рӯҳи солим хоҳад буд. Он касе, ки аз Рӯҳулқудс пур нест мубориза ва маҳрумиятҳоро аз

[90] Randy Maxwell, If My People Pray (Pacific Press 1995), p. 145.

сар хоҳад гузаронд. Худованд интизор аст, ки мо саломатии ҷисму рӯҳи худро дар шакли беҳтарин барои ҷалоли Ӯ, барои хизмат ба Ӯ ва барои шодии худи мо нигоҳ медорем. Дар ин масъала низ аз Рӯҳулқудс пур будан муҳим аст. Вақте ки Масеҳ ба воситаи Рӯҳ дар қалби мо зиндагӣ мекунад, Ӯ Худованд ва шифодиҳандаи мо (Хуруҷ, 15:26) мегардад. Шифо – ин беҳтарин чизест, ки шахси бемор онро орзу мекунад. Ва ин Худоро ҷалол медиҳад. Вале суоле пайдо мешавад: оё шифодиҳандаи Илоҳӣ ҳамаро шифо медиҳад?

«Ба бошишгоҳи гурезагон дар Таиланд зани пиронсол, гурезае аз Камбоҷа омад. Вай дар тан либоси роҳибаи буддоиро дошт. Зан хоҳиш кард, то духтур Исо ӯро қабул кунад. Бинобар ин кормандон дар бораи Исо ба вай нақл карданд. Вай ба Исо имон овард ва рӯҳу ҷонаш шифо ёфт. Вақте ки вай ба қадри кофӣ қавӣ шуд ва ба Камбоҷа баргашт, тавонист 37 нафарро назди Масеҳ биёварад»[91].

Вақте ки шоҳ Ҳизқиё бемор шуд, Худованд ба вай паём фиристод: *«Ман туро шифо хоҳам дод» (*4 Подшоҳон, 20:1–11). Вале барои чӣ Худованд ӯро бо калом шифо надод, балки фармуд, то ба думбал қурсе аз анҷирқоқ бигузоранд? Оё мумкин аст, ки Худованд иштироки моро дар истифода бурдани воситаҳои табиӣ ё тағйири хӯрок, фаъолнокии ҷисмонӣ, реҷаи меҳнат ва истироҳат интизор бошад? Барои чӣ Худо Павлусро шифо надод, балки ӯро бо «неше дар ҷисм» монд? Худи Павлус мегӯяд: *«Барои он ки ман ба сабаби фавқулодагии ваҳйҳо худро баланд нагирам»* (2 Қуринтиён, 12:7–10). Вале Э. Уайт ба мо мегӯяд: «Таъсири Рӯҳи Худо – беҳтарин дору аз беморист. Осмон – ин худ тандурустист ва ҳар қадаре ки шахси бемор таъсири осмониро амиқтар дарк мекунад, шифоёбии ӯ ҳамон қадар дақиқтар мегардад»[92].

Он чи як тоҷир навиштааст, ҳайратовар ва шоёни диққат аст. Ӯ таҷрибаи худро баён карда мегӯяд, ки чӣ тавр дар семинарҳои зиёд оид ба саломатӣ ҳузур дошт, вале ин ҳеҷ на-

---

[91] Author unknown, Our Daily Bread — Worship book (RBC Ministries), 26. Nov. 1993.

[92] Э. Уайт. Хизматгузории тиббӣ, с. 12 (аслӣ).

тиҷае надод. Вале вақте ки ӯ ҳар рӯз ба дуо гуфтан дар бораи Рӯҳулқудс шурӯъ кард, тарзи ҳаёти худро ҷиддан тағйир дод ва ғизои вегетарианиро (растанигиро) қабул намуд[93]. Ин бори дигар нишон медиҳад, ки аз Рӯҳулқудс пур будан метавонад ба мо барои пазируфтани ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ майлу хоҳиш, неру ва шодию нишот ато намояд.

Як хоҳар ин таҷрибаро хонд. Баъдтар вай навишт: «Вақте ки ман пурра ба Исои Масеҳ эътимод намудам, Худо тамоми ҳаёти маро дар як лаҳза дигар кард. Субҳи рӯзи дигар баъди дуои вақфсозӣ ман ба ошхона рафтам, назди қаҳваҷӯшак омадам, сар ҷунбондам ва ба худам гуфтам: "На". Шурӯъ аз он замон, ман дигар қаҳва наменӯшам. Пеш ин номумкин буд, зеро ҳар маротибае, ки ман мехостам аз истеъмоли қаҳва даст кашам, маро дар давоми панҷ рӯз дарди сахти сар, ба ном синдроми (аломати) тозашавӣ, азоб медод. Ин дафъа ман ҳатто фикр накардам, ки маро чӣ интизор аст. Ман бовар доштам, ки дигар қаҳва наменӯшам. Имрӯз ман ба ин нӯшокӣ умуман майл надорам»[94]. Ин танҳо яке аз дигаргуниҳои зиёд аз ҳаёти ӯст. (Ба ҳар нафаре, ки мехоҳад аз муътодии тамоку халос шавад, ноширон хондани китоби Э. Радулеску «Алвидоъ, тамоку!» ва китоби Э. Фостер «Оғози нав»-ро тавсия медиҳанд[95]. Дар марказҳои китобфурӯшӣ маҷаллаҳо ва китобҳои дигари ба ин мавзӯъ бахшидашуда дарёфт мешаванд).

**Зиндагӣ дар Рӯҳулқудс дар пешбурди ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ кумаки калон мерасонад. Ахбор дар бораи тандурустӣ якҷо бо неруи Илоҳӣ бахри дигаргуниҳо кори бузургро ба иҷро мерасонанд.** Дон Макинтош, роҳбари барномаи «Оғози нав», Веймар, Калифорния, мегӯяд: «Имрӯз мо на танҳо ба таҳсилот дар соҳаи тандурустӣ ниёз дорем. Мо аллакай донишҳои кофӣ дорем. Он чизе, ки ба мо дар ҳақиқат лозим аст, ин назария дар бораи тандурустӣ мебошад, ки бо неруи татбиқи ин принсипҳо дар ҳаёт, неруи дигаргуниҳо

93 Email from 7.3.2013.

94 Email from November 18, 2 014 from Sister M.

95 www.7knig.org

тақвият ёфтааст»[96].

Доктор Тим Хоув мегӯяд: «Ахбори одӣ оиди тандурустӣ – ин ҳанӯз хизмати тиббӣ-мубаллиғӣ нест. Ин ахбор наметавонад шахси беморро шифо бахшад, мисли он ки Шариати Худо наметавонад шахси гунаҳкорро наҷот диҳад. Барои шифо ё наҷот ёфтан, дар вуҷуди худ неруи дигаргунсозандаи Худоро эҳсос кардан зарур аст»[97]

Ва, ниҳоят, мехоҳам боз як суол диҳам: дар мавриди шифоёбӣ бо имон чӣ мегӯед? Оё ин бидуни аз Рӯҳудқудс пур будан мумкин аст? (Марқӯс, 16:17; Яъқуб, 5:14–16).

## ОМОДАГӢ БА ДУЮМБОРА ОМАДАНИ ИСОИ МАСЕҲ

Бе муносибатҳои наздик бо Масеҳ ба воситаи Рӯҳулқудс ба Дуюмбораи омадани Ӯ омода шудан номумкин аст. Агар Масеҳ ба воситаи Пуштибон дар қалби ман сокин бошад, пас, бо файзи Ӯ, ман омодаам. Инро се ҷанба метавонанд нишон диҳанд ( ин мавзӯъ ба таври муфассал дар китоби Деннис Смит «40 рӯзи дуогӯӣ», фасли «Таъмиди рӯҳонӣ ва ҳаводиси ниҳоии Замин» баррасӣ карда мешавад).

### Муносибатҳои шахсӣ бо Масеҳ

Исои Масеҳ гуфт: *«Ҳаёти ҷовидонӣ ин аст, ки Туро, ки Худои ягонаи ҳақиқӣ ҳастӣ ва Исои Масеҳро, ки фиристодаӣ, бишносанд»* (Юҳанно, 17:3). Дар Китоби Муқаддас вожаи «шинохтан» на танҳо ба ахбор ишора мекунад, балки маънии амиқтаре дорад. Он худвақфсозии пурра, мутақобила ва бо муҳаббат амршударо дар бар мегирад. Ва ин танҳо дар зиндагӣ бо Рӯҳулқудс мумкин аст. Ин фикр дар иқтибоси зер мушоҳида мешавад:

«Мо ба робитаи зинда бо Худо ниёз дорем. Мо бояд ба воситаи таъмид аз Рӯҳулқудс неруи осмониро ба бар кунем, то ба дараҷаи баландтарин бирасем, зеро танҳо бо ин роҳ метаво-

---

[96] Dave Fiedler, D’Sozo, (Remnant Publications), Forward.

[97] Ҳамон ҷо.

нем мадад пайдо кунем»[98]. Дар масал дар бораи даҳ бокира Исо ба нодонҳо мегӯяд: *«Шуморо намешиносам»* Барои чӣ? Ба сабаби норасоии равған, ки рамзи Рӯҳулқудс буд (Матто, 25:1–13). Одамоне, ки Масеҳро таслиб карданд, донишҳои бузурги Аҳди Ҷадидро соҳиб буданд. Вале ба сабаби дарки нодуруст муносибатҳои шахсиро бо Исо ҷустуҷӯ накарданд.

Оё мо дарк мекунем, ки насли айёми охир ба сабаби вазъиятҳои муайяни ин замон назар ба ҳар насли дигар ба муносибатҳои наздик бо Худо ниёз дорад?

## Порсоӣ бар ҳасби имон

Дар мурoҷиати охирини Худо ба башарият – дар Паёми се фаришта дар бораи эълони «Инҷили абадӣ» сухан гуфта мешавад (Ваҳй, 14:6, 7). Моҳияти ин паём дар чист, ки онро бояд тамоми ҷаҳон бишнавад? Порсоие, ки бар ҳасби файз ба воситаи имон ба Масеҳ ба даст оварда мешавад (Эфсусиён, 2:8, 9). Касоне, ки ин паёмро эълон мекунанд, худ бояд неруи онро дар вуҷудашон эҳсос кунанд. Онҳо бояд дарк намоянд ва аз сар гузаронанд, ки порсоӣ бар ҳасби имон ба Масеҳе, ки моро омурзидааст ва аз гуноҳ фидия дода харидааст, чӣ маъно дорад. Чунин таҷриба танҳо дар зиндагии нафаре мумкин аст, ки ӯ аз Рӯҳулқудс пур аст, Рӯҳулқудсе, ки ба воситаи Ӯ Масеҳ метавонад итоаткории моро комил гардонад. Оё Масеҳ дар қалби мо маскан дорад, инро аз рӯйи он муайян намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мо ба амрҳои Худо итоат мекунем. Тамоми ҷаҳон аз ин паём мунаввар мегардад (Ваҳй, 18:1).

## Муҳаббат ба ҳақиқат

Дар зиндагӣ бо Рӯҳулқудс ва бидуни Ӯ кадом самарот дар бобати **муҳаббат ба ҳақиқат, омӯзиши Каломи Худо ва татбиқи принсипҳои он дар амал зоҳир мегарданд?** Павлуси ҳаввориӣ дар 2 Таслӯникиён, 2:10 мегӯяд: *«Нобудшавандагон аз барои он ки онҳо муҳаббати ҳақиқатро қабул накарданд, то*

[98] E.G. White, Review and Herald, April 5, 1892.

*ки наҷот ёбанд».* Он ки дар қалби худ нисбати ҳақиқат муҳаббат дорад, қодир аст дар миёни гумроҳиҳо устувор бошад. Ин муҳаббатро чӣ тавр пайдо кунем? Мо онро танҳо замоне метавонем дошта бошем, ки Исои Масеҳ ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалби мо сокин мешавад. Дар Румиён, 5:5 гуфта мешавад, ки маҳз Рӯҳулқудс муҳаббатро дар қалби мо ҷой медиҳад, дар Эфсӯсиён 3:18 бошад, навишта шудааст, ки мо ба воситаи Рӯҳулқудс *«дар муҳаббат реша давонда ва устувор»* мешавем. Дар Юҳанно, 16:13 Рӯҳулқудс *«Рӯҳи ҳақиқат»* номида шудааст. Ин як чизро комилан равшан ба мо ошкор месозад: барои ба ҳақиқат муҳаббат доштан масеҳии рӯҳонӣ будан лозим аст. Оё имрӯз мо дар итоаткорӣ ба ҳақиқат, ба Каломи Худо ва ба навиштаҳои нубувватӣ мушкилӣ дорем? Дар бораи замоне, ки моро дар пеш интизор аст, андеша кунед: «Танҳо нафароне, ки Китоби Муқаддасро бо ҷидду ҷаҳд таҳқиқ мекунанд, онҳое ки муҳаббати ҳақиқатро қабул кардаанд, аз қувваи васваса, ки тамоми ҷаҳонро асир мегардонад, ҳимоя карда мешаванд… Оё алҳол қавми Худо дар Каломи Ӯ он қадар устувор истодааст, то ба ин васваса дода нашавад?»[99].

Худо таваҷҷуҳи Худро на ба он ки мо камоли ҳақиқатро чӣ тавр дарк намудем, балки ба он ки оё мо ин ҳақиқатро дӯст доштаем, ҷалб намуда, суол мекунад.

## САМАРИ РӮҲ Ё АЪМОЛИ ҶИСМ?

«Таъсири Рӯҳулқудс – ин зиндагии Масеҳ дар қалб аст. Мо Масеҳро бо чашми худ намебинем ва рӯ ба рӯ бо Ӯ сухан намегӯем, вале Рӯҳулқудси Ӯ ҳамеша дар канори мост. Ӯ дар ҳар нафар ва ба воситаи ҳар нафаре, ки Масеҳро қабул мекунад ва ба Ӯ имон дорад, амал мекунад. **Касоне, ки Рӯҳ дар қалби онҳо сокин аст, самари Рӯҳро зоҳир месозанд»**[100].

Ғалотиён, 5:22, 23: *«Муҳаббат, шодмонӣ, осойиштагӣ, пурсабрӣ, меҳрубонӣ, марҳамат, имон, фурӯтанӣ, парҳезгорӣ». Эфсӯсиён, 5:9: «ҳар меҳрубонӣ, порсоӣ ва ҳақиқат».*

---

[99] Э. Уайт. Муборизаи бузург, с. 670 (тоҷикӣ).

[100] Тавзеҳоти Китоби Муқаддас АРҲ, Заокск, 2015, ҷ. 6, с. 858 (аслӣ).

Ғалотиён, 5:16–21 ошкор месозад, ки ба воситаи Рӯҳулқудс мо метавонем неруи гуноҳро дар қалби худ мағлуб созем:

*«Бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед ва шумо ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард; зеро ки ҷисм хилофи Рӯҳро хоҳон аст ва Рӯҳ – хилофи ҷисмро: онҳо зидди якдигаранд, ба тавре ки шумо он чи мехостед, намекунед. Лекин агар роҳнамоятон Рӯҳ бошад, зери дасти шариат нестед».* (Инчунин Румиён, 7:23; 8:1-ро хонед). *«Корҳои ҷисм маълум аст, ки инҳост: фисқ, зино, нопокӣ, фуҷур, бутпарастӣ, ҷодугарӣ, адоват, хархаша, ҳасад, хашм, ҷидол, ихтилофот, бидъатҳо, нафрат, қатлҳо, бадмастӣ, бетартибӣ ва монанди ин; шуморо пешакӣ огоҳ менамоям, чунонки пештар ҳам огоҳ намудаам, ки кунандагони ин корҳо Малакути Худоро мерос нахоҳанд гирифт»* (Ғалотиён, 5:19–21).

## АТОҲОИ РӮҲОНӢ

«Зери мафҳуми атоҳои рӯҳонӣ мо атоҳоеро дар назар дорем, ки Рӯҳулқудс додааст. Дар бораи онҳо дар 1 Қӯринтиён, 12:28 ва Эфсӯсиён, 4:11 навишта шудааст: ҳаввория т, нубувват, атои башоратдиҳанда, кашиш, муаллим, шифодиҳанда, атои имдод, маъмурият, атои забонҳо. Ин атоҳо як қисми "зиреҳи муқаддасон дар кори хизматгузорӣ" мебошанд... Онҳо ба шаҳодати калисо неру мебахшанд, дар идора кардан ва қарор қабул намудан ёрӣ мерасонанд»[101]. Рӯҳулқудс инчунин ба мо истеъдодҳои гуногунро барои ҳадафҳои муайян ато мекунад: *«дониш ва ҳар ҳунар» (*Хуруҷ, 31:2 – 6), ҳунари биносозиро (1 Вақоеънома, 28:12, 19).

Агар мо шогирди Масеҳ шудан хоҳем, пас бояд ҳама чизро пурра ба Ӯ бахшем. Ба ин тариқ, тамоми истеъдоду қобилиятҳои атошуда ва азхуднамудаи мо дар ихтиёри Ӯ қарор мегиранд. Ӯ метавонад истеъдодҳои иловагиро ба мо ато намояд ва/ё қобилиятҳоеро, ки мо дорем, беҳтар гардонад ва такмил диҳад.

---

[101] Hrsg. Gerhard Rempel, Schlüsselbegriffe adventistischer Glaubenslehre (Hamburg), p. 44.

Оё мо метавонем бе Рӯҳулқудс ба дарёфт намудани атоҳои рӯҳонӣ умед бандем?

## ИНТИХОБИ ХУДО Ё ОДАМ?

Сохтори калисои умумиҷаҳонии мо бар принсипҳои демократӣ бунёд ёфтааст. Вале ҳаргиз дар назар дошта намешуд, ки одам пурра ба андешаи худ умед мебандад. Моҳияти асосии қабули қарор тавассути овоздиҳӣ дар он аст, ки ҳар нафар шахсан ба садои Худо гӯш медиҳад ва мувофиқ ба ин интихоб мекунад. Ҳамин тавр, аз тариқи ба садои Худо гӯш додани ҳар нафари имондор мо иродаи Ӯро медонем. Қабл аз ҳар ҷамъомади кумитаҳои гуногун дуо гуфта мешавад. Баъзан барои гузаронидани овоздиҳии муҳим, ба ҳар нафар имкони дар танҳои дуо гуфтан дода мешавад, ҳамин тавр, шахс метавонад дарк намояд, ки Худованд интихоби ӯро чӣ гуна дидан мехоҳад. Наҳамё мегӯяд: *«Ва Худои ман ба дилам ниҳод»* (Наҳамё, 7:5). Э. Уайт боби якуми китоби Наҳамёро ба ин тариқ тавзеҳ медиҳад: «Ҳангоми дуо гуфтан илҳоми муқаддас андешаҳои ӯро ташаккул дод»[102].

Оё масеҳии ҷисмонӣ метавонад садои Худоро бишнавад? Вай наметавонад ҷавоб бигирад, агар тамоми ҳастии худро самимона ва пурра ба Худованд набахшидааст (Забур, 65:18; Забур, 24:12). Агар масеҳии ҷисмонӣ бар ҳасби донишҳои худ аз самими дил овоз диҳад, пас аз назари башарӣ ӯ дуруст рафтор мекунад. Вале ҳангоме ки созишҳои одамӣ беихтиёрона ва бемулоҳиза қабул карда мешаванд, аксар вақт ин ҷо қаллобӣ ва гуноҳ ҷой дорад.

Роҳбарият ба кори Худо таъсири бузург мерасонанд. Албатта, фарқияти калон вуҷуд дорад, агар бародарону хоҳаронеро, ки хизматеро ба иҷро мерасонанд, аз ҷониби Худо даъват гардидаанд ё аз тариқи овоздиҳии одамон интихоб шудаанд. Дар хизмати онҳо самараҳои дилхоҳ зоҳир хоҳад гардид.

Вақте ки ман китоберо дар бораи дуо мутолиа намудам,

---

[102] E.G. White, Southern Watchman (www.egwritings.org), March 1, 1904.

фаҳмидам, ки мо метавонем илтиҷо намоем, то Худо роҳеро, ки мо бояд дар он пеш ҳаракат кунем, ба мо нишон диҳад (Забур, 31:8). Вақте ки ман дар оромӣ ва хомушӣ ба гӯш додан ба садои Худо шурӯъ кардам, зиндагии ман пурра тағйир ёфт. Ман ин фикрҳои худро дар мақолае бо номи «Аз намояндаи савдо – ба воизӣ»[103] баён намудам. Инчунин мавъизаи хуби сабтшудаи Курт Хазел низ ҳаст: «Қарори дуруст қабул карданро чӣ тавр биомӯзем?»[104]. Боз як мавъизаи аҷибе ҳаст, ки чанд сол қабл Генри Друммонд навишта буд: «Иродаи Худоро чӣ тавр бидонем?» (танҳо ба забонҳои олмонӣ ва англисӣ)[105].

Ин таҷриба 23 октябри соли 2014 рух дод: Маркази тиббӣ-мубаллиғӣ дар шаҳри Каринтияи Австрия бо қарори душворе рӯ ба рӯ шуд: оё сохтмони бинои нав ба мо лозим ҳаст ё на? Далелҳои зиёди «тарафдор» ва «муқобил» мавҷуд буданд. Вале масъалаи асосӣ – иродаи Худо нисбати ин чӣ гуна аст – бепосух монда буд. Мо қарор додем дигар далелҳоро муҳокима накунем, балки фақат даҳ рӯз дуо гӯем, то Худованд моро ба шунидани садои Худ омода созад ва 23 октябр (баъди рафтани гурӯҳи навбатии меҳмонон), дар ҷамъомади догӯйи ба мо ҷавоб диҳад, ки оё бунёди бинои нав ба мо лозим аст.

Дар ҷамъомади дуогӯйӣ беш аз бист нафар иштирок карданд. Баъди дуоҳои умумӣ ҳамаи ҳозирин дар дуои паст пеши Худо зону заданд, то Ӯ ба ҳар нафар шахсан сухан гӯяд. Мо тасмим гирифтем ин қарорҳои шахсиро, ки Худо ато намуд, ин тавр баён кунем: ҳар нафар бояд дар варақ аломати «+» нависад, агар сохтани бино лозим бошад, аломати «–», агар сохтан лозим набошад, «О», агар шахс аз Худо ҷавоб нагирифта бошад, ва «?», агар ӯ ба ҷавоб боварӣ надошта бошад. Натиҷаи ин аломати роҳнамоии Худо буд: мо чордаҳ варақ бо «+» (ки

---

[103] www.gotterfahren.info — Gott verändert Leben — Vom Prokurist zum Prediger.

[104] www.gotterfahren.info — Wege zum Ziel: Gott erfahren — Gottes Botschaft für unsere Zeit — Thema Nr. 11.

[105] Missionsbrief.de — Predigten lesen — Henry Drummond: Wie erkenne ich den Willen Gottes? (Deutsch und Englisch).

чортои онҳо «+?» буданд) гирифтем, дар шаш варақ «О» навишта шуда буд ва чор варақ холӣ буд. Ду ҷавоби дигар низ буд, ки аломати дар онҳо гузошташуда бо душворӣ фаҳмида мешуд, аз ин рӯ мо онҳоро ба ҳисоб нагирифтем, касоне низ буданд, ки овоз надоданд. Ба ин тариқ, мо дидем, ки Худо моро ба сохтани бино водор мекунад. Ман мутмаинам, ки дар айёми охир мо бештару бештар роҳнамоии бевоситаи Худоро ҷустуҷӯ хоҳем кард.

Матни Юил, 2:28, 29 дар ин бобат сухан мегӯяд. Э. Уайт тавзеҳ медиҳад: «Ҳар нафар бояд бишнавад, ки Ӯ ба қалби вай сухан мегӯяд. Вақте ки ҳама садоҳо хомӯш мегарданд ва мо дар сукути қалб дар ҳузури Ӯ қарор мегирем, мо метавонем садои Худоро возеҳтар фарқ кунем. *Ӯ ба мо мегӯяд: “Бозистед ва бидонед, ки Ман Худо ҳастам”* (Забур, 45:11)»[106]

## ПУЛ

Муносибати масеҳии рӯҳонӣ аз ҷисмонӣ дар ба даст овардан ва истифода бурдани пул чӣ тафовут дорад? Оё мо худро моликони маблағҳои хеш ё бандагони Худо меҳисобем? «Муҳаббат ба пул ва худситоӣ ин ҷаҳонро ба лонаи duздон ва роҳзанон табдил додаанд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки хасисӣ ва зулм қабл аз Дуюмбора омадани Масеҳ ба таври махсус густариш меёбанд»[107].

## ФАРИШТАГОН ҚАВМИ ТАРСГОРИ ХУДОРО ҲИМОЯ МЕКУНАНД

Фариштагон қавми тарсгори Худоро ҳимоя мекунанд. *«Фариштаи Худованд дар гирду пеши тарсгорони Ӯ ҳозир аст ва онҳоро халосӣ медиҳад»* (Забур, 33:8). «Ҳар масеҳӣ фариштаи муаккали худро дорад. Ин посбонони осмонӣ шахси порсоро

[106] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 363 (аслӣ).

[107] Э. Уайт. Пайғамбарон ва подшоҳон, с. 651 (аслӣ).

аз дасисаҳои шайтон муҳофизат мекунанд»[108]. Вақте ки мо дар бораи тарсгорони Худо, дар бораи пайравони Масеҳ ва порсоёне сухан мегӯем, ки зери ҳимояи Худо қарор доранд, оё ин ба ҳар нафаре, ки худро чунин меҳисобад, дахл дорад? Оё ин ваъда ба одамоне дахл дорад, ки худро ба Худо бахшидаанд, вале на то ба охир? Бале, он ба тифлони хурд дахл дорад, зеро Масеҳ Худ дар Матто, 18:10 мегӯяд: *«Зинҳор, ҳеҷ яке аз ин тифлонро хор нашуморед; зеро ба шумо мегӯям, ки фариштаҳои онҳо дар осмон ҳамеша рӯйи падари Маро, ки дар осмон аст, мебинанд»*. Довуд ҳаёти худро ба дасти Худо супурд, бинобар ӯ сабабе барои тарс надошт. Ӯ мегӯяд: *«Худованд нури ман ва наҷоти ман аст: аз кӣ тарсон бошам? Худованд истеҳкоми ҷони ман аст: аз кӣ ҳаросон бошам?»* (Забур, 26:1). Боби 31-уми китоби «Муборизаи бузург»-ро бихонед, махсусан фаслро дар бораи хизмати фариштаҳои нек.

## АНДЕШАҲОИ ХОТИМАВӢ

Мо танҳо ба чанд ҷанба дахолат кардем. Ҷанбаҳои зиёди дигари зиндагӣ ва имонро зикр кардан мумкин аст. Вале як чизро бо итминон метавон гуфт:

***Нест ягон паҳлуи зиндагӣ, ки дар он баракатҳои бузург аз ҳузури Рӯҳулқудс мушоҳида нашаванд. Ва, ҳамин тавр, нест ягон паҳлуи зиндагӣ, ки ҳузур надоштани Рӯҳулқудс нақши марговари худро дар он нагузошта бошад. Оё ин таҳрики пурзӯр нест, то мо ҳар рӯз зиндагии худро ба Худо вақф созем ва аз Рӯҳулқудс пур шуданро илтиҷо намоем.***

«5 марти соли 1966 ҳавопаймои “Боинг 707-436” аз фурудгоҳи Токио ба Гонконг парвоз кард. Парвоз хуб гузашт. Ҳаво софу беғубор ва офтобӣ буд. Дере нагузашта мусофирон кӯҳи машҳури японии Фудзиро диданд. Сарнишини ҳавопаймо хабар дод, ки ҳаво софу беғубор аст. Алтиметри ҳавопаймо

[108] Э. Уайт. Муборизаи бузург, с. 544 (тоҷикӣ).

баландии чор ҳазор метрро нишон медод ва сарнишин ҳавопайморо ба кӯҳ наздиктар ронд. Вале сарнишин хатари ба вай таҳдидкунандаро надид. Ҳавопаймо бо ҷараёни пуртуғёни ҳавоӣ бархӯрд, дар ин ҳол бо сарбории паҳлуие, ки аз тавоноии конструксия зиёдтар буд, дучор омад. Дар натиҷа аввал думбол, баъд ҳамаи муҳаррикҳо ва қаноти рост шикаста ҷудо шуданд, ки боиси пурра аз даст додани идораи ҳавопаймо гардид. Ҳавопаймо дар ҳаво айнан пора-пора шуда, ба замин афтид, ҳамаи мусофирон ҷон бохтанд»[109].

Масеҳии ҷисмонӣ тибқи «асбобҳои визуалӣ» зиндагӣ мекунад. Ӯ ҳамаи қарорҳоро мустақилона қабул менамояд. Ва сарфи назар аз нияту мақсадҳои нек, ӯ муваффақ намегардад. Масеҳии рӯҳонӣ зери роҳнамоии Рӯҳулқудс, дар муносибатҳои эътимодомез ва бар муҳаббат асосёфта бо Худованде, ки ӯро ба соҳили амн мерасонад, зиндагӣ мекунад.

***Дуо: Падари Осмонӣ, Туро шукр мегӯем, ки Исои Масеҳ ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалбҳои мо сокин аст ва чунин дигаргуниҳои ғайриодиро дар мо ва дар заҳматҳои мо ба ҷо меоварад. Лутфан, чашми маро бикшо, то ман тавонам амалҳои Рӯҳулқудсро боз ҳам беҳтар сарфаҳм равам. Камоли зиндагиро, ки Исо омода кардааст, ба воситаи Ӯ ба ман ато намо. Ба ман мадад расон, то калиди ҳалли мушкилиҳоро пайдо кунам, вақте ки фасли ояндаро мутолиа мекунам ва ин донишҳоро дар зиндагии худ ба кор мебарам. Туро шукр мегӯям. Омин.***

[109] https://ru.wikipedia.org/wiki/Катастрофа_Boeing_707_дар_Фудзи

ФАСЛИ 5

# КАЛИДИ ТАҶРИБАИ АМАЛӢ

***Чӣ тавр ман метавонам нақшаи Худоро нисбати худ амалӣ намоям ва аз ин баракат дарёфт кунам? Чӣ тавр дуо гуфтан лозим аст, то ба пур шудан аз Рӯҳулқудс мутмаин бошем?***

## ДУО ВА АЗ РӮҲУЛҚУДС ПУР ШУДАН

Хеле муҳим аст дар ин роҳ бо имон қадам гузоштан ва бо имон дар бораи Рӯҳулқудс илтиҷо кардан. Ин маънои онро дорад, ки баъди дуо дар бораи Рӯҳулқудс мо бояд ба Худо эътимод намоем ва мутмаин бошем, ки Худованд аллакай ба ин дуо ҷавоб додааст ва аллакай Рӯҳулқудсро ато намудааст.

Ғалотиён, 3:14 мегӯяд: *«То ки мо ваъдаи Рӯҳро ба воситаи* ***имон*** *пайдо кунем»*. Тарҷумаи дигар ин тавр садо медиҳад: *«То ки мо Рӯҳулқудси ваъдашударо* **ба воситаи имон** *ба Масеҳ пайдо кунем» (тарҷума аз англисӣ. Тафсири нави байналхалқӣ барои хонанда).*

Худо Мададгори бузурги мост. Мо метавонем бо ҷасорат ба Падари Осмонии худ эътимод кунем. Мо одат кардаем инро **«дуо аз рӯйи ваъдаҳо»** ном бигирем.

## ДУО АЗ РӮЙИ ВАЪДАҲО

Саравввал як мисоли одӣ меорам. Фарз мекунем, ки писари мактабхони ман забони франсузиро начандон хуб медонад.

Ман бо тамоми неру кӯшиш мекунам фарзанди худро ба омӯзиши ин забон рӯҳбаланд созам. Бинобар ин ман чунин ваъда медиҳам: агар баҳои ҷамъбастии ӯ хуб бошад, ман ба вай бист доллар медиҳам. Писарбача бо ғайрати зиёд ба омӯзиш шурӯъ мекунад. Ман низ ба ӯ дар ин кор ёрӣ мерасонам ва оқибат вай баҳои хуб мегирад. Баъд чӣ мешавад? Писари ман аз мактаб ба хона баргашта, аз остона фарёд мезанад: «Падарҷон, аз шумо бист доллар!» Барои чӣ ӯ ин қадар дилпур аст, ки бист доллари худро мегирад? Зеро ман ваъда додам ва ӯ ҳамаи талаботҳоро ба ҷо овард. Ва чунин умедворӣ комилан табиист.

Бале, мумкин аст, ки дар он лаҳза ман бист доллар надошта бошам. Вале оё мумкин аст, ки Худо он чизеро, ки ваъда додааст, надошта бошад? Албатта не!

Ман низ метавонам суханони худро бозгирам ва бигӯям: «Ман чанде пеш дар китобе дар бораи тарбия хондам, ки фарзандонро бо пул талқин кардан мумкин нест. Бинобар ин ман наметавонам ба ту бист доллар диҳам». Оё Худо метавонад ваъдаи Худро дигар кунад? Албатта не!

Инак, агар мо ваъдаҳои Худоро медонем ва ҳама талаботҳоро ба ҷо овардаем, пас танҳо як варианти ҳаводиси минбаъда вуҷуд дорад – мо чизи ваъдашударо ба даст меоварем.

Худо ба воситаи ваъдаҳои Худ мехоҳад моро барои ба самти муайян ҳаракат кардан талқин намояд. Масалан, барои Рӯҳулқудсеро, ки ба мо неруи Худоро барои зиндагиямон ато мекунад, дарёфт намудан. Ӯ мехоҳад, ки ба Ӯ эътимод намудан барои мо осон бошад. Эътимод – ин қалби имон аст.

Акнун баъзе матнҳои калидии Китоби Муқаддасро дар бораи дуо аз рӯйи ваъдаҳо дида мебароем.

1 Юҳанно, 14, 15: *«Ва ҷуръате, ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем,* ***Ӯ моро мешунавад».***

Худо ваъдаи умумӣ медиҳад, Ӯ ба дуое, ки мухолифи иродаи Ӯ нест, посух мегӯяд. Иродаи Худо дар аҳком ва ваъдаҳои Ӯ тасвир ёфтааст. Мо дар дуоҳои худ метавонем ба онҳо умед

бандем. Вай дар ояти 15 идома медиҳад:

*«Ва агар мо донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем».*

Тарҷумаи дигар ин тавр садо медиҳад:

*«Ва агар мо медонем, ки Ӯ моро мешунавад, вақте ки дар бораи чизе Ӯро илтиҷо мекунем, он чизро низ медонем: ҳамин ки чизеро аз Ӯ бипурсем – **он чиз аллакай аз они мост»** (ИТКМ).*

Ин чӣ маънӣ дорад? Худо ба дуоҳои мо мувофиқи иродаи Худ **дар ҳамон лаҳзае, ки мо ба Ӯ дуо гуфтем, ҷавоб медиҳад. Мо метавонем ҳеҷ чизро эҳсос накунем.** Вале охир мо ба дуои худ на бар асоси эҳсосот, балки аз рӯйи имонамон ҷавоб мегирем.

Ман маротибаи зиёд бо одамон дар бораи раҳоӣ аз муътодӣ ба никотин ва машрубот дуо гуфтаам. Ва ман мушоҳида намудам: онҳо ҳангоми дуо гуфтан ҳеҷ гуна дигаргуниро эҳсос намекунанд. Вале мувофиқи имони худ ҷавоб мегиранд. Баъд аз чанд соат онҳо мушоҳида мекунанд, ки майл ба тамоку ё машруботи спиртӣ гум шудааст. Ва онҳо дар ин лаҳза ҷавоби **амалиро** ба дуои худ пайдо мекунанд.

Масеҳ дар Марқӯс, 11:24 мегӯяд: *«Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, – ва ба шумо **ато** хоҳад шуд».*

Э. Уайт мегӯяд: «Мо набояд шаҳодатҳои аёни баракатҳоро ҷустуҷӯ кунем. Агар Худо ваъда дода бошад, пас мо метавонем мутмаин бошем, ки Ӯ он чизеро, ки ваъда додааст, ба ҷо меоварад ва чизи ***атонамудаи Ӯ зоҳир мегардад, вақте мо бештар аз ҳама чиз ба он ниёз пайдо мекунем»***[110].

Бинобар ин мо набояд шаҳодатҳои зоҳириро ҷустуҷӯ намоем. Ба ин ҳиссиёти эмотсионалӣ низ дахл дорад. Роҷер Морне менависад: «Арвоҳи палид одамонро барои аз Каломи Худо ва пайғамбарони Ӯ дида, бештар ба эҳсосоти худ гӯш додан бо-

---

[110] Э. Уайт. Тарбия, с. 256 (аслӣ).

вар хоҳанд кунонид. Ва барои онҳо воситаи одитари тасарруф намудани ҳаёти инсон вуҷуд надорад. Дар баробари ин худи инсон ҳатто пай намебарад, ки чӣ рӯй дода истодааст»[111].

Дуо аз рӯйи ваъдаҳо ганҷинаи Худоро барои мо мекушояд. Падари меҳрубони Осмонии мо омодааст сарвати беҳисобро ба мо ато намояд. «Онҳо (шогирдон) метавонанд ба чизҳои зиёд умед банданд, агар ба ваъдаҳои Худованд бовар доранд»[112].

## ДУ ГУРӮҲИ ВАЪДАҲО

Дар баробари ин дар миёни ваъдаҳои Китоби Муқаддас фарқияти равшану аниқ гузоштан лозим аст: «Ваъдаҳои рӯҳонӣ – дар бораи омурзиши гуноҳ, Рӯҳулқудс, неру барои хизмат – ҳамеша дастрасанд. Вале ваъдаҳо дар хусуси баракатҳо дар ин ҷаҳон, ҳатто дар хусуси раҳоӣ аз марг, дар ҳолатҳои мушаххас вобаста ба он ки пешбинии Худо чи чизро беҳтар меҳисобад, ё эътибор доранд ё надоранд»[113]

Мисол, Ишаъё, 43:2: *«Вақте ки аз миёни оташ қадамгузор шавӣ, нахоҳӣ сӯхт ва аланга туро нахоҳад сӯзонид»*. Худо ин ваъдаро ба як таври муъҷизаосо дар зиндагии се дӯст, ки ба кӯраи тафсон афтоданд, ба иҷро расонд (Дониёл, 3).

Дар баробари ин ислоҳотчиён Гус ва Иероним дар шаҳри Констанс сӯзонида шуданд. Нафаре метавонад гӯяд, ки Худо ба дуоҳои вай ҷавоб надод. Ё ба ҳар ҳол ҷавоб дод, вале ба як тариқе ки мо онро наметавонем дарк кунем. Чаро? Як пайрави папа, марги ин риёзаткашонро тасвир намуда, гуфтааст: «Онҳо соати охирини худро мардонавор истиқбол гирифтанд ва худро ба гулхани оташ чун ба тантанаи тӯй омода карданд. Онҳо ягон фиғони дард накашиданд. Вақте ки алангаи оташ баланд шуд, онҳо ба хондани сурудҳои ситоишӣ шурӯъ карданд ва ҳатто шуълаи алангазананда дарҳол ба ин сурудхонӣ

---

[111] Roger J. Morneau, A Trip into the Supernatural, Review and Herald, 1982, p. 43.

[112] Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с. 668 (аслӣ).

[113] Morris L. Venden, 95 Theses on Righteousness by Faith, (Pacific Press, 1987), p. 60.

хотима набахшид»[114]. Инсон дар миёни оташ метавонад танҳо фарёд занад. Рафтори ин мардҳо нишон медиҳад, ки Худо ба дуои онҳо ҷавоб дод, вале ба як тариқи барои мо номаълум. Ин барои ман аломати он аст, ки ваъдаҳои махсус низ барои мо аз аҳаммият холӣ нестанд.

## БАРОИ ПОСУХ ШУКР ГУФТАН

Боз як ҷанбаи муҳимми дигар: агар мо ба дуои худ ҳамон лаҳзае посух бигирем, ки онро ба забон меорем, пас Худоро дарҳол шукр гуфтан дуруст мешавад. Шукронаи мо дар ин ҳолат баёни имони мо ба он аст, ки Худо ба дуои мо посух гуфт ва мо ин посухро вақте ки ин зарур мегардад, хоҳем дид. Баъзе имондорон посухро дарҳол баъди дуо гуфтан гирифтанд. Вале барои бисёриҳо ин таҷриба ба ҳолати Илёс монанд буд: Худованд на дар бод, на дар зилзила, на дар оташ, балки дар садои маҳини сокит буд (3 Подшоҳон, 19:11, 12). Бо ман низ ҳамчунин буд.

Баъд аз дуо вақти зиёд гузашт ва ман аллакай фикр кардам, ки ҳеҷ чиз рӯй надода истодааст. Вале ман баъд фаҳмидам, ки бо ман чизҳои зиёде рӯй доданд, ки ман онҳоро ҳатто пай набурдам.

## ТАҒЙИРИ ТАФАККУР

Яъне **дар ин лаҳза фикрронии худро тағйир додан муҳим аст:** *«Ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред»* (Румиён, 12:2).

Акнун ин тавр гуфтан дуруст мебуд: «Шукр, ки Ту аллакай ба дуои ман посух додӣ; шукр, ки хоҳиши маро аллакай ба ҷо овардӣ; шукр, ки ман дар вақташ ин посухро пайдо мекунам».

**Ин худталқинкунӣ нест.** Худталқинкунӣ – ин кӯшиши худро бовар кунонидан аст. Агар ман ба ваъда умед баста, дуо

---

[114] Э. Уайт. Муборизаи бузург, с. 107 (тоҷикӣ); инчунин Neander, “Kirchengeschichte”, 6.Per., 2. Abschnitt, 2. Teil, §69; Hefele “Konziliengeschichte” Bd. VI, S.209 f.

мегӯям, пас ман барои чунин фикрронӣ асоси Илоҳӣ дорам, зеро Худованд аллакай бар ҳасби имон ба ман посух додааст. Агар ман фикрронии худро тағйир надиҳам, пас ман бо ин ба Худо нишон медиҳам, ки ба Ӯ эътимод надорам, балки ба эҳсосоти худ умед мебандам. Чунин рафтор Худоро дурӯғгӯй нишон медиҳад ва дар чунин ҳолат багумон аст, ки шахс чизи хостаашро пайдо кунад.

Инчунин ба таври муносиб рафтор кардан хеле муҳим аст, ҳатто агар мо ҳоло ҳеҷ чизро мушоҳида намекунем. Дар муносибатҳо бо Худо ҳамеша барои имон ҷой ҳаст. Худо мехоҳад, ки мо ба Ӯ эътимод кунем. Қиссаи убури дарёи Урдунро ба хотир биёред. Рӯҳониён бояд аввал ба об қадам мегузоштанд ва танҳо баъди ин дарё ба ду тараф ҷудо шуд. Наамон бояд ҳафт бор дар дарё ғӯта мезад, то ки шифо ёбад.

Шояд, нафаре бигӯяд: «Ман ин тавр наметавонам. Ман ҳатто тасаввур карда наметавонам, ки ин корро чӣ тавр анҷом диҳам». Дар хотир доред, чизҳои зиёде ҳастанд, ки мо ба фаҳмонидани онҳо қобил нестем. Мо ҳама ҳоло ҳам то ба охир фаҳмонида наметавонем, ки неруи барқ чист, ҳарчанд ҳама аз он истифода мебарем. Мо то кунун намедонем, ки кӯдакон чӣ тавр сухан гуфтанро ёд мегиранд. Вале онҳо дер ё зуд ба сухан гуфтан сар мекунанд. «Олами табиат аз муъҷизоте, ки аз доираи фаҳмиши мо берунанд, пур аст, пас, оё ҷойи аз асрори олами рӯҳонӣ, ки тобеи фаҳмиши мо нест, дар тааҷҷуб мондан аст?»[115].

Биёед ба порчаи Масалҳо, 3:5, 6 менигарем: «Ба тамоми дили худ ба Худованд таваккал намо ва ба хиради худ такя накун. Дар ҳама тариқҳои худ Ӯро дарк намо ва Ӯ роҳҳои туро ҳамвор хоҳад кард». Мо дар ин ҷо шартҳои одиеро мебинем, ки бояд ба ҷо биёрем, то Худо тавонад роҳҳои моро ҳамвор намояд. Ҳар яке аз ин шартҳо дар айни замон амр низ ҳаст. Агар мо мутмаин набошем, ки ин шартҳоро ба ҷо овардаем, пас метавонем хоҳиш намоем, то Худованд ба мо майлу иштиёқ ато кунад ва метавонем дилпур бошем, ки Ӯ дар худи ҳамон лаҳза

[115] Э. Уайт. Тарбия, с. 170 (аслӣ).

ба дуои мо посух медиҳад. «Агар шумо мехоҳед, ки Худованд дар қалби шумо талоши озодиро ба вуҷуд оварад, пас Ӯ инро барои шумо ба ҷо меоварад»[116].

Иловаи андаке ҳаст. Чӣ рух медиҳад, агар мо мувофиқи ваъдаҳо дуо гуфтем, шартҳоро ба ҷо овардем ва бо вуҷуди ин ба посух шубҳа мекунем? Мо Худоро дуруғгӯй нишон медиҳем. Ҳеҷ кас чунин корро кардан намехоҳад. Бинобар ин чунин дуо гӯед: «Имон меоварам, эй Худованд! Ба беимонии ман мадад кун». Имон оваред!

***Дар фасли «Имон ва дуо»-и китоби «Тарбия» Э. Уайт дар бораи дуо аз рӯйи ваъдаҳо маслиҳатҳои зиёди пурарзиш медиҳад.***

## ДУО ДАР БОРАИ РӮҲУЛҚУДС

Фикр мекунам, мо омодагии хубро дар бобати дуо гуфтан дар бораи Рӯҳулқудс гузаштем. Ин омодагӣ аз он иборат нест, ки Худоро ба иҷро намудани иродаи мо маҷбур созем, балки аниқтараш ба ваъдаҳои Ӯ ва боэътимодии Ӯ имон оварданро омӯхтан аст.

### Ваъдаҳо дар бораи нузули Рӯҳулқудс

Худованд ваъдаҳои аҷиброро дар бораи пайдо намудани Рӯҳулқудс ба мо додааст:

*Луқо, 11:13: «Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро медониста бошед,* ***пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое, ки аз Ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод».***

Падари Осмонии мо уҳдадории иртиботро ба дӯши Худ мегирад. Ва шарти иҷро гардидани ин ваъда: ***талаб кардан аст!*** Вале Исо дар хусуси талаби яккарата не, балки дар бораи тала-

---

116 Э. Уайт. Мавъизаи Масеҳ бар фарози кӯҳ, с. 142 (аслӣ).

би доимӣ сухан мегӯяд.

Аъмол, 5:32: *«Мо шоҳидони Ӯ дар ин бобат ҳастем ва ҳамчунин Рӯҳулқудс аст, ки Онро Худо ба фармонбардорони Худ бахшидааст».*

Шарт: **итоаткорӣ!** Инак, мо дарк мекунем, ки танҳо бар асоси як матн амал намудан мумкин нест, ин ваъдаро дар қаринаҳои гуногун дида баромадан лозим аст. Итоаткорӣ – ин на итоати яккарата ба Худо дар он чизест, ки ба мо писанд меояд. Ин итоаткории доимӣ ба Ӯст: итотакорӣ ба Фидиягузор ва Дӯсти мо. Итоаткорӣ шодию фараҳ меоварад. Ҳар субҳ дар бораи қалби итоаткор доштан дуо гӯед. Илтиҷо кунед, то Худованд хоҳиши ба ҷо овардани он чизеро, ки ба Ӯ писанд аст ва неруи ба иҷро расонидани онро ба шумо ато намояд. Ба ин тариқ мо барои нузули Рӯҳ шароити мусоид фароҳам меоварем.

Юҳанно, 7:37: «*Ҳар кӣ ташна бошад, назди Ман биёяд ва бинӯшад»*.

Дар ин ҷо сухан дар бораи хоҳиши дарёфт кардани Рӯҳулқудс меравад. Агар шумо хоҳиш надоред ё ба назари шумо чунин мерасад, ки он нокофист, шумо метавонед дар бораи хоҳиш дуо гӯед. Ин хоҳиш тибқи иродаи Худост ва Ӯ фавран ба он ҷавоб медиҳад. Агар мо инро аз Худои аҷиби худ илтиҷо кунем, Ӯ дар қалби мо *«хоҳиш ва амалро»* ба ҷо меоварад. Мо инчунин метавонем дар бораи хоҳиши бо Масеҳ робитаи наздик доштан, хоҳиши Ӯро аз самими қалб дӯст доштан, хоҳиши бо шодӣ ба Ӯ хизмат кардан, хоҳиши Исоро ҳангоми бозгашти наздики Ӯ ва барқароргардии Малакути Ӯ истиқбол гирифтан, хоҳиши Каломи Худоро мутолиа намудан ва аз он таълим гирифтан ва инчунин хоҳиши наҷот додан ва чӣ тавр наҷот додани гирифторони ҳалокатро омӯхтан дуо гӯем.

Юҳанно, 7:38, 39: *«Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунонки дар*

*Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд. Ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, Онро хоҳад ёфт».*

Дар ин ҷо шарт: **имон** доштан аст! Мо мебинем, ки имони мо ба Исои Масеҳ, эътимоди мо ба Худо шартҳои муҳимми дарёфт кардани Рӯҳулқудс мебошанд. Ва вақте ки мо мувофиқи ваъдаҳо дуо мегӯем, имон овардан хеле сабук мегардад.

Ғалотиён, 5:16: *«Ман мегӯям: бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед ва шумо ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард».*

Ваъдае, ки шомили ин матнҳост, ҳамчун амр баён ёфтааст. Агар Худо хоҳони он аст, ки ман бар тибқи Рӯҳ рафтор кунам, ин яқинан маънои онро дорад, ки Ӯ мехоҳад маро аз Рӯҳуқудс пур кунад. Инчунин Ӯ ба мо нишон медиҳад, ки агар мо аз Рӯҳулқудс пур бошем, он гоҳ мо аз бандагии ҳавасҳои ҷисм озодем. Рӯҳулқудс неруи гуноҳро дар мо шикаст медиҳад (Румиён, 8:1–17, бахусус ояти 2). Ба воситаи Рӯҳулқудс «аъмоли ҷисмонӣ» кушта мешаванд (Румиён, 8:13). Павлусро ба хотир биёред, ки мегӯяд: *«Ман ҳар рӯз бо марг рӯ ба рӯ мешавам».* Ин як чизи ба таври ғайриодӣ арзишманд аст: аз асорати аъмоли ҷисм (Ғалотиён, 5:18–21) озод шудан ва дар самари Рӯҳ (Ғалотиён, 5:22) нумӯ кардан.

Чӣ тавр худро аз ҳамлаи гуноҳ ҳимоя кунем? Инро бо технологияи офариниши дурбин муқоиса кардан мумкин аст. Барои он ки заррае гард ба шиша нанишинад, дар ҳуҷрае, ки дурбин ҷойгир аст, фишори баланд ба вуҷуд оварда мешавад. Ҳамин тавр, вақте ки дар кушода мешавад, ҷараёни ҳаво ҳамеша аз ҳуҷра берун ҳаракат мекунад. Ва гард аз берун наметавонад ба дохил ворид гардад. Ба ҳамин тариқ, вақте ки шумо аз Рӯҳулқудс пур ҳастед, *«ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард».* (Ин мавзӯъ дар қисми «*Оё шахс метавонад рӯҳонӣ бимонад» дар охири фасл муфассалтар баррасӣ карда мешавад).*

Эфсӯсиён, 3:1, 17, 19: *«Бар тибқи сарвати ҷалоли Худ ато*

*фармояд, ки шумо бо Рӯҳи Ӯ дар одами ботин қавӣ ва мустаҳкам шавед, ба тавре ки Масеҳ ба василаи имон дар дилҳои шумо сокин гардад, то ки шумо дар муҳаббат реша давонда ва устувор (бошед)… то ки бо пуррагии Худо пур шавед».*

Эҳтимол, мо аллакай дербоз ягон тазоҳури неруро мушоҳида намекунем. Вале ин метавонад чун дар табиат рӯй диҳад. Зимистон дарахтон бараҳна мешаванду баҳорон либоси сабз ба бар мекунанд. Дар ин таҷдид неруҳои аз ақл берун иштирок меварзанд. Мо онҳоро на мебинем ва на мешунавем. Вале натиҷаи кори онҳо ба ҳама равшан аст. Дар ҳаёти ман маҳз ҳамин тавр буд. Ва ман Худоро шукр мегӯям, ки Ӯ неруи заруриро ба ман ато менамояд.

Боз як мисоли дигар. Чанд даҳсола пеш мо донистем, ки дар организми мо ҷараёнҳои электрик амал мекунанд. Онҳо ҳамеша дар организми мо вуҷуд доштанд. Вале мо онҳоро мушоҳида намекунем.

Эфсӯсиён, 5:18: *«Аз Рӯҳ пур шавед» ё «ба Рӯҳ имкон диҳед шуморо боз ва боз доимо ва ба таври фаровон пур кунад!»*[117].

Аъмол, 1:8: *«Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт… ва шоҳидони Ман хоҳед буд».*

Ба шогирдон амри нузули қувваро интизор будан дода шуда буд. Онҳо вақти интизориро дар бекорагардӣ намегузарониданд. «Шогирдон аз самими қалб ва ҷиддан дуо гуфта, аз Худованд илтиҷо мекарданд онҳоро барои кор бо одамон тайёр кунад, то дар муоширати ҳаррӯза ба эшон чунин суханонеро бигӯянд, ки ононро сӯйи Масеҳ ҷалб созанд. Онҳо ҳама ихтилофҳо, ҳама гуна талоши бартариро фаромӯш карда, дар ҷамъияти тифоқи масеҳӣ муттаҳид шуданд»[118]. Мо ҳам метавонем бар тибқи ин ваъдаҳо дуо гӯем.

---

117 J. Mager, Auf den Spuren des Heiligen Geistes, (Lüneburg, 1999), Seite 101.

118 Э. Уайт. Аъмоли ҳаввориён, с. 36, 37 (аслӣ).

## НАТИҶА НЕСТ?..

«Ҷавоне барои машварат пурсидан омад. Ӯ мехост аз Рӯҳулқудс пур бошад. Дар қалби ӯ мубориза мерафт. Кашиш аз ӯ пурсид:

- Оё ту худ ва иродаи худро ба Худо бахшидаӣ?

- Ман мутмаин нестам.

- То даме ки худро пурра ба Худо набахшӣ, – мегӯяд кашиш, – дар бораи аз Рӯҳулқудс пур шудан дуо гуфтан маънӣ надорад. Мехоҳӣ ин корро худи ҳозир анҷом диҳӣ?

- Ман наметавонам, – ҷавоб дод ӯ.

- Худо метавонад дар анҷом додани ин кор ба ту мадад расонад, ту бовар дорӣ?

- Бале, – мегӯяд ӯ.

- Пас дар ин бора аз Ӯ илтиҷо намо.

Ӯ ба дуо гуфтан сар кард:

“Худоё, маро аз ҳавасҳои ҷисмониям раҳо намо. Маро ба итоат намудан ба иродаи Ту қодир гардон. Иродаи маро мутеи Худ соз. Ба исми Исои Масеҳ аз Ту илтиҷо мекунам”.

Он гоҳ кашиш пурсид:

- Муваффақ шудӣ?

- Муваффақ нашудан номумкин буд! – гуфт ӯ. – Ман чизеро аз Худо хоҳиш кардам, ки тибқи иродаи Ӯст ва медонам, ки Ӯ ба дуои ман посух дод ва он чизеро ато намуд, ки ман хоҳиш кардам (1 Юҳанно, 5:14, 15). Бале, ин рӯй дод! Иродаи ман мағлуб шуд!

Он гоҳ кашиш гуфт:

- Акнун дар бораи таъмид аз Рӯҳулқудс, дар бораи аз неруи Ӯ пур шудан дуо бигӯ.

Ва ӯ дуо гуфт:

“Худоё, акнун маро бо Рӯҳулқудс таъмид бидеҳ. Дуои ман ба исми Исои Масеҳ”. Ин дар ҳамон лаҳзае рӯй дод, ки ӯ иродаи худро пеши Худо гузошт»[119].

---

[119] Reuben A. Torrey, Der Heilige Geist — Sein Wesen und Wirken (Frankfurt, 1966), p. 150.

## ҚАБЛ ВА БАЪД: ДИГАРГУНИҲОИ ҲАЙРАТАНГЕЗ

Ман аллакай кайҳо боз медонистам, ки ба ваъдаҳо умед баста, чӣ тавр дуо гуфтан мумкин аст, дар ҳолатҳои муайян аз ин васила истифода мебурдам ва таҷрибаҳои аз ақл беруни дуоҳои посухёфтаро аз сар мегузаронидам. Вале он чи ба Рӯҳулқудс марбут аст, ман фикр мекардам, ки дар ин бора ба ягон ваъда умед набаста, танҳо дуо гуфтан кофист. Фикр мекунам, бисёриҳо чунин андеша доранд. Ман таъйид намекунам, ки ин комилан нодуруст аст. Вале аз таҷрибаи шахсиам метавонам бигӯям, ки таассуф мехӯрам аз он ки аз ин ваъдаҳо истифода набурдам. Аллакай чанд сол мешавад, ки ман ҳар рӯз бар тибқи ваъдаҳо дар бораи Рӯҳулқудс дуо мегӯям ва баъди дуо боварӣ ҳосил менамоям, ки Ӯ қалби маро пур мекунад. Вале таҷрибае, ки бо ман рух дод, фарқияти калонро дар зиндагии ман нишон дод – нишон дод, ки пеш чӣ хел буд ва акнун чӣ хел шудааст.

Аз он замоне, ки ман бар тибқи ваъда дуо гуфтанро оғоз намудам, муносибатҳои ман бо Худо самимонатар шуданду Исои Масеҳ барои ман азизтару меҳрубонтар гардид. Ва ин на фақат эҳсосоти шахсӣ аст, ман онро бар далелҳои зерин асоснок мекунам:

- Вақте ки Китоби Муқаддасро мехонам, ман аксар вақт чизҳои наву илҳомбахшро ошкор менамоям.
- Ман метавонам дар мубориза бо васвасаҳо ғолиб бароям.
- Лаҳзаи дуогӯйи барои ман хеле пурарзиш ва хурсандиовар аст.
- Худо ба бисёр дуоҳои ман посух медиҳад.
- Вақте ки ман ба дигарон дар бораи Исо нақл мекунам, шодӣ ва «далериро» (Аъмол,4:31) эҳсос менамоям.
- Ман дар муносибат бо дӯстонам хушхулқтар гардидам.
- Файзи Худо маро хушбахттар гардонд. Ман дар дасти Ӯ худро дар амният эҳсос мекунам.
- Дар лаҳзаҳои душвор Худованд ба як таври аҷиб ба ман

мадад мерасонад ва маро қавӣ мегардонад.

- Ман дарк намудам, ки Худованд кадом атоҳои рӯҳониро ба ман бахшидааст.
- Ман аз хислати танқидкунӣ даст кашидам. Шунидани суханони танқидомез аз забони дигарон ба ман хуш намеояд.

Дигаргуниҳо оҳиста-оҳиста ба амал омаданд. Ман онҳоро бо гузашти чанд муддат аз он ки бар тибқи ваъдаҳо ба дуо гуфтан дар бораи Рӯҳулқудс шурӯъ кардам, мушоҳида намудам. Шурӯъ аз он замон масеҳияти ман комилан тағйир ёфт. Пеш ҳаёти ман бо Худо мушкилиҳо ва душвориҳои зиёд дошт, акнун ман шодию неруро эҳсос мекунам.

Ман аз саҳву хатоҳо дар зиндагии худ, ки ба сабаби норасоии Рӯҳулқудс рӯй додаанд, аз саҳву хатоҳо нисбат ба ҳамсарам, ба фарзандонам, аз саҳву хатоҳо дар хизмати воизии худ таассуф мехӯрам. Вақте ман инро дарк намудам, аз Худованд омурзиш хостам.

Мутаассифона, ин ҳақиқати маҳз аст. Нафареро аз он ҷое ки худат ба он нарасидаӣ, дуртар бурдан ғайриимакон аст. Моро инчунин зарур аст ба ёд оварем, ки камбудиҳои шахсии ҳар нафар дар алоҳидагӣ метавонанд дар оила ва калисо тақвият ва афзоиш ёбанд.

Мехоҳам боз чанд фикри дигарро илова кунам, то шуморо аз ҳама он хатоҳое, ки ман содир намудам, муҳофизат намоям.

Дар порчаи 2 Петрус, 1:3, 4 навишта шудааст, ки дар муносибатҳои наздик бо Масеҳ мо *«ба воситаи… ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо… шарикони табиати Илоҳӣ гардидаем»*.

Ин боз чунин маъно дорад, ки Рӯҳулқудс бар тибқи ваъда ба ман ато карда мешавад. Ваъдаро бо чеки бонкӣ қиёс кардан мумкин аст. Агар мо дар даст чеке бо имзои молики суратҳисоб дошта бошем, пас метавонем аз ин суратҳисоб пул бигирем. Мо чун фарзандони Худо (Юҳанно, 1:12) метавонем аз ваъдаҳое, ки Исо додааст, ҳар рӯз истифода барем. Мо ҳеҷ чизи арзишмандеро ба даст намеорем, агар чеки худро пеш-

ниҳод намоем, ҳатто агар онро мутахассиси касбӣ омода карда бошад. Танҳо он ҳуҷҷате ҳақиқист, ки молики суратҳисоб ба он имзо гузошта бошад.

Боз як сабаби дигаре низ ҳаст, ки метавонад моро барои бар тибқи ваъдаҳо дуо гуфтан илҳом бахшад. Каломи Худо неру дорад. Барои чӣ Исои Масеҳ дар дуои Худ дар салиб се маротиба суханони Забурро ба забон овард? Барои чӣ Ӯ дар биёбон Худро аз ҳамлаҳои шайтон ҳимоя намуда, аз Китоби Муқаддас иқтибос меовард? (Матто, 4:4, 7, 10). Ӯ мегӯяд, ки одамизод ***«ба ҳар каломе ки аз даҳони Худо мебарояд»,*** зиндагӣ мекунад.

Исои Масеҳ, Офаридгори олам, медонист, ки дар Каломи Худо неруи бузург ниҳон аст. «Дар ҳар як амр ва ваъдаи Каломи Худо неру, худи ҳаёти Худо ниҳон аст, ки ба шарофати он ҳар як аҳком метавонад ба ҷо оварда шавад ва ҳар як ваъда метавонад амалӣ гардад»[120]. Чӣ гуна фикри аҷиб! Неруи Худо ва ҳаёти Ӯ дар ҳар як ваъда ниҳонанд. Вақте ки мо бар тибқи ваъдаҳо дуо мегӯем, мо дар дуои худ Каломи Худоро истифода мебарем. Дар бораи Каломи Худо чунин навишта шудааст: *«Финчунон каломе, ки аз даҳони Ман мебарояд, хоҳад буд: вай сӯйи Ман бенатиҷа нахоҳад баргашт»* (Ишаъё, 55:11).

Акнун ман ҳамеша мехоҳам бар тибқи ваъдаҳо дар бораи Рӯҳулқудс дуо гӯям. Вақте ки ман бар тибқи ваъдаҳо дуо мегӯям, ман медонам, ки Рӯҳулқудсро дарҳол баъди дуо пайдо мекунам, зеро Худо инро дар Каломи Худ ба ман ваъда додааст. 1 Юҳанно, 5:15: *«Ва агар мо* ***донем,*** *ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад,* ***онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб мекунем, меёбем».*** Агар ман бе ваъда дуо гӯям, он гоҳ ба он умед мебандам, ки Худо ба дуои ман посух мегӯяд. Беҳтараш вақт ҷудо кунем, бар тибқи ваъдаҳо дуо гӯем ва рӯзи бобаракатро аз сар гузаронем, аз он ки ин корро накунем ва шом аз нокомиҳои худ таассуф бихӯрем.

Боре ман мактубе гирифтам, ки бо шодии зиёд навишта шуда буд: «Ман ҳаргиз фикр намекардам, ки чунин фарқи-

[120] Э. Уайт. Сабақҳои аёнии Масеҳ, с. 38 (аслӣ).

ят вуҷуд дорад: бо суханони худ дар бораи роҳнамоии Худо дар корҳои ҳаррӯза дуо гуфтан ё бар тибқи ваъдаҳои Китоби Муқаддас дуо гуфтан. Ваъдаҳои Худо ҳамеша барои ман аҳаммияти калон доштанд. Ман ҳамеша ба онҳо эътимод доштам, вале ба умед бастан дар зиндагии ҳаррӯза ба онҳо одат накарда будам. Зиндагии ман бо Исои Масеҳ боз ҳам амиқтар, фараҳбахштар, боз ҳам оромтар ва босуботтар гардид. Ман Худоро барои ин шукр мегӯям»[121]

Бинобар ин ман тасмим гирифтам намунаи дуоро бо ваъдаҳо дар бораи Рӯҳулқудс ба шумо баён кунам. Албатта, ин дуо метавонад кӯтоҳтар бошад. Хеле муҳим аст бо суханони Китоби Муқаддас дуо гуфтанро ёд гирифтан. Вале он чиз боз ҳам муҳимтар аст, ки чунин дуо имони моро он қадар қавӣ мегардонад, ки баъди он мо дигар ба дарёфт кардани Рӯҳулқудс шубҳа намекунем. Мо Рӯҳулқудсро пайдо мекунем, агар ба он чизе, ки онро талаб мекунем, имон дошта бошем.

[121] Email to H. Haubeil C. S.

## НАМУНАИ ДУО БАР ТИБҚИ ВАЪДАҲО БАРОИ ТАҶДИДИ ҲАРРӮЗА ДАР РӮҲУЛҚУДС

*Падари Осмонӣ, ман ба исми Исои Масеҳ, Наҷотдиҳандаи мо ба Ту муроҷиат мекунам. Ту гуфтаӣ: «Дили худро ба ман деҳ» (Масалҳо, 23:26). Ман мехоҳам ин корро ҳозир анҷом диҳам. Ман тамоми он чизе, ки дорам ва худамро ба Ту мебахшам*[122]*. Шукр мегӯям, ки Ту аллакай ба ин дуо бар тибқи иродаи Худ посух додӣ, зеро Каломи Ту мегӯяд, ки агар мо бар тибқи иродаи Ту дуо гӯем, мо метавонем мутмаин бошем, ки аллакай он чи талаб кардаем, меёбем (1 Юҳанно, 5:15). Ту инчунин гуфтаӣ, нафареро, ки назди Ту меояд, ҳаргиз бадар нахоҳӣ ронд (Юҳанно, 6:37).*

*Исои Масеҳ мегӯяд: «Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани инъомҳои некро метавониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое, ки аз Ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро хоҳад дод» (Луқо, 11:13).*

*Ман медонам, ки Ту мехоҳӣ Рӯҳулқудсро ба касоне, ки ба Ту имон доранд (Юҳанно, 7:38, 39), касоне, ки ба Ту итоат мекунанд (Аъмол, 5:32), касоне, ки мехоҳанд ба воситаи Рӯҳулқудс таҷдид ёбанд (Эфсӯсиён, 5:18) ва касоне, ки бар тибқи Рӯҳ рафтор мекунанд (Ғалотиён, 5:16), ато намоӣ. Ин хоҳиши ман аст. Илтиҷо мекунам, инро дар қалби ман ба амал овар. Аз ин рӯ аз самими дил Туро илтиҷо мекунам, Падар, имрӯз Рӯҳулқудсро ба ман ато намо. Азбаски ин хоҳиш писанди иродаи Туст, ман шукргузорам, ки Ту Рӯҳулқудсро аллакай ба ман ато менамоӣ (1 Юҳанно, 5:15). Туро шукр мегӯям, ки дар баробари ин муҳаббати Илоҳии Худро он тавре ба қалбҳои мо ато менамоӣ, ки Каломи Ту мегӯяд: «Чунки муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи*

[122] «Танҳо нафароне фарзандони Худо эътироф карда мешаванд, ки ҳамкорони Масеҳ мегарданд, нафароне, ки мегӯянд: Худовандо, ҳамаи он чизе, ки ман дорам ва тамоми ҳастии ман – ҳамааш аз они Туст!» Э. Уайт. Орзуи асрҳо, с.523 (аслӣ).

*Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст» (Румиён, 5:5; Эфсӯсиён, 3:17). Ман мехоҳам бо суханони Довуд бигӯям: «Туро, Эй Худованд, эй қуввати ман, дӯст медорам!» (Забур, 17:2). Туро шукр мегӯям, ки акнун ман метавонам наздикони худро бо муҳаббати Ту дӯст дорам.*

*Туро шукр мегӯям, ки ба шарофати Рӯҳулқудс гуноҳ дар ҳаёти ман қудрат надорад (Румиён, 8:13; Ғалотиён, 5:16). Хоҳиш мекунам имрӯз маро аз гуноҳ ва аз таъсири ин ҷаҳон нигоҳ дор ва маро аз фариштаҳои шайтон ҳифз намо, барои дар муқобили васвасаҳо истодагӣ кардан ба ман мадад расон. Маро дар дасти Худ мустаҳкам нигоҳ дор, маро аз табиати гунаҳгоронаи худам наҷот деҳ (1 Юҳанно, 5:18). Ба ман мадад расон, то бо калому бо аъмол аз Ту шаҳодат диҳам (Аъмол, 1:8). Туро ҳамд ва шукр мегӯям, ки дуои маро мустаҷоб мегардонӣ. Омин.*

Имои Масеҳ мехоҳад ба воситаи Рӯҳулқудс дар қалби мо сокин шавад (1 Юҳанно, 3:24; Юҳанно, 14:23). Э. Уайт мегӯяд: «Таъсири Рӯҳулқудс – ин ҳаёти Масеҳ дар қалб аст»[123]. Неруе, ки зиндагии Петрус, Павлус ва бисёр дигаронро дигаргун кард, имрӯз ба мо низ дастрас аст. Ӯ инчунин ба мо ато мефармояд *«бар тибқи сарвати ҷалоли Худ,… бо Рӯҳи Ӯ дар одами ботин қавӣ ва мустаҳкам шавем»* (Эфсӯсиён, 3:16).

Аз Рӯҳулқудс пур шудан – ин калиди зиндагӣ бар тибқи имон аст, зиндагии дар шодӣ, дар неру, дар муҳаббат ва дар ғалаба бар гуноҳ. *«Ҳар ҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист»* (2 Қӯринтиён, 3:17).

Боре ман чунин мактуб гирифтам: «Бисёр аъзои калисои ман ҳар рӯз бо дуои пешниҳодшудаи дунафара ба дуо гуфтан шурӯъ карданд. Ман бо дӯстдоштаам панҷ моҳи охир бо ин дуои пешниҳодшуда дуо мегӯем. Дигаргуниҳо на танҳо дар муносибат бо Худо, балки дар оилаҳо, дар тарбияи фарзандон ва дар калисо мушоҳида мешаванд. Дар баробари ин, ин ҳама на якбораю банохост рӯй медиҳад, ки баъзан метавонад са-

[123] Тавзеҳоти Китоби Муқаддас АРҲ, Заокск, 2015, ч. 6, с. 858 (аслӣ).

баби низоъҳо гардад, балки оҳиста-оҳиста ва табиӣ. Мо моту мабҳут ва мутмаин гардидаем, ки ин худи ҳамон раванди поксозии Худост, ки зиндагии моро одӣ мегардонад, зеро мо ба Худо наздику наздиктар мешавем»[124].

## ОЁ ИНСОН МЕТАВОНАД РӮҲОНӢ БИМОНАД?

«Бале! Агар ба беимонӣ иҷозати дар зиндагии худ амал карданро надиҳад ва агар имони ӯ чунин нафас бигирад: *“ҳангоми нафасбарорӣ”* гуноҳҳои худро эътироф намояд ва *“ҳангоми нафасгирӣ”* муҳаббат ва омурзиши Худоро ба қалби худ роҳ диҳад ва инчунин дуоро дар зиндагии худ аз Рӯҳулқудс пур кунад»[125].

Ин ба муносибат бо кӯдакон монанд аст. Вақте кӯдак кирдореро содир мекунад, ӯ ба ҳар ҳол фарзанди мо боқӣ мемонад. Вале муносибатҳои мо дар дараҷаи муайян вайрон мешаванд. Баъзан кӯдак аз нигоҳ кардан ба чашми мо ҳарос мекунад. Эътирофу омурзиш метавонанд муносибатҳои вайроншударо барқарор намоянд.

Бо мурури вақти муайян шахс метавонад боз ҷисмонӣ гардад. Китоби Муқаддас намегӯяд: «Боре наҷот ёфтан, ҷовидона наҷот ёфтан аст». Табиати гуноҳолуди мо то охири умр бо мо мемонад. «Ҳеҷ нафаре аз пайғамбарону ҳавволриён худро бегуноҳ намеҳисобид»[126].

Вале вақте ки Рӯҳулқудс дар ҳаёти мо ҳузур ва Исои Масеҳ дар қалби мо маскан доранд, гуноҳ бар мо қудрат надорад, зеро мо метавонем аз зиндагии саодатмандонаю неруманд ҳаловат барем. Порсоии мо танҳо бар Исои Масеҳ асос ёфтааст, *«ки Ӯ барои мо ҳикмате аз ҷониби Худо, порсоӣ, қудсият ва кафорат шудааст»* (1 Қӯринтиён, 1:30). Ин мавзӯи муҳим баъдан муфассалтар баррасӣ карда мешавад.

Агар мо бори дигар ба сабаби беэътиноӣ ба ғизои рӯҳонӣ ё

---

124 Email to Helmut Haubeil: E.S.

125 H elmut Haubeil & Gerhard Padderatz, Gott, Geld & Glaube (Eckental, 2009), p. 97.

126 Э. Уайт. Аъмоли ҳавворилён, с. 561 (аслӣ).

ба сабаби бемайлии рӯҳан нафас гирифтан ҷисмонӣ гардем, метавонем мутмаин бошем, ки Фидиягузори дилсӯз моро интизор аст.

Хеле муҳим аст огоҳ будан, ки роҳе вуҷуд дорад, ки мо бар ҳасби файзи Худо метавонем таҷдид ёбем ва бо ҳаёти ҷовидонӣ умр ба сар барем. Ҳеҷ нафаре набояд ҷисмонӣ бимонад.

Вале сари суханони Рэнди Максвелл андеша кардан меарзад: «Наход мо фикр мекунем, ки калисои Худоро бе кӯшишҳои шахсӣ метавон зинда кард»[127].

Ҳаёти пурфайзу фаровон дар ин ҷо ва дар абадият, наҷот додани одамони зиёд ва қурбонии бузурги Масеҳ ҳама гуна кӯшишҳоро талаб мекунанд. Барои ибодат бо Худованд субҳгоҳон бо Ӯ вохӯрдан хеле муҳим аст. Маҳз бо ҳамин роҳ Ӯ метавонад ба мо неру ато намояд.

Ана дар бораи Юҳаннои ҳаввориӣ чӣ навишта шудааст:

> *«Қалби ӯ рӯз ба рӯз ба Масеҳ ҳар чӣ наздиктар ҷалб мегардид, то даме ки ӯ дар муҳаббат ба Худованди худ “ман”-и хешро аз назар гум кард. Хислати зудранҷ ва иззатталаби ӯ ба неруи таҷдидсозандаи Масеҳ мутеъ гардид. Неруи муҳаббати Масеҳ дигаргуниҳоро дар хислати ӯ ба вуҷуд овард. Ин натиҷаи бешаки иттиҳод бо Масеҳ аст. Вақте Масеҳ дар қалб маскан дорад, он гоҳ тамоми сиришт дигаргун мешавад»[128].*

> *«Чашмони маро кушо, то ки аз Тавроти Ту корҳои аҷоибро бубинам»* (Забур, 118:18). Туро шукр мегӯям, ки маро ҳидоят менамоӣ ва ман метавонам бо боварӣ бигӯям: *«Аз суханони Ту шодмонам, мисли касе, ки ғанимати бисёре ба даст оварда бошад»* (Забур, 118:162).

---

[127] Randy Maxwell, If My People Pray (Pacific Press,1995), p. 158.

[128] Э. Уайт. Роҳи ҳаёт, с. 55 (тоҷикӣ).

ФАСЛИ 6

# МОРО ДАР ПЕШ КАДОМ ТАҶРИБАҲО ИНТИЗОРАНД?

*Таҷрибаҳои шахсӣ, таҷрибаҳои калисоҳо, конференсияҳо ва унионҳо*

## ТАҶРИБАИ БАРОДАР С. Х.

«Дар давоми ду соли охир ман ҳар рӯз дар бораи нузули Рӯҳулқудс ба зиндагии худам дуо мегӯям. Ман хоҳиш мекунам, то Исои Масеҳ ба воситаи Рӯҳ дар қалби ман ба куллӣ сокин бошад. Ва масири ман бо Худо дар тӯли ин вақт ҳайратангез буд. Аз он замоне ки ман аз Исо дар қалби ман зиндагӣ кардан, нисбати ман ба ҷо овардани иродаи Худ ва ҳар рӯз ба воситаи Рӯҳулқудс таҷдид намудани худамро хоҳиш кардам, самарҳои Рӯҳ дар зиндагии ман ҳар чӣ равшантар зоҳир мегардиданд (Ғалотиён, 5). Ман аз мутолиаи Китоби Муқаддас ва шаҳодатҳо дар бораи Масеҳ шодию фараҳи бештар дарёфт мекунам. Дар қалби ман хоҳиши пурзӯри барои дигарон дуо гуфтан пайдо шуд. Ман бовар дорам, ки ин натиҷаи он аст, ки ман ҳар рӯз муоширатро бо Худо ҷӯё ҳастам ва ҳар рӯз дар бораи Рӯҳулқудс илтиҷо менамоям». – С. Х.

Ӯ илова мекунад: ***«Ман исроркорона ба шумо тавсия медиҳам ҳар рӯз дар бораи аз Рӯҳулқудс пур шудан дуо гӯед, ҳеҷ набошад шаш ҳафта ва шумо мебинед, ки чӣ рӯй медиҳад».***

## 40 РӮЗИ ДУОГӮЙӢ ДАР СЕРБИЯ

«Моҳи сентябри соли 2010 мо китоби *“40 рӯзи ҷамъомад ва дуогӯйӣ дар бораи омодагӣ ба Дуюмбора омадани Масеҳ”*-ро

тарҷума кардем. Мо ин китобро ба ҳар аъзои калисои униони худ тақдим намудем. Баъд мо дар давоми 40 рӯз вохӯриҳои дуогӯйии ҳарҳафтаина ва ҳаррӯзаро дар калисоҳои маҳаллӣ ва дар хонаҳо ташкил намудем, ки одамон он ҷо рӯза медоштанд ва дар бораи нузули Рӯҳулқудс дуо мегуфтанд.

Вақте ки ин ба охир расид, дар калисоҳои маҳаллӣ муҳит комилан нав буд. Аъзои бефаъолияти калисо фаъол гардиданд ва ба хизмат ба дигарон шавқи бештар пайдо намуданд. Касоне, ки солҳои зиёд дар масъалаҳои гуногун бо якдигар баҳс мекарданд (ва ҳатто бо якдигар гап заданро бас карданд) оштӣ шуданд ва якҷоя ба тартиб додани нақшаҳои мубаллиғӣ шурӯъ намуданд.

Баъд моҳи октябри соли 2010 дар Ҷамъомади солона иқдоми «Таҷдид ваислоҳот» пешниҳод карда шуд. Мо онро бо шодӣ пазируфтем, зеро дар он идомаи ҳамон ҳаракатеро дидем, ки Худованд аллакай дар униони мо оғоз карда буд.

Натиҷаҳои равшани ин вохӯриҳо муносибатҳои наздик бо якдигар, ягонагӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни роҳбарони уноион гардиданд»[129].

## 40 РӮЗИ ДУОГӮЙӢ ДАР СЮРИХ (ШВЕЙТСАРИЯ)

«Воизи мо ва ман новобаста аз якдигар китоби Деннис Смитро пайдо кардем, ки мавзӯи он моро ба ҳаяҷон овард. Китоб *“40 рӯзи ҷамъомад ва дуогӯйӣ дар бораи омодагӣ ба Дуюмбора омадани Масеҳ”* ном дорад. Ин китобро мутолиа намудану баъд ҳамин хел канор гузоштан номумкин аст. Мавзӯи он ҳаёти маро дигар кард.

Калисои мо “Сюрих-Волфсвинкел” (қариб сад аъзо дорад) ниёзи бузургро ба таҷдидёбӣ ва дуо эҳсос мекард, бинобар ин мо дар тирамоҳи соли 2011 барномаи “40 рӯз”-ро ба нақша гирифтем. Дар китоби мазкур на танҳо тавсияҳои муфассал дар бобати гузаронидани ин барнома дода шудаанд, он аз 40 хо-

[129] M. Trajkovska, Southern European Union, Belgrade, quoted in www.revivalandreformation.org.

нишҳои ҳаррӯза барои вохӯриҳо иборат аст.

Дар хонишҳо ба мавзӯъҳои зайл дахл карда мешавад: Рӯҳулқудс, дуо, мавъизаҳо, ҳаёти Исои Масеҳ ва ягонагии рӯҳонии калисо.

Инак, 1 октябри соли 2011 мо бо интизориҳо ва умедҳои бузург ба хондани "40 рӯз" шурӯъ кардем. Хушбахтона, қисми зиёди аъзои калисо дар барнома иштирок карданд. Ҳар рӯз нафарони бо ҳам дуогӯянда вомехӯрданд, ба якдигар паёмак мефиристоданд ё занг мезаданд. Яке аз гурӯҳҳо барои ҳамду санои Худо ва дуогӯйӣ ҳар субҳ соати 6 вомехӯрд.

"40 рӯз"-и дуогӯйӣ барои мо таҷрибаи фаромӯшнашаванда гардид. Худо ба дуоҳои зиёд ҷавоб дод, махсусан ба он дуоҳое, ки ба маърӯзаҳо дар бораи нубувватҳои Китоби Муқаддас, ки дар ин вақт рӯй медоданд, марбут буданд. Онҳо хеле бобарор буданд. Ба ин барнома меҳмонони зиёд ташриф оварданд ва 20 нафар ба семинари баъдина дар бораи нубувватҳо худро номнавис карданд. Ин барнома моҳи марти соли 2013 барпо гашт. Наздики 50-60 меҳмон ба он ташриф оварданд. Чунин ҳолат дар Сюрих дар 20 соли охир рӯй надода буд.

Рӯҳи Худо дар калисои мо дигаргуниҳои аз ақл берунро ба иҷро расонд. Фараҳовар аст дидани он ки чӣ гуна гурӯҳҳои хурд меафзоянд, аъзои калисо хоҳиши баланди хизмат карданро доранд, дарсҳои омӯзиши Китоби Муқаддасро мегузаронанд, одамони шавқмандро пайдо мекунанд. Ҳамаи онҳое, ки дар барномаи "40 рӯз" иштирок карданд, алҳол иштиёқи амиқи зери роҳбарии Рӯҳулқудс идома додани ин роҳро доранд. Мо Худоро аз самими қалб шукр мегӯем ва Ӯро ҳамду сано мехонем». – Беатрис Эггер.

## 40 РӮЗИ ДУОГӮЙӢ ВА МАВЪИЗАИ ИНҶИЛ ДАР КЕЛН (ОЛМОН)

Жуан Лотсе – кашиши бразилиягӣ дар Олмон. Ӯ 38 сол дар калисоҳо ва беморхонаҳои гуногуни Бразилия ва инчунин дар дивизиони Амрикои ҷанубӣ кор кардааст. Моҳи марти соли 2012 ба нафақа баромад. Ӯ бо ҳамсараш розӣ шуданд ба сифати мубаллиғи Инҷил аз рӯйи барномаи «Дастони Ӯ» ба Келн биёянд, то дар калисоҳои португалӣ ва испанизабон заҳмат бикашанд.

«Дар Келн мо корро бо гурӯҳои хурд шурӯъ кардем: аъзои калисоро дастгирӣ мекардем ва меҳмононро даъват менамудем. Мо таҷрибаи Барзилияро ба асос гирифта, дар Келн барномаи “40 рӯзи дуогӯйи”-ро гузаронидем. Мавод ба забони португалӣ дастрас буд.

Калисоҳое, ки имондорони ба забонҳои португалӣ, испанӣ ва олмонӣ ҳарфзананда аъзои онҳо буданд, бо шодӣ ба барнома ҳамроҳ шуданд. Мо ҳар рӯз барои сад дӯст ва шиносҳои худ дуо мегуфтем. Номи ин одамон дар тахтаи калисо навишта шуда буд. Вақте ки мо машғулиятҳои рӯзи 30-35-уми барномаро мегузаштем, мо ба ин одамон гуфтем, ки барояшон дуо мегӯем ва онҳоро ба ибодати махсуси рӯзи шанбе барои меҳмонон даъват намудем. Ба ин ибодати махсус 120 нафар омад. Кристиан Бадоррек, роҳбари Шуъбаи мубаллиғии шахсӣ дар ҳудуди Рейн-Вестфали шимолӣ мавъиза гуфт. Баъзе меҳмонон аз шодӣ гиря карданд, вақте номи худро дар тахта диданд.

Баъди ин Антонио Гонкалвез, мубаллиғи Инҷил аз Бразилия барномаи дуҳафтаинаи мавъизаи Инҷилро оғоз кард. Ӯ ҳар бегоҳ наздики якуним соат (бо тарҷума) мавъиза мегуфт. Барнома “Ба Китоби Муқаддас иҷозат диҳед шуморо дар ҳайрат гузорад!” ном дошт. Антонио дар бораи Дуюмбора омадани Масеҳ, дар бораи нубувватҳои китобҳои Дониёл ва Ваҳй мавъиза гуфт. Ҳамаи лексияҳо ва сурудҳо аз забони португалӣ ба олмонӣ тарҷума мешуданд. Меҳмонон ҳар шом аз сурудхонии хор ва мусиқии форам ҳаловат мебурданд. Ва дар охири ҳар лексия даъват ба амал оварда мешуд. Мо Худоро шукр

мегӯем, ки бисёриҳо ба даъвати Ӯ ҷавоб доданд. Аъзои калисо боисрор дуо мегуфтанд, махсусан барои одамон аз рӯйхатҳои худ.

Толори калисои мо 80 ҷойи нишаст дорад. Ба барнома беш аз сад нафар омад. Дар рӯзҳои истироҳат калисо аз ҳад зиёд пур буд, дар давоми ҳафта бошад наздики 60 нафар ташриф меоварданд. 32 нафари онҳо меҳмонони доимӣ буданд. Натиҷа: 8 нафар таъмид гирифт ва 14 нафар меҳмон ба синфи омодагӣ ба таъмид ҳамроҳ шуданд. То охири сол боз 13 нафари дигар бо Худо аҳд бастанд.

Мо таҷрибаҳои зиёди ҳайратангезро аз сар гузаронидем. Пайдо намудани тарҷумон хеле мушкил буд. Зане, ки католик-омӯзгор буд розӣ шуд ба мо кумак расонад. Вале ӯ таҷрибаи кофии бо Китоби Муқаддас кор карданро надошт. Мо барои ёфтани тарҷумоне, ки протестант бошад, дуо гуфтем. Дере нагузашта мо бо зане шинос шудем, вай нақл кард, ки чӣ тавр бо шодии зиёд дар калисои пятидесятникҳо аз забони олмонӣ ба португалӣ тарҷума карда буд. Вай дар барномаи мавъизаи Инҷил тарҷумон шуд ва баъди анҷоми он таъмид гирифт.

Марям, чунин ном дошт тарҷумон, пурсид, ки оё вай метавонад дугонаи худ Элизабетро, ки роҳбарии гурӯҳи худро (13 нафар) дар калисои колумбӣ дар Келн ба уҳда дошт, даъват намояд. Элизабет бо ҳамроҳии аъзои калисои худ ба барнома омад. Ду нафар аз онҳо низ таъмид гирифтанд. Дар айни ҳол Элизабет ва оилаи вай курси омӯзиши дасрҳои Китоби Муқаддасро мегузаранд.

Боз як таҷрибаи дигари марбут ба шабакаи телевизонии „Hope Channel“. Олмонизане тасодуфан барномаҳои шабакаи „Hope Channel“-ро пайдо кард ва аз шунидаҳояш, махсусан аз ҳақиқат дар бораи рӯзи шанбе хеле илҳом гирифта буд. Вай шавҳари худро барои шунидани ин барнома даъват кард. Ин паём ба ӯ низ писанд омад. Боре вақте ки онҳо ба аёдати модари зан рафтанд, Худо онҳоро ба интихоб намудани хатсайри дигар водор кард. Дар асони роҳ онҳо овезаи Калисои адвентистони рӯзи ҳафтумро диданд. Онҳо фаҳмиданд, ки ин имондорон аз шабакаи телевизионии „Hope Channel“ мебо-

шанд. Рӯзи шанбе зан ба ибодат омад. Баъд шавҳараш ва модараш бо вай ҳамроҳ шуданд. Баъди чанде ҳамаи онҳо таъмид гирифтанд.

Тарҷибаи дигар ба хоҳаре марбут аст, ки аз Руссия ба Олмон кучидааст. Вай дар барномаи “40 рӯз” иштирок мекард ва барои ҳамсояҳои русзабони худ дуо мегуфт. Вақте вай қарор дод ба яке аз ҳамсояҳои худ бигӯяд, ки барои ӯ дуо мегӯяд, он зан сахт дар ҳайрат монд ва гуфт, ки калисоеро ҷустуҷӯ мекунад, ки шанбеи Китоби Муқаддасро риоя менамояд. Он зан ва боз чанд ҳамсояи дигар ба барномаи мавъизаи Инҷил омаданд. Ду нафари онҳо таъмид гирифтанд.

Боз як таҷрибаи дигарро зане бо номи Жанна нақл кард. Вай ба Келн аз Бразилия омад, ки он ҷо ба калисои баптистӣ ташриф меовард. Ва акнун вай калисои потругализабонро ҷустуҷӯ мекард. Вай ба калисои адвентистон омад, курси омӯзиши дарсҳоро гузашт ва таъмид гирифт. Баъди имон овардан вай ба хешовандони худ дар Баразилия занг зад. Тағои вай низ адвентист буд, аз ин рӯ бо шодӣ ба Жанна гуфт, ки акнун вай низ адвентист аст. Модар, бародар ва хоҳари вай ва инчунин калисои баптистие, ки Жанна аъзои он буд, сахт дар ҳайрат монда буданд. Баъдтар оилаи вай қарор дод ба калисои адвентистӣ ташриф оварад, то дар бораи рӯзи шанбе маълумоти бештар пайдо кунад. Ин боиси он шуд, ки панҷ аъзои оила (модар, ду хоҳар ва хешовандони дигар) дар Бразилия таъмид гирифтанд. Акнун вай барои имон овардани боз як хоҳари худ, ки дар Аргентина зиндагӣ мекунад, дуо мегӯяд. Вай орзу мекунад, ки ҳамаи онҳо дар Малакути Худо бо ҳам бошанд.

Мо боз таҷрибаҳои зиёди дигарро ба шарофати ҳидояти Худо аз сар гузаронидем. Ҳангоми таъмиди якум ҳашт нафар бо Худо аҳд бастанд, ки миллатҳои гуногун буданд: аз Италия, Олмон, Перу, Бразилия, Украина, Венесуэла, Колумбия ва Руссия.

Тирамоҳ мо бори дигар вохӯриҳои мавъизаи Инҷилро якҷоя бо барномаи “40 рӯзи дуогӯйӣ” ташкил намудем. Вохӯриҳоро Ҷими Кардозо бо ҳамсараш, ки зодаи Бразилия буданд ва он замон дар ИМА зиндагӣ мекарданд, гузарониданд. Ҳарчанд

барнома ҳамагӣ як ҳафта давом кард, дар анҷоми он мо тавонистем аз таъмид гирифтани чор нафар шодӣ кунем. Онҳо то оғози барнома ба омӯхтани дарсҳои Китоби Муқаддас шурӯъ карданд. Се нафари онҳо олмонӣ ва як як нафарашон итолёвӣ буд.

Ҳар ду таъмид дар калисои марказии Келн, ки чорсад аъзо дорад, гузашт. Ин калисо барои таъмид гирифтан шароити хуб дорад.

Мо аз Худо сипосгузорем, ки Ӯ моро ин қадар сахт дар ҳайрат гузошт. Ман мутмаинам, ки Ӯ дар оянда барои мо таҷрибаҳои бештари аз ақл берунро омода кардааст. Лутфан, барои мо дуо гӯед». – Жуан Лотсе, Келн, Олмон.

***Шафоатгарии ҷонбахш:*** «Бори аввал ман китоби "40 рӯз"-ро сарсарӣ хондам. Ва аз саҳифаҳои аввал он ба ман таъсири сахт расонд. Мо бояд на танҳо барои нафаре дуо гӯем, балки нисбати ин одамон бо камоли муҳаббат ғамхорӣ зоҳир намоем. Ба ин тариқ шафоатгарии мо таъсирбахшу зинда мегардад. Афсӯс, ки ман пеш ҳаргиз шафоатгариро ин тавр қабул намекардам. Ин авҷу дурахши имон аст! Ман мутмаинам, ки ин ҳам барои нафари дуогӯянда ва ҳам барои касе, ки барои ӯ дуо мегӯянд, муҳим аст. Инчунин ман боварӣ ҳосил намудам, ки дуоҳои якҷояи шафоатгарона метавонанд муносибатҳои аъзои калисоро сахт қавӣ гардонанд. Ва ман умедворам, ки ягонагии дар фаслҳои ниҳоии ин китоб зикрёфта, дар калисои ман воқеият мегардад. Рости гап, ин то умқи қалб ба ман таъсир расонд, зеро ман муддати дароз чунин таҷрибаро орзу мекардам. Китоби "Масеҳ дар қалби ман" ба кас илҳом мебахшад ва дар озод шудан аз такаббуру ғурур ёрӣ мерасонад. Ман дар бораи ҳаёт дар Масеҳ чанд китоб мутолиа намудам, вале ин китоб барои ман аз ҳама бештар муфид буд. Ман бовар дорам, ки ба шарофати ин китоб дуо дар ҳаёти шумо ҷойгоҳи устувор пайдо мекунад, калисо илҳоми нав мегирад ва дуоҳои шафоатгарона неруи нав ҳосил менамояд. Ин китоб ба ман дар пайдо намудани умед шахсан барои худам, барои калисо ва барои тамоми ҷаҳон мадад расонд. Ман Худоро барои ин шукр мегӯям. Акнун ман нақша дорам китоби "40 рӯз"-ро

биомӯзам, дуо гӯям ва гӯш фаро хонам, ки Худо ба ман чӣ гуфтан мехоҳад».

Баъд аз чанд ҳафта ман аз хоҳарам боз як мактуб гирифтам: «Чӣ тавре ки шумо дар хотир доред, ман бори аввал ин китобро сарсарӣ мутолиа намудам. Вале вақте ки ман бо шарики дуогӯийиям ба омӯзиши ин мавод шурӯъ намудам, дарк кардам, ки ин мавод аз он ки аз нигоҳи аввал ба назари ман расид, хеле арзишмандтаранд. Ман ба суолҳое посух пайдо кардам, ки онҳоро ҳеҷ сарфаҳм намерафтам. Худоро барои шарики дуогӯийиям, ки ба ман ёрии калон мерасонад, шукр мегӯям». – Н. К.

***Ба шубҳа афтодам:*** «Китоби “Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ” ба таври аз ақл берун ба ман таъсир расонд… Ман дар оилаи адвентистҳо таваллуд ёфтам ва мутмаин будам, ки дар роҳи дуруст равонам. Маро боби ба масал дар бораи даҳ бокира ва ба ояти Румиён, 8:9: “Аммо агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, вай аз они Ӯ нест” бахшидашуда моту мабҳут кард. Баногоҳ ман шубҳа кардам, ки оё Рӯҳулқудс дар қалби ман сокин аст ва оё Ӯ дар қалби ман амал мекунад, зеро дар зиндагии ман “самараи” муносиб дида намешуд. Шоми шанбе ман мутолиаи ин китобро ба итмом расонидам ва вуҷудамро андуҳи ниҳоят амиқ фаро гирифт. Баъд ман дуои дар охири китоб овардашударо хондам ва дар қалби ман хоҳиши пурзӯри Рӯҳулқудсро пайдо кардан, то қалбам дигаргун шавад ва Худо Падар тавонад маро тибқи иродаи Худ тағйир диҳад, шуъла зад». – А. Р.

***Ӯро шинохтан:*** «Чанде пеш ман мақолаи шуморо дар бораи таҷдидёбӣ мутолиа намудам. Ман аллакай чанд сол аст, ки ин мавзӯъро бодиққат меомӯзам. Акнун ман ба хондани китоби “Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ” шурӯъ намудам. Ҳама он чизе ки ман метавонам бигӯям, ин «ОМИН!» аст. Ман шод ҳастам, ки дар ин саҳифаҳо фикрҳои зиёди “худамро” вохӯрдам. Ман мушаввашу нигарон мешавам, ки калисои мо ба ҳадаф намерасад, ҳарчанд муваффақият наздик аст. Ман аз он ки мо арзишҳои асосиро аз даст додаем, изтиробро эҳсос мекунам. Мо аксар вақт мегӯем: “Ҳақиқат чист?”, “Мо чӣ тавр

бояд зиндагӣ кунем?” ё “Донистани нубувватҳо то кадом андоза муҳим аст?”. Ва ман таъйид намекунам, ки ин бад аст. Вале мо фаромӯш мекунем, ки БАРОИ ЧӢ Худо ҳамаи инро ба мо додааст! Магар ҳадафи асосии ҳақиқат ягонагии комили мо бо Худо нест? Магар ҳамаи ин ҷанбаҳо набояд дар ҲАР ЧӢ БЕҲТАР шинохтани Худо ба мо мадад расонанд? Магар нубувватҳо ба мо барои он дода нашудаанд, то мо бузургӣ ва қудратмандии Худоро дарк намоем, дарк намоем, ки тамоми олам дар ихтиёри Ӯ қарор дорад ва ҳама чизро Ӯ идора мекунад, аз ин рӯ метавонад моро низ роҳнамоӣ намояд ва дигаргун созад? Ҳаёти ҷовидонӣ чист? Юҳанно, 17:3: *“Ва ҳаёти ҷовидонӣ ин аст, ки Туро, ки Худои ягонаи ҳақиқӣ ҳастӣ ва Исои Масеҳро, ки фиристодаӣ, бишносанд”*. Дар масал дар бораи бокираҳо домод ба нодонҳо мегӯяд: *“Ман шуморо намешиносам”*. Вазифаи имони мо – шинохтани Худо, бо Ӯ муошират доштан аст, то Ӯ тавонад қалби моро пур кунад, чунонки дар айёми қадим маъбадро пур мекард (2 Вақоеъномa, 5:13, 14). Агар Ӯ бар мо нузул кунад, сиришти моро пур намояд, он гоҳ на мо, балки Масеҳ дар қалби мо зист хоҳад кард». – Р. К. (сарҳарфҳо дигар карда шудаанд).

## ҶАВОБҲОИ ҲАЙРАТАНГЕЗ БА ДУОҲОИ ШАФОАТГАРОНА

«Барои ман китоби дуюми “40 рӯз”-и Д. Смит баракати бузург гардид. Баъзе одамоне, ки ман барои онҳо дуо мегуфтам, дар зиндагии худ дигаргуниҳои аз ақл берунро аз сар гузарониданд.

Дар давоми 40 рӯз ман бо яке аз дӯстонам суҳбати хеле ҷиддӣ доштам. Ӯ гуфт, ки дар чанд ҳафтаи охир зиндагияш самти комилан нав гирифт. Акнун ӯ ниёзи зиёдро ба дуогӯӣ, иштиёқ ва эътимоди зиёдро ба Каломи Худо эҳсос мекард. Ӯ он чизеро, ки пеш сахт ба он дил баста буд ва наметавонист аз он озод шавад, тавонист ба осонӣ раҳо кунад. Ман ҷуръат карда ба ӯ дар бораи китоби “40 рӯз” сухан гуфтам. Инчунин ман иқрор шудам, ки ӯ яке аз он панҷ нафар буд, ки ман барои онҳо дуо мегуфтам. Ва ӯ бо тааҷҷуби хушнудона ҷавоб дод:

"Пас сабаби ин ҳама дигаргуниҳо дар ҳаёти ман ту ҳастӣ?"

Духтараке қарор дод ҳаёти худро пурра ба Худо бахшад. Ҳарчанд ӯ аз айёми кӯдакӣ имондор буд, вале тамоми ин вақт бе Худо зиндагӣ мекард. Ӯ ба арзишҳои рӯҳонӣ шавқу завқ надошту ҷаҳон бо тамоми он чи ки пешниҳод мекунад, ҳаёташро фаро гирифта буд. Акнун ӯ комилан тағйир ёфт. Касоне, ки ӯро пеш мешинохтанд, дар тааҷҷуб монданд. Имрӯз мо бо ӯ дарсҳои Китоби Муқаддасро меомӯзем. Ӯ инчунин дар барномаи "40 рӯз" иштирок мекунад ва дигаронро барои бо Худо барпо намудани муносибатҳои ҷиддитар шавқманд менамояд.

Боз як духтари дигаре, ки ман барояш дуо мегуфтам, бояд барои таҳсили ҳафтрӯза мерафт ва дар як ҳуҷра бо дигар хонандагон зиндагӣ мекард. Вай дар бораи он бисёр фикр мекард, ки чӣ тавр метавонад бо одамони барояш ношинос муоширот кунад. Як рӯз пеш аз сафар ман ба вай гуфтам, ки аллакай чанд вақт аст, ки ман барои вай дуо мегӯям ва якҷоя дуо гуфтанро пешниҳод кардам. Мо илтиҷо кардем, ки Худо дар ин ҳолат ба вай осойиш ато намояд ва ин таҷрибаро дар ҷавоб ба дуо амалӣ гардонад. Ҳангоми таҳсил вай ба ман занг зад ва он кореро, ки Худо барои вай анҷом дод бо шавқу завқ ба ман гуфт. Худо ба ӯ на танҳо осойиши комилро ҳадия кард, балки инчунин ҷуръати дар дилхушиҳои бо рақс ва машрубот алоқаманд иштирок накарданро ато намуд.

Баъди анҷоми барнома ман барои ин одамон дуо гуфтанро идома медиҳам, зеро мебинам ва мешунавам, ки чӣ гуна Худо дар зиндагии онҳо дар ҷавоб ба дуо ба ҷо овардани корҳои бузургро идома медиҳад». – А. М.

## ХУДО БА ВОСИТАИ ДУОИ ШАФОАТГАРОНА ЧӢ ТАВР АМАЛ МЕКУНАД

«Панҷ соли охир ман бо як шахси бароям хеле муҳим робитаро гум кардам. Ӯ ба паёмакҳои ман ҷавоб намедод. Ман хабар ёфтам, ки ӯ аллакай се сол боз ба калисо намеравад ва ин маро хеле ғамгин кард, охир мо бо ӯ дар як калисо ба воя расида будем. Инчунин ба ман гуфтанд, ки ӯ бо як духтари беимон вомехӯрад. Ман ин ҷавонро ба рӯйхати касоне, ки барояшон

дуо мегуфтам, ворид кардам, ҳарчанд ҳатто умед надоштам, ки метавонам бо ӯ робита барқарор намоям, зеро ӯ дар фосилаи 600 км дур аз ман зиндагӣ мекард. Бо вуҷуди ин ман дуо мегуфтам, то Худо вохӯриеро ба мо ҳадия намояд.

Комилан нохост донистам, ки ба наздикӣ бояд таъмиди бародари ӯ баргузор гардад, ки онро дар рафти барномаи “40 рӯз” таъйин намуданд, ҳарчанд сараввал таъмид бояд дар дигар вақт мегузашт. Таъмид начандон дур аз макони зисти ман ба нақша гирифта шуда буд. Ман қарор додам биравам ва дар он ҷо бо ӯ, бо дӯстам вохӯрдам. Мо тавонистем бо ӯ самимона суҳбат кунем ва ӯ нақл кард, ки муддати муайяне ниёзи бузурги назди Худо баргаштанро эҳсос намуд, вале неруи кофии тағйир додани тарзи ҳаёти худро надошт. Ман ба вай гуфтам, ки бист рӯзи охир барояш боисрор дуо мегуфтам ва вай ҳамеша дар рӯйхати дуогӯйии ман буд. Вай моту мабҳут гашт, охир маҳз дар ҳамин вақт эҳсос кард, ки Худо бо як тариқи махсус дар қалбаш амал мекунад.

Ҳангоми маросими таъмидгирӣ ӯ сахт ғарқи андеша буд ва вақте ки воиз даъват ба амал овард, ман эҳсос кардам, ки чӣ тавр дар қалби ӯ мубориза меравад. Сараввал ӯ худро нигоҳ дошт, вале баъд ба зону зад ва ба гиря даромад. Ӯ бори дигар худро ба Худо бахшид. Дар анҷоми ин шом ӯ гуфт, ки қарор додааст ба калисо баргардад ва ҳаёти худро тағйир диҳад. Ӯ ҳатто фикр ҳам карда наметавонист, ки ин рӯзи истироҳат маҳз ҳамин тавр ба охир мерасад.

Баъд аз чанд ҳафта ман ӯро дар конфронси мубаллиғии ҷавонон вохӯрдам. Ин вохӯрӣ ӯро боз ҳам бештар қавӣ гардонд ва ба ӯ илҳом бахшид. Ман Худоро барои руҷӯи шахси ба қалбам азиз шукр мегӯям». – М. Н.

## КАЛИСО ДАР ЛЮДВИГСБУРГ (ОЛМОН)

«Дар аввал мо китоби “40 рӯз”-ро дукаса омӯхтем ва баракатҳои бузурги шахсӣ ва рушди рӯҳониро аз сар гузаронидем. Баъд мо дар калисо вохӯриҳои дуогӯйиро ду маротиба дар як ҳафта ташкил намудем, ки он ҷо ин китобро якҷоя бо дигар

имондорон мутолиа мекардем. Мо баракатҳо ва роҳнамоии Худоро ба таври равшану возеҳ дидем ва инчунин муъҷизаҳои зиёдро дар ин 40 рӯз аз сар гузаронидем. Худо моро ҳамчун калисо аз нав офариду таҷдид кард: имондороне, ки ҳамеша аз суҳбат кардан бо бегонагон тарс доштанд, ҳақиқатро бо ташаббуси худ ба одамоне, ки дар кӯча вомехӯрданд, баён мекарданд. Худо ба воситаи дуоҳои якҷоя моро бо ҳам наздик месозад. Хушбахтона, мо таҷрибаҳои зиёди ҷавоб ба дуоҳои шафоатгаронаро барои панҷ нафар аз рӯйхати одамоне, ки мо барояшон дуо мегуфтем, ҳосил намудем. Худо дар ҳаёти ин одамон ба як тариқи махсус амал мекунад. Дар ибодати рӯзи шанбе зуд-зуд одамоне пайдо мешаванд, ки бе даъват худ аз кӯча ба калисо меоянд. Бо яке аз чунин оилаҳо мо дарсҳои Китоби Муқаддасро мегузарем. Онҳо дар бораи рӯзи шанбе аз наворе дар интернет ва аз китоби “Муборизаи бузург” огоҳи пайдо карданд ва муддати дароз дар ҷустуҷӯи калисо буданд». – Катя ва Кристиан Шиндлер, калисои адвентистони рӯзи ҳафтум дар Людвигсбург (тафсири мухтасар).

## ТАҶРИБАИ БАРНОМАИ «ҚАДАМҲО ДАР МАСИРИ ТАҶДИДИ ШАСХӢ»

«Ҳамааш аз семинари “Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ” шурӯъ шуд. Он замон дар қалби ман хоҳиши ҳар рӯз бо Худо таҷриба доштан пайдо гардид. Ҳамон вақт ман дар бораи барномаи “40 рӯзи дуогӯйӣ” хабар ёфтам. Ман дар ҳол дарк намудам: “Ман бояд ин таҷрибаро аз сар гузаронам!”. Дар асл ман ҳатто тасаввур намекардам, ки чӣ иқдоме мекунам. Яке аз шартҳои барнома ёфтани шарике барои дуо гуфтан буд. Ин мушкил набуд. Мушкилӣ ҳар рӯз барои муоширát вақт пайдо намудан буд. Ман ҳамшираи шафқат шуда кор мекунам ва реҷаи кории ман хеле ноустувор аст. Ман ин лаҳзаҳои пурарзишро, вақте ки мо фикрҳоямонро доир ба мавзӯи пешниҳодшуда ба якдигар баён мекардем ва дар бораи Рӯҳулқудс дуо мегуфтем, ҳар рӯз бесаброна интизор мешудам. Мо медидем, ки чӣ тавр ин дуоҳо зиндагии моро дигар мекунанд. Номумкин буд худро нигоҳ доштан, то ин ки таассуроти худро

ба якдигар баён насозем. Ҳар рӯз ҳангоми вохӯриҳо мо рӯҳбаландиро эҳсос мекардем ва якдигарро бо таҷрибаҳо дастгирӣ менамудем. Ман дигаронро низ барои дар ин барнома иштирок кардан талқин мекардам. Ва натиҷа зуд ба даст омад. Боз чанд имондори дигар бо рӯҳбаландӣ ба дуо шарик шуданд. Ҷуфтҳои нави дуогӯяндагон ташкил ёфтанд. Ҳар ҳафта мо таҷрибаҳои худро бо шодӣ ба якдигар нақл мекардем. Ин рӯҳбаландӣ ба ҷавонон таъсир кард. Чил рӯзи дуогӯӣ номаълум гузашт. Мо намехостем ва наметавонистем бо ин қаноат кунем, бинобар ин ба вохӯриҳои худ идома медодем ва китоби Эллен Уайт “Мороното, Худованд меояд”-ро меомӯхтем. Худо моро аз баракатҳои Худ бенасиб нагардонд. Ҳанӯз ҳангоми чил рӯзи дуогӯӣ Ӯ посухҳои аҷиби зиёдро ба дуоҳоямон ба мо ато намуд. Баъзе одамон аз рӯйхати касоне, ки мо бароящон дуо мегуфтем, баъди муддати дарози ба калисо ташриф наовардан боз ба ибодат омаданд. Мо хеле хушбахтем. Атрофиён барои ман боз ҳам муҳимтару азизтар гардиданд. Дар қалби ман хоҳиши муҳаббати Худоро ба дигарон баён кардан пайваста зиёд мешавад. Зиндагии ман дигар шуд. Бисёриҳо аз миёни мо якдигарро беҳтар шинохтанд ва фаҳмидани якдигарро ёд гирифтанд. Мо дар зиндагии якдигар шарик шудану дар ниёзҳо ба якдигар мадад расониданро оғоз намудем. Муоширати мо ба сатҳи комилан нав гузашт. Китоби Деннис Смит “40 рӯзи ҷамъомадҳо ва дуогӯйиҳо” барои ман дастгирии ҷиддӣ гардид. Пайдо кардани шарик барои дуогӯӣ ва озмудани Худо хеле осонтар аст, аз он ки дар нигоҳи аввал ба назар мерасад. Ва одамони барои мо азиз аз ин амали мо сипосгузор хоҳанд буд». – Хилдегард Велкер, калисои адвентистони рӯзи ҳафтум дар шаҳри Крайлсхайм.

## ИСОИ МАСЕҲ – НАМУНАИ МО

Исои Масеҳ дар ҳама чиз намунаи бузургтарин аст. Дар Инҷили Луқо 3:21, 22 мо мехонем: *«Ҳангоме ки тамоми мардум таъмид меёфтанд ва Исо низ таъмид ёфта, дуо мегуфт, осмон кушода шуд ва Рӯҳулқудс дар шакли ҷисмонӣ, чун кабӯтаре,*

*бар Ӯ нозил шуд».*

Ана Э. Уайт дар бораи ин ҳодиса чӣ менависад: «Дар ҷавоб ба дуое, ки Ӯ ба Падар гуфт, осмон кушода шуд ва Рӯҳулқудс дар шакли кабӯтар нозил ва дар Ӯ сокин шуд»[130].

Он чизе ки ҳангоми хизматгузории заминии Ӯ рух медод, ҳайратовар аст: **«Исо ҳар субҳ бо Падари Осмонӣ муошират намуда, ҳар рӯз аз ҷониби Ӯ бо Рӯҳулқудс таъмид дода мешуд»**[131]. Агар Худи Исо ба таъмиди ҳаррӯза аз Рӯҳулқудс ниёз дошт, пас то кадом андоза бештар мо ба ин ниёз дорем!

130 Э. Уайт. Шумо неруро мепазиред, с. 14 (асли).

131 E. G. White, Signs of Time, Nov, 21, 1895

ФАСЛИ 7

# ШАВҚ ВА ШАҲОДАТ

***Чӣ тавр ман метавонам ба нафари дигар дар дарёфтани зиндагии пурфайзу фаровон мадад расонам?***

*Шодие, ки мо тақдим мекунем,*
*ба қалбҳои мо бармегардад.*

*Зарбурмасали олмонӣ*

## ИШТИЁҚРО БА ҲАЁТИ РӮҲОНӢ ЧӢ ТАВР БЕДОР СОЗЕМ?

Роҳбарону аъзои калисо кадом корро метавонанд анҷом диҳанд? Дар поён чанд фикр оиди он ки мо ҳамчун роҳбарон (президентҳо, кашишҳо, котибони калисоҳо, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва дигар одамони масъул) кадом корҳоро метавонем якҷо бо калисоҳо ва гурӯҳҳои худ ба сомон расонем, пешниҳод карда мешавад.

### Имкониятҳо

**1. Вохӯриҳои дукаса.** Барномаро бо ҳамсари худ ё бо дигар шарики дуогӯйии худ гузаронед. Аз китоби якуми Деннис Смит «40 рӯзи ҷамъомад ва дуогӯйӣ барои омодагӣ ба Дуюмбора омадани Масеҳ» шурӯъ кунед. Аз рӯйи имконият китоби дувуми «40 рӯзи ҷамъомад ва дуогӯйии дар бораи таҷдидёбии муносибатҳои шахсӣ бо Худо»-ро мутолиа намоед. Агар зану

шавҳар дар хона якҷо ибодат кунанд, ин дар муносибатҳо баракатҳои зиёд ва меҳру дилбастагӣ меорад. Албатта, шумо метавонед барномаро бо нафари дигаре гузаронед. Аз ҳама беҳтар ин аст, ки агар ҳар нафар шахсан дар вохӯриҳо иштирок кунад, вале шумо метавонед бо телефон, скайп ё дигар воситаҳо робита барпо намоед. Ҷуфтҳои дуогӯй – ин воситаи ниҳоят самарабахш аст. Китоби Муқаддас дунафара дуо гуфтан (Матто, 18:19) ва дунафара кор карданро (Луқо, 10:1) тавсия медиҳад. Ба ин тариқ, ба якдигар ёрӣ расонидан ва таҷрибаҳои худро нақл кардан хеле осонтар аст.

**2. Рекламаи китоб.** Мисол:

Китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» дар ҳама забонҳое, ки аллакай тарҷума шудааст, дастрас мебошад.

Беш аз 80 шаҳодати хаттии хонандагон ва садҳо таҷрибаи шифоҳӣ далели баҳснопазири онанд, ки ин китоб махсусан пурарзиш аст:

- Ин китоб ҳолати рӯҳонии инсонро ошкор месозад (муфассалтар дар фасли 2).
- Қадамҳои заруриро ба ҳаёти рӯҳонӣ пешниҳод мекунад: вақфсозии ҳаррӯзаи худ ба Исои Масеҳ ва дуо барои пайдо кардани Рӯҳулқудс (Аъмоли ҳаввориён, с. 676). Қадамҳои дигари шахсиро Рӯҳулқудс ба ҳар нафар алоҳида ошкор месозад (муфассалтар дар фасли 3).
- Аз рӯйи ваъдаҳои Китоби Муқаддас дуо гуфтанро меомӯзад, ки ин дар пайдо кардани Рӯҳулқудс боварӣ мебахшад (муфассалтар дар фасли 5).
- Шодии бузург аз таҷдид шахсро ба шаҳодат додан ва паҳн кардани китоб водор месозад.

Мо аз таҷрибаи шахсии хонандагон ба хулосае омадем, ки омӯзиши китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» якҷо бо китобҳои якум ва дувуми «40 рӯз» натиҷаҳои ҳайратангез меорад. «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» чашми моро мекушояд ва дар масири ҳаёти нав бо Худо мадади пурзӯр мерасонад. Ин китобҳо ҳаёти рӯҳониро васеътар ва қавитар мегардонанд. Зиёда аз ин, баъди мутолиаи онҳо бисёр хонандагон таҷрибаи муоширати пагоҳирӯзиро бо Худо ба тарзи нав

дарк карданд ва дар ҷавоб ба дуоҳои хеш таҷрибаҳои зиёдро аз худ намуданд.

**3. Хондани иқтибосҳо ҳангоми ибодат.** Ҳар сари чанд вақт иқтибосҳои хурдро дар бораи ҳаёт дар Рӯҳулқудс ҳангоми ибодат пеш аз мавъиза хондан мумкин аст. (Аз панҷ то даҳ дақиқа). Маъхазҳои тавсияшуда дар қисми баъдина номбар шудаанд. Чунин таҷриба метавонад имондоронро рӯҳбаланд созад, то барои дар барномаи «40 рӯз» иштирок кардан ҷуфт-ҷуфт муттаҳид шаванд (ниг. банди 12).

**4. Иқтибосҳо аз адабиёти мо,** ки онҳоро барои дар миёни аъзои калисо паҳн кардан ё ҳангоми эълонҳо хондани онҳоро тавсия додан мумкин аст:

- Орзуи асрҳо, фасли 73 «Дили шумо музтариб нашавад»
- Аъмоли ҳаввориён, фасли 5 «Атои Рӯҳ».
- Сабақҳои аёнии Масеҳ, фасли 12 «Дархостан барои додан».
- Ганҷинаи шаҳодатҳо, ҷилди 3, «Ваъдаи Рӯҳ».
- Мулоҳизаҳо дар як рӯз аз хонишҳои пагоҳирӯзии Э. Уайт «Шумо неруро мепазиред».

**5. Таҷрибаҳо.** Ҳар қадаре имкон аст таҷрибаҳои рӯҳонии худро ҳангоми ибодат баён кунед. Ба ин таҷрибаҳои шахсӣ, таҷрибаҳои одамони дигар ва аъзои калисо мансуб аст. Шумо метавонед таҷрибаҳои зиёди хонандагони китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ»-ро дар сомонаи: https://steps-to-personal-revival.info/testimonies/ пайдо кунед.

**6. Семинари рӯзи шанбе иборат аз чор қисм.** Ин, эҳтимол, воситаи самараноктарини барангехтани шавқу завқи аъзои калисо аст. Ин усул се-чор рӯнамоиро дар назар дорад: шоми ҷумъа, рӯзи шанбе дар ибодаи пагоҳирӯзӣ ва бегоҳирӯзӣ. Мавзӯи эҳтимолӣ метавонад барномаи «Қадамҳо дар масири таҷдиди шасхӣ» бошад.

- Шоми ҷумъа – ин барои баёни таҷрибаҳо беҳтарин вақт аст, кӯшиш кунед таъсирбахштарин таҷрибаҳоро интихоб намоед. Агар мумкин бошад, ин бояд таҷрибаҳои шахсии ҳозирин бошад. Инчунин шумо метавонед мавзӯи «Худвақфсозӣ ба Исо»-ро истифода баред. Шумо метавонед фи-

крҳои зиёди илҳомбахшро дар фасли дувуми китоби «Ҳаёт дар Исо» пайдо кунед.

- Ҳангоми ибодати рӯзи шанбе аз китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» интихоб кардани фикрҳои калидиро тавсия медиҳем. Аниқтар гӯем, ду-се иқтибосро аз муқаддима, ки дар онҳо дар бораи ниёз ба Рӯҳулқудс сухан гуфта мешавад, интихоб кунед. Инчунин ба фикрҳо аз фасли якум «Исои Масеҳ дар бораи Рӯҳулқудс чӣ гуфтааст?» ва фасли дувум «Моҳияти мушкилиҳои мо дар чист?» рӯ оваред (агар хоҳед, метавонед онҳоро ба ду семинари алоҳида ҷудо кунед).
- Шоми якуми семинари рӯзи шанберо ба фикрҳо аз боби сеюм «Мушкилиҳои мо. Онҳоро чӣ тавр ҳал кардан мумкин аст?» метавон бахшид.
- Дар семинари дувум фикрҳои калидиро аз фасли панҷуми «Калиди таҷрибаи амалӣ» баён кунед.

Дар он калисоҳое, ки аллакай семинари «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» гузаронида шудааст, барномаи дигар ё семинарро аз рӯйи мавзӯъҳои китоби «Ҳаёт дар Исо» гузаронидан мумкин аст. Шумо инчунин метавонед чор фасли алоҳидаро чун мавзӯъҳои чор семинар истифода баред.

Аз фоида холӣ нест, агар шумо ба ташрифовардагони семинар маводҳои муайянро барои омӯзиш пешакӣ тақсим карда диҳед. Таҷриба нишон медиҳад, ки барномаи «40 рӯз»-ро дар рӯзҳои истироҳатии оянда баъди шанбеи шавқмандкунӣ (банди 12) ё дар як вақт якҷо бо мутолиаи китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» оғоз намудан беҳтар аст (банди 7).

**7. Мутолиаи якҷоя.** Як фасл дар як ҳафта. Дар як ҳафта як фаслро хондан таҷрибаи хеле одӣ ва бобарор аст (боз ҳам беҳтар аст, агар онро дар ин муддат чанд маротиба мутолиа намоянд). Шумо барои омӯзиш метавонед китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ», «Ҳаёт дар Исо» ё яке аз китобҳои «40 рӯз»-ро интихоб намоед. Гӯрӯҳ ё як калисо метавонанд рӯзи оғози барномаро якҷоя интихоб намоянд. Ин корро ҳангоми омодагӣ гирифтан ба семинаре, ки аз чор қисм иборат аст

(банди 6) ё баъди шанбеи шавқмандкунӣ анҷом додан мумкин аст. Ҳар як иштирокчӣ чӣ тавр хонданро худаш тасмим мегирад: танҳо, бо шарикаш ё дар гурӯҳ. Рӯзҳои шанбе хуб мешуд агар дар давоми панҷ дақиқа фикрҳои калидӣ аз маводи гузашта хонда ва ба одамон нақл кардани таҷрибаҳои шахсӣ пешниҳод карда шавад. Агар чунин одамон набошанд, шумо метавонед таҷрибаи дигаронро истифода кунед (пешакӣ чанд таҷрибаро аз қисми ТАҶРИБАҲО тайёр кунед). Баъд эълон кунед, ки ҳафтаи оянда кадом фаслро мехонед. Шумо метавонед китобҳои «40 рӯз»-ро дар сомонаи www.spiritbaptism.org фармоиш диҳед.

**8. Мавъиза дар бораи зиндагӣ дар Рӯҳулқудс.** Шумо метавонед худатон мавъиза гӯед ё меҳмонеро даъват кунед. Дуайт Нелсон чанд мавъизаи аҷибе дорад зери номи умумии: «Дар маркази таркиш ва Ислоҳоти нав: чӣ тавр аз Рӯҳулқудс таъмид бигирем?» Мавъизаҳо ва сабтҳоро дар саҳифаи ӯ бо нишонии: www.pmchurch.tv/sermons тамошо кунед.

**9. Курси дарсҳо дар бораи ҳаёт дар Рӯҳулқудс.** Шумо метавонед онҳоро худатон гузаронед ё якҷо бихонед.

**10. Гурӯҳҳои хурд ё гурӯҳҳои дуогӯяндагон.** Иштироккунандагони ин гурӯҳҳо метавонанд адабиёти пешниҳодшударо мутолиа намоянд ва дуо гӯянд. Инчунин ташкил кардани ҷуфтҳо барои барномаи «40 рӯз» ва дар як ҳафта як маротиба барои табодули таҷрибаҳо ва якҷо дуо гуфтан ҷамъ омадани тамоми гурӯҳ зарур аст (банди 12).

**11. Шанбеи мавъизаи Инҷил.** Ҳаёт дар Рӯҳулқудс моро мубаллиғи Инҷил мегардонад, бинобар ин хуб мебуд ҳар сари чанд вақт ё ҳатто пайваста рӯзи шанберо ба рӯзи мавъизаи Инҷил табдил диҳем. Ин қисми ҷудоинопазири зиндагии пешоҳангони мо буд. Пешгузаштагони мо ҳар шанбеи якуми моҳро ба мавъизаи Инҷил мебахшиданд. Шахс ё ҳатто гурӯҳи одамони масъул бояд дастаи дуогӯён ва маводи заруриро ташкил кунанд. Дар мувофиқат бо имкониятҳои зикршуда ин метавонад дар рӯзи шанбе саҳми асоснок ва мусбат гузорад. Зиёда аз он, ин метавонад рӯҳи мубаширии калисоро бедор созад.

**12. Омӯзиш ва муҳокимаи ғояи «40 рӯз».** Ин ғоя дар китобҳои якум, дувум ва сеюми «40 рӯз» дар қисми «Муқаддима ва тафсир» пешниҳод гардидааст. Шумо метавонед онро дар шӯрои калисо, шурои миссия ё конференсия муҳокима намоед. Инчунин ин ғояро дар вохӯриҳои кашишон, маҷлисҳои нимсола, ҷамъомадҳои калисо, вохӯриҳои ҷавонон, дар осойишгоҳҳо ё муассисаҳои таълимӣ пешниҳод намоед. Ин ғоя дар ҷанбаҳои зерин ёрӣ мерасонад:

- Дар пайдо намудани муносибатҳои шахсӣ бо Исо ба воситаи Рӯҳулқудс.
- Дар қавӣ гардидани рӯҳияи дуогӯйӣ ( ҳангоми дар танҳоӣ, дукаса ва дар гурӯҳҳо дуо гуфтан).
- Дар амиқтар гардонидани муносибатҳои шахсӣ.
- Дар қавӣ гардонидани ҳаёти рӯҳонӣ тавассути чил вохӯрӣ ва дуои ҳаррӯза дар бораи Рӯҳулқудс.
- Ба шафоат кардан барои одамоне, ки тарки имон кардаанд ва барои беимонҳо ва бо онҳо робита барпо намудан водор месозад.
- Ба мавъизаи Инҷил, хизмати мубашширӣ ва омӯзонидани дарсҳои Китоби Муқаддас.
- Ин дар се қадами рӯҳонӣ ба даст оварда мешавад:

◊ Барқароршавии рӯҳонии шахсӣ ба шарофати вохӯриҳои ҳаррӯза дар ҷуфтҳо (Ин муҳокимаи саволҳои дар китоб пешниҳодшуда ва дуоҳои ҳаррӯзаро дар бораи Рӯҳулқудс дар назар дорад).

◊ Дуоҳои шафоатгарона зери роҳбарии Рӯҳулқудс барои панҷ нафари беимон ё одамоне, ки тарки имон кардаанд, инчунин барпо намудани робита бо онҳо.

◊ Барномаҳои мавъизаи Инҷил (рӯнамоиҳо-семинарҳо, гурӯҳҳои мубашширӣ, дарсҳои омӯзиши Китоби Муқаддас, намоишгоҳҳои ба тандурустӣ марбут, намоишҳо ё барномаҳо дар бораи нубувватҳо ё кресионизм).

Барои касоне, ки ба созмондиҳии барномаи «40 рӯз» машғул мешаванд, дастурамали махсус омода шудааст, ки онро аз ин сомона: http://spiritbaptism.org/documents/40_Days_Instruction_Manual.pdf. пайдо кардан мумкин аст. Дар он ҳама

маслиҳатҳо барои бомуваффақият гузаронидани барномаи «40 рӯз» ҷо дода шудааст. Чунин роҳ – ин беҳтарин тариқи омодасозии калисо ва атрофиён ба барномаи дарпешистодаи мавъизаи Инҷил аст. Ҳамин тавр, роҳбарон ва ҳар як аъзои калисо рӯҳан омодагӣ мебинанд. Дуоҳои шафоатгарона ва муошират бо одамоне, ки барояшон дуо мегӯянд, барои мавъизаи Инҷил замина омода месозанд. Шумо метавонед намудҳои гуногуни мавъизаи Инҷилро ба кор баред. Китоби «40 рӯз»-ро метавонед дар марказҳои китобфурӯшии калисоҳои маҳаллӣ дархост намоед.

**13. Рекламаи** барномаи «40 рӯз»-ро ба ҳамаи аъзои калисо тақсим кунед. Омода намудани даъватномаҳое, ки дар онҳо сана ва вақти оғози барномаи «40 рӯз» дар калисои шумо нишон дода мешавад, аз манфиат холӣ нест.

**14. Маводеро** дар бораи барнома дар ахборномаи калисо (дар калисои маҳаллӣ, конференсия ва униони худ), дар нашрияҳои калисо, дар веб-сомона ҷой диҳед.

**15 Пурсиш.** Баъди рӯнамоӣ дар бораи Рӯҳулқудс ба иштирокчиён барои гузаронидани пурсиши беунвон варақча диҳед:

- Шахс чӣ қадар зуд-зуд дар бораи Рӯҳулқудс дуо мегӯяд: дар як рӯз чанд маротиба, ҳар рӯз, дар як ҳафта як маротиба, дар як моҳ як маротиба, боз ҳам камтар, ҳеҷ гоҳ.
- Оё ӯ дар дуоҳои худ дар бораи Рӯҳулқудс ваъдаҳои Китоби Муқаддасро истифода мебарад.

Ин воситаи хуби муайян намудани ҳолати ҷории калисои шумост.

Ҳама ташаббусҳои зикрёфтаро бо дуо ба ҷо овардан хеле муҳим аст. Хеле пурарзиш мешавад, агар шумо аз имондорони алоҳида, гурӯҳҳои **дуогӯй** ё ҳатто аз тамоми аъзои калисо барои ғояҳои алоҳида – барои амалӣ гардидан ва муваффақияти онҳо дуо гуфтанро хоҳиш намоед.

## АДАБИЁТРО ДАР БОРАИ ТАҶДИДЁБӢ ЧӢ ТАВР ПАХН БОЯД КАРД?

**Ҳадаф:**

Боре як бародар гуфт: «Ин паём бояд дар тамоми ҷаҳон ба қалби ҳар як адвентисти рӯзи ҳафтум роҳ ёбад. Ва ман ҳама кореро, ки аз ман вобаста аст, ба ҷо меоварам, то ин амалӣ гардад». Ва ӯ амал карда истодааст. Хоҳаре навишт: «Ин китобро ба забонҳои бештар густардаи ҷаҳон тарҷума кардан лозим аст. Беҳтараш ба тамоми забонҳо». Вай розигии конференсияи худро пайдо кардааст ва ин ҳақиқатро дар маҳалли зисти худ мавъиза мекунад. Илова ба ин, зери роҳнамоии Худо вай ҳазор нусхаи ин китобро дар маҳалли аҳолинишини ҳамсоя, ки пеш он ҷо ҳақиқати Инҷилро намепазируфтанд, ба одамон ҳадия кард.

**Рушд ва маблағҳо:**

Зери роҳнамоии Худо китоби «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ»-ро дар ҳар як оилаи адвентист комилан ройгон тақсим кардан зарур аст. Конференсияҳо ва унионҳои зиёд нусхаҳои ройгони ин китобро дар миёни имондорони маҳалли зисти худ аллакай паҳн кардаанд. Дар ин масъала Конференсияи Шведӣ-олмонӣ дар Швейтсария, униони австриягӣ дар Австрия ва конференсияи Баден-Вюртемберг дар Олмон аз аввалинҳо буданд. Ин лоиҳа зери роҳнамоии Худо рушд ёфта истодааст. Зери таъсири Ӯ ва бар ҳасби марҳамати Ӯ то соли 2017 беш аз 600 ҳазор нусха паҳн карда шуд. Мо шуморо ба дуо гуфтан барои он ки Худованд моро роҳнамоӣ намояд ва барои идома додани ин лоиҳа маблағ ато намояд, даъват мекунем. Одатан мо бо конференсияҳо ва унионҳое, ки буҷаи ғанӣ доранд дар мавриди пардохти муштараки хароҷотҳои ба интишорот марбут маслиҳат мекунем. Дар мавриди дигарон, бахусус миссияҳо, мо бо марҳамати Худо маблағгузориро сад дар сад ба уҳдаи худ мегирем. Вале хонанда бояд ин маводро ройгон дарёфт намояд, ҳатто агар гап сари теъдоди зиёди нусхаҳо равад ҳам.

**Хоҳиши боисрор**

Мо хоҳони онем, ки шумо тавонед ҳақиқатро ба дигарон мавъиза кунед. Бағоят муҳим аст, то шахсе, ки мехоҳад чизеро ба нафари дигаре бирасонад, худ бояд аз ин паём баракат ёфта бошад, дар қалби худ бо Исо зиндагӣ кунад ва ҳамарӯза аз Рӯҳулқудс таҷдид ёбад. Китоби «Орзуи асрҳо», с. 676-ро бихонед. Дар ин ҷо тавзеҳоти арзишманде ба суханони Исо аз Юҳанно 15:4 баён ёфтааст:

«Дар Ман бимонед ва Ман дар шумо». Ин чунин маъно дорад:

- дарёфти доимии Рӯҳулқудс;
- ҳаёти пурра ба хизмати Ӯ бахшидашуда.

Барои чӣ Исо ин маслиҳатро медиҳад? *«Инро ба шумо гуфтам, то ки шодии Ман* (шодии Исо яке аз атоҳои Рӯҳ аст дар Ғалотиён, 5:22) *дар шумо бимонад ва шодии шумо комил бошад»* (Юҳанно, 15:11).

## Имкониятҳо барои паҳн кардан:

Дуо.

Бағоят муҳим аст, ки паёми Инҷил ба шахси муайяне бо дуои шафоатгарона барои ҳамин шахс баён карда шавад. Дар китоби «Мавъизаи Инҷил» Э. Уайт мегӯяд: «Шумо бо дуоҳои зиёд бояд барои одамон заҳмат бикашед, зеро танҳо бо ин роҳ метавонед қалбҳои онҳоро ба даст биёред».

**Паҳн кардани китобҳои чопшуда.**

Шумо метавонед ба дигарон китобҳоро тақдим намуда, таҷрибаҳо ва таассуроти худро изҳор намоед. Ин одамон метавонанд дӯстон, роҳбарони шумо, афроде бошанд, ки дар калисо, конференсия ва унион вазифаи муайянеро ишғол мекунанд, роҳбарии нашриётҳо, лоиҳаҳои мубашширӣ ва дигар муассисаҳоро ба уҳда доранд. Инчунин шумо метавонед бо иҷозати созмондиҳандагон дар ягон ҷамъомади умумӣ тақсимоти оммавии китобҳоро ба роҳ монед. Дар хотир доред, ки ин китоб бояд ба ҳар як оилаи адвентист роҳ ёбад.

Онро инчунин тавассути почта ирсол кардан ё ба воситаи дӯстон таҳвил додан мумкин аст.

**Интишор дар интернет.**

Яке аз воситаҳои аз ҳама муосиртарини муошират – ин почтаи электронӣ аст. Ба ин тариқ паёми ин китоб ба Австралия роҳ ёфт, аз он ҷо ба Мизорам, Ҳиндустон. Он ба Покистон аз Бразилия интиқол ёфт. Сомонаи махсус созмон дода шуд: https://steps-to-personal-revival.info/ Шумо метавонед ахбори дар ин сомона дастрасро нусхабардорӣ кунед ё ин суроғаро ба истифодабарандагони зиёд ирсол намоед. Дар айни замон он ба забонҳои англисӣ ва олмонӣ дастрас аст. Ба наздикӣ бо иродаи Худо ва дастгирии мутарҷимони фидокор ин паём ба дувоздаҳ забон ва андаке баъд боз ба ҳашт забони дигар дастрас хоҳад гардид. Ва мо умедворем, ки Худо мадад мекунад, то ин кор дар оянда низ ривоҷ ёбад.

**Интишори шакли электронии китоб.**

Файлҳои ройгони электронии ин китоб дар сомонаҳои дар боло зикрёфта дар шаклҳои „epub“ и „mobi“ дастрасанд.

**Интишор тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ.**

Ба дӯстон ва шиносҳои худ додани суроғаи сомонаҳо ё суроғаи худи китоб дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Google+, Twitter ё WhatsApp хеле натиҷабахш аст. Вақте ки шумо суроғаҳоро медиҳед ва ба сомона даъват мекунед, шумо метавонед на танҳо воситаҳои робитаи худ, балки одамони дигарро дар мамлакатҳои гуногун ва ҳатто дар қитъаҳои дигар низ фаро гиред.

**Мавъизаҳо ва семинарҳо.**

Кашишҳо ва воизон имконияти хуб доранд паёми ин китобро ба аъзои калисо тавассути як ё силсилаи мавъизаҳо бирасонанд. Шумо метавонед ин корро дар асоси таҳқиқотҳои худ ба иҷро расонед ё маводҳоро аз ин китоб истифода баред. «Пеш ман кӯшиш мекардам дар мавзӯе, ки аъзои калисо ал-

лакай шунида ё хонда буданд, мавъиза нагӯям. Имрӯз ба шарофати таҳқиқотҳои педагогӣ ман боварӣ ҳосил намудам, ки чунин мавзӯи муҳимро 6–10 маротиба омӯхтан ва шунидан лозим аст». (Таҷрибаи шахсӣ ва маслиҳати бародар Гелмут Хаубайл). Аз рӯйи хоҳиш шумо метавонед ишора намоед, ки аз ин китоб иқтибос меоред.

Агар шумо истеъдоди мавъиза гуфтан надоред, метавонед ба дигарон аз ин мавзӯъ истифода бурданро маслиҳат диҳед.

Семинари рӯзи шанбе бо унвони «Қадамҳо дар масири таҷдиди шахсӣ» бояд ҳадди аққал аз се мавзӯъ иборат бошад:

1. Мавъиза:

**Асли мушкилоти мо дар чист?**

Оё мушкилоти мо асоси рӯҳонӣ доранд?

Оё мо ба Рӯҳулқудс ниёз дорем?

Ман ҳаёти рӯҳонии худро чӣ гуна арзёбӣ мекунам?

(Инҳо фикрҳои асосии сарсухани фаслҳои якум ва дувуми ин китоб мебошанд).

2. Барномаи баъди нисфирӯзӣ:

**Мушкилоти мо ҳал мешаванд. Вале чӣ тавр?**

- Зиндагии саодатмандона, хушҳолона ва қавию устувори масеҳиёнаро чӣ тавр ба роҳ монем?
- Чӣ тавр Рӯҳулқудс ҳаёти моро пур мекунад? Ибораи махфӣ - «ҳар рӯз».

(Инҳо фикрҳои асосии фасли сеюм мебошанд).

3. Идомаи барномаи баъди нисфирӯзӣ ё барномаи бегоҳӣ

**Бандҳои калидии татбиқи амалӣ. Дар таҷриба чӣ тавр татбиқ намоем.**

- Чӣ тавр ман метавонам нақшаи Худоро нисбати ман дар амал татбиқ намоям ё биозмоям?
- Чӣ тавр ман бояд дуо гӯям, то ба пур шудан аз Рӯҳулқудс мутмаин бошам?

(Инҳо фикрҳои асосии фасли панҷум мебошанд).

## Шаҳодатҳои шахсӣ

Хеле муҳим аст баён кардани шаҳодатҳои шахсӣ дар мавриди бандҳои зерин:

- таассурот ва дарёфтҳои шумо аз омӯзиши ин мавод;
- меваҳое, ки ин паём ба шумо ато кард.

## Тарҷума ба забони модарӣ

Агар ин китоб ҳанӯз ба забони модарии ту тарҷума нашуда бошад, эҳтимол, ту бо дуо ва роҳнамоии Худо метавонӣ нафареро пайдо намоӣ, ки мехоҳад ин корро анҷом диҳад. Афзалияти бузург хоҳад буд тарҷумоне, ки худ аз мутолиаи ин китоб таҷдид ёбад. То кунун аксарияти тарҷумонҳо ин корро ройгон анҷом доданд, зеро худ низ дар интишор ёфтани ин паём ҳавасманд буданд. Вале барои баъзеҳо кори тарҷумонӣ васила и пайдо намудани даромад аст. Дар чунин мавридҳо тарҷумонҳо маблағи қобили қабулро гирифтанд. Мо сипосгузор хоҳем буд, агар дар масъалаи тарҷума шумо бевосита бо бародар Гелмут Хаубайл робита намоед. Ӯ метавонад чанд маслиҳат диҳад, инчунин ба манфиати ӯст, ки китоб дар ҳама забонҳо бо як андоза чоп гардад.

## ХУЛОСА

Мо дар Рӯҳулқудс роҳнамои хубро дар тамоми ҳолатҳои зиндагӣ ва неруи бо сарвати ҷалоли Ӯ муқоисашавандаро соҳибем.

Ба шарофати Ӯ хислати мо дигаргун мешавад ва дар кори Худо воситаи арзишманд мегардад. Худвақфсозӣ ва таъмиди ҳаррӯза аз Рӯҳулқудс метавонанд сабаби комёбии ҳақиқӣ дар зиндагии шумо гарданд.

Худованд мехоҳад моро ба воқеаҳои бузургтарин дар таърихи ҷаҳон омода кунад. Ӯ хоҳони он аст, ки ҳар яки мо шахсан ба омадани Ӯ омода бошем, бо неруи Рӯҳулқудс барои ба анҷом расонидани кори Инҷил якҷо заҳмат бикашем. Ӯ мехоҳад моро аз замонҳои мушкили оянда ғолиб берун оварад.

Ба Худо иҷозат диҳед тавассути худвақфсозии ҳаррӯза ва таъмиди ҳаррӯза аз Рӯҳулқудс қалби шуморо таҷдид ва дигаргун созад.

Мехоҳам бо ояте аз Китоби Муқаддас ва дуо дар бораи таҷдидёбӣ китобамро ба анҷом расонам:

*«Ва қавми Ман... гардан фуроварда, дуо гӯянд ва рӯйи Маро ҷӯё шаванд ва аз роҳҳои бади худ баргарданд, – он гоҳ Ман аз осмон шунида, гуноҳҳои онҳоро хоҳам омурзид ва замини онҳоро шифо хоҳам дод»* (2 Вақоеънома, 7:14).

*Дуо: Падари Осмонӣ, хоҳиш мекунем, ба мо фурӯтанӣ ато намо (Мико, 6:8). Дар қалби мо хоҳиши пурзӯри дуо гуфтан ва рӯйи Туро ҷӯё шуданро ҷой деҳ. Ба мо мадад расон, то барои бозгаштан аз роҳҳои бади худ хоҳиш ва неру дошта бошем. Лутфан, дар ҳаёти мо ҳама шарту шароитро ба иҷро бирасон ва тибқи ваъдаи Худ иҷозат бидеҳ ҷавоби Туро бишнавем. Моро барои гуноҳҳоямон биомурз ва аз ҳолати ширгарм ва муртадӣ шифо бидеҳ. Лутфан, ба мо барои ҳар рӯз худро ба Исо бахшидан ва Рӯҳулқудсро бар ҳасби имон пайдо кардан мадад бирасон. Омин.*

*«Мо таҷдидёбиро танҳо дар ҷавоб ба дуо метавонем мунтазир шавем»*[132]. *«Таъмид аз Рӯҳулқудс, мисли рӯзи Пантикост, боиси таҷдиди дини ҳақиқӣ ва ба иҷро расонидани бисёр аъмоли муъҷизаосор мегардад»*[133].

---

[132] Э. Уайт. Паёмҳои баргузида, ч. 1, с. 121 (аслӣ).

[133] Ҳамон ҷо, ч. 2.

# З А М И М А

## ДАСТУРАМАЛ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ БАРНОМАИ «40 РӮЗ»

Маводи зиёди муфидро барои ташкил намудани барномаи «40 рӯз» ва барномаи баъдинаи мавъизаи Инҷилро аз рӯйи китоби Деннис Смит дар сомонаи www.SpiritBaptism.org пайдо кунед.

### Таҷрибаҳои нав дар ҳаёт бо Рӯҳулқудс

Худованди мо Исо мегӯяд: «Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва… шоҳидони Ман хоҳед буд» (Аъмол, 1:8).

**Хоҳиши махсус:** Агар дар зиндагии шумо бо Рӯҳулқудс ягон таҷрибаи шахсӣ дар муносибатҳо ё дар шаҳодатҳо рӯй диҳад, мо ниҳоят сипосгузор хоҳем буд, агар саргузашти худро ба таври кӯтоҳ ба Гелмут Хаубайл нависед, то ӯ тавонад онро дар рӯзномаи «Missionsbrief», ки дар Олмон нашр мегардад, чоп кунад. Лутфан, агар хоҳед, танҳо сарҳарфҳои худ ё номи пурраи худ ва калисоеро, ки шумо ба он меравед, нишон диҳед. Дар хотир доред, ки таҷрибаи шумо метавонад дигаронро дар рушди рӯҳонӣ дар Рӯҳулқудс тақвият бахшад, то онҳо дар ибтидои роҳ бо Рӯҳулқудс ҷасорат дошта бошанд.

**Робита:**
Helmut Haubeil
Rosenheimerstr. 49
D-83043 Bad Aibling / Oberbayern, Germany
Tel. +49 (0)8061-4900712
E-Mail: helmut@haubeil.net
Забони мактуб: олмонӣ ва англисӣ.

## ШУМО МЕТАВОНЕД ИН КИТОБРО БА ЗАБОНИ РӮСӢ ФАРМОИШ ДИҲЕД:

Дар Федератсияи Руссия ва ДММ:
**Нашриёти «Источник жизни»**
- Интернет-магазин: www.7knig.org
- Тел. оҷил: 8 800-100- 54-12
- Китоб тавассути почта: books@ lifesource.ru

Дар кишварҳои аврупоӣ:
**Christa Medien GmbH**
Pulverweg 6, D-21337 Lüneburg
Deutschland
Tel. +49 4131 9835-580,
www.christa-medien.eu
und www.christa-shop.eu
E-Mail: info@christa-medien.eu

## БА ЗАБОНҲОИ ДИГАР:

**USA, Canada:**
Roy Rugless
Email: pastorug@bellsouth.net
Phone: (256) 520 - 7077 Dennis
Smith smith06515@msn.com

**Philippines:**
Allan D. Faina,
Email: allan@lightingtheworld.org
Address: SDA church,
Fidela Herrera Subd, Bgy. Santol,
Tanza, Cavite-4108 Philippines
Phones: (63) 926 054 1175

**Germany and abroad:**
Wertvoll leben, Im Kiesel 3, D-73635
Rudersberg/Württ.
www.wertvollleben.com, Email:
info@wertvollleben.com
Phone: +49 (0)7183 / 309 98 47

**Austria:**
TOP Life Wegweiser-Verlag,
Prager Str.287, A-1210 Wien/Vienna
www.toplife-center.com,
Email: info@wegweiser-verlag.at
Phone +43 [0] 13199301-0

**Austria and Germany:**
Adventist Book Center, Bogenhofen,
A-4963 St.Peter/Hart www.
adventistbookcenter.at, Email: info@
adventistbookcenter.at Phone +43-
(0)-2294000

**Switzerland:**
Advent-Verlag, Leissigenstr. 17,
CH-3704 Krattigen www.av-
buchshop.ch, Email: info@
adventverlag.ch Phone +41 33 654
1065

**Australia:**
Colin Hone
colin.hone@murrayhone.com.au

Нусхаи аслии китоб ба забони олмонӣ навишта шудааст. Китоб ба забонҳои англисӣ, русӣ, булғорӣ, даниягӣ, франсузӣ, хорватӣ, полякӣ, португалӣ, руминӣ, сербӣ, словенӣ, испанӣ, чехӣ, венгерӣ, индонезӣ, амхарӣ, ветнамӣ, инчунин ба забонҳои ҳиндӣ, телуги, урду, мизо, киняруандӣ, кирундӣ тарҷума шудааст. Китобро ба ин забонҳо ва ба дигар забонҳои тарҷумашуда дар суроғаи зерин дарёфт кардан мумкин аст:

**www.schritte-for-personal-erweckung.info**
ё **www.steps-to-personal-revival.info**

Муаллиф тарҷумаи китобро ба забонҳои дигар қабул дорад. Агар шумо дар ин кор мадад расонидан мехоҳед, бо муаллиф дар иртибот шавед.

© by Helmut Haubeil

# *Қадамҳо*
# ДАР МАСИРИ ТАҶДИДИ ШАХСӢ

Маҳз ҳузур надоштани Рӯҳулқудс хизмати мавъизаи Инҷилро ин қадар заиф мегардонад. Донишмандӣ, истеъдод, суханварӣ, ҳама гуна қобилияти модарзодӣ ё азхуднамуда метавонанд ҷой дошта бошанд, вале бидуни Рӯҳулқудс ягон қалб наметавонад тасхир гардад, ягон гунаҳкор барои Масеҳ бозхарид намешавад. Аз ҷониби дигар, фақиртарин ва ҷоҳилтарин шогирдони Ӯ неруеро, ки ба қалбҳо хитоб мекунад, дарёфт мекунанд, агар онҳо бо Масеҳ ҳамроҳ шаванд ва атоҳои Рӯҳро пайдо намоянд. Худо онҳоро воситаҳои интиқоли таъсиру нуфузи олитарини Коинот мегардонад.

Барои чӣ мо гурусна ва ташнаи атои Рӯҳ нестем, охир ин воситаест, ки бо ёрии он метавон неру пайдо кард? Барои чӣ мо дар ин бора ҳарф намезанем, дуо намегӯем ва инро мавъиза намекунем? Худованд майли бештаре дорад ба мо Рӯҳулқудсро ато намояд, назар ба волидайне, ки барои фарзандони худ амали некеро анҷом додан мехоҳанд.

*Шаҳодатҳо барои Калисо, ҷ. 8. с. 21*